*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№21 (12505)
22 майи
соли 2025

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО



## Мо бояд барои ободу зебо гардонидани Ватани азизамон – Тоҷикистон бештар заҳмат кашем

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар семинар-машварати ҷумҳуриявӣ бо роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар дар ноҳияи Данғара**

**17.05.2025**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Семинар – машварати имрӯза дар давраи ба анҷом расидани мавсими кишту кори баҳорӣ, ҷамъоварии маҳсулоти барвақтии кишоварзӣ ва омодагӣ ба гузаронидани кишти такрорӣ баргузор мегардад.

Вазъият ва шароити замони муосир аз мо талаб мекунад, ки беш аз ҳар вақти дигар заҳмат кашем ва истифодаи самараноки тамоми имконияту иқтидорҳои мавҷудаи кишварро таъмин намоем.

Дар робита ба ин, мо тасмим гирифтем, ки имрӯз вазъи воқеии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз ҷумла, саноату кишоварзӣ ва дигар бахшҳои иқтисоди миллиро мавриди таҳлил қарор дода, масъалаҳои марбут ба таъмини фаъолияти мунтазами онҳо, боло бурдани самаранокии истеҳсолот, баланд бардоштани сатҳи маданияти истифодаи замину об, инчунин, вазъи корҳои созандагиву ободонии кишварро баррасӣ ва чораҷӯйӣ намоем.

Дар чор моҳи аввали соли ҷорӣ суръати рушди иқтисоди миллӣ 8,2 фоиз афзоиш ёфта, сатҳи таваррум 1,8 фоизро ташкил дод.

Дар ин давра нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ 110,6 фоиз иҷро гардида, маблағгузории соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии кишвар таъмин карда шуд. Вале нақшаи воридоти андозҳо ва пардохтҳо дар 5 шаҳру ноҳияи кишвар, аз ҷумла, Сангвор, Левакант, Ёвон, Панҷакент ва Ишкошим иҷро нагардидааст. Аз ин ҳисоб ба буҷети давлат беш аз 90 миллион сомонӣ ворид нашудааст, ки нигаронкунанда мебошад.

Бинобар ин, ба роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, Вазорати молия ва Кумитаи андоз супориш дода мешавад, ки ҷиҳати сари вақт ва пурра ҷамъоварӣ намудани андозҳо, кам кардани бақияпулии онҳо, дарёфти манбаъҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ ва таъмин намудани самаранокии хароҷоти захираҳои молиявӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Тайи моҳҳои январ – апрели соли 2025 ба иқтисодиёти кишвар 15,4 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 49 фоиз зиёд мебошад.

Бо вуҷуди ин, ҳиссаи сармояи мустақими хориҷӣ дар ҳаҷми умумии сармояи хориҷӣ чандон назаррас набуда, ҳамагӣ 812 миллион сомонӣ ё 5,5 фоизро ташкил додааст.

Ҷалби сармояи хориҷӣ дар ин давра дар вилояти Хатлон ҳамагӣ ба 27 миллион сомонӣ расида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 63 фоиз коҳиш ёфтааст ва сармояи мустақими хориҷӣ дар вилоят умуман ба қайд гирифта нашудааст.

Чунин ҳолат дар дигар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар низ мушоҳида мегардад.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, роҳбарияти вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла, вилояти Хатлон ва вазорату идораҳои марбутаро зарур аст, ки фаъолияти худро ҷиҳати ҷалби сармояи мустақим барои татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар, аз ҷумла, саноатикунонии босуръат ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ куллан вусъат бахшанд.

Аз ҷониби ташкилотҳои қарзии кишвар ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва аҳолӣ дар моҳҳои январ – апрели соли ҷорӣ 9,1 миллиард сомонӣ пешниҳод шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 37 фоиз зиёд мебошад. Вале ҳаҷми он барои рушди бемайлони соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҳоло ҳам нокифоя мебошад.

Дар ин давра аз ҳаҷми умумии қарзи додашуда ҳамагӣ 14 фоиз ба соҳаи кишоварзӣ ва 11 фоиз ба соҳаи саноат рост меояд, ки барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда кофӣ нест. Ҳамзамон бо ин, 49 фоизи қарзи додашуда дар кишвар ба истеъмолот рост меояд, ки ин низ бо ҳадафҳои пешбинигардида мутобиқат надорад.

Бонки миллӣ ва дигар ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки барои таъмин намудани дастрасии соҳибкорони хурду миёна ба қарзҳои имтиёзнок ва дарозмуҳлат, махсусан, дар соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ чораҳои амалӣ андешанд.

Қобили зикр аст, ки барои вусъат бахшидани раванди рушди устувори соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар Паёми Роҳбари давлат солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шуданд.

Дар робита ба ин, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва гузариш ба низоми пурраи пардохтҳои ғайринақдӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва соҳаҳои мухталиф талаби қатъии замони муосир буда, дар ин самт бояд тадбирҳои таъхирнопазир андешида шаванд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар моҳҳои январ – апрели соли 2025 дар кишвар дар ҳаҷми 18,9 миллиард сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 25,2 фоиз зиёд мебошад.

Аммо афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ асосан аз ҳисоби 1,9 баробар рушд кардани саноати истихроҷ таъмин гардида, суръати рушди саноати коркард ҳамагӣ 3,5 фоизро ташкил додааст.

Ба рушди соҳаи саноати коркард коҳишёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ таъсири манфӣ расонидааст.

Кам гардидани истеҳсоли нахи пахта (10,8 ҳазор тонна) ва газворҳои пахтагин (1,3 миллион метри мураббаъ) омили асосии коҳишёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ мебошад.

Бинобар ин, Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, вазорату идораҳои марбута, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати ташкили маҷмааҳои нассоҷӣ дар кишвар ва бо ин роҳ афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа бо арзиши баланди иловашуда ва содироти он тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд.

Дар моҳҳои январ – апрели соли ҷорӣ дар кишвар 121 корхонаи нави саноатӣ ба истифода дода шудааст, аммо дар вилояти Хатлон – шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Норак, Носири Хусрав, Шамсиддин Шоҳин, Дӯстӣ, Фархор, Панҷ, Ҷайҳун, Ҷалолиддини Балхӣ ва дар вилояти Суғд дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Истиқлол ягон корхона ё коргоҳи нав таъсис дода нашудааст, ки ин беамалии масъулини соҳаро нишон медиҳад. Инчунин, дар ин давра дар кишвар 159 корхона аз фаъолияти истеҳсолӣ бозмондааст.

Дар давраи зикршуда дар аксари шаҳру ноҳияҳои кишвар либоси мактабӣ истеҳсол нагардидааст, ки хеле нигаронкунанда мебошад.

Камбудиҳои зикршуда сабаби сари вақт ва сифатнок иҷро нашудани барномаҳои рушди соҳаи саноат, бахусус, дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар гардида истодаанд.

Зарур аст, ки камбудиҳои ҷойдоштаи соҳа бартараф ва масъалаҳои ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав ва зиёд намудани суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, бахусус, дар соҳаҳои коркард сари вақт ҳаллу фасл карда шаванд.

Бори дигар таъкид менамоям, ки имкониятҳои истифоданашуда дар самти рушди саноат дар минтақаҳои кишвар, махсусан, саноати коркард дар вилояти Хатлон ниҳоят зиёданд ва ҷиҳати пурра истифода намудани онҳо

*(Давомаш дар саҳ. 2-4)*

Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj | Телефон барои тамос: 225-81-55

# Мо бояд барои ободу зебо гардонидани Ватани

*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

ташаббускории роҳбарону масъулони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, вазорату идораҳои соҳавӣ, ҷалби сармояи мустақими ватаниву хориҷӣ ва воридоти технологияҳои пешқадам зарур мебошад.

Вазорати саноат ва технологияҳои нав, дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар иҷрои супоришҳои қаблан додашударо оид ба рушди соҳаҳои саноат, аз ҷумла коркарди пурраи захираҳои ашёи хоми ватанӣ, инчунин, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва ивазкунандаи воридот ҳатман таъмин намоянд.

Ҳамзамон бо ин, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳоро лозим аст, ки ҷиҳати бо ҷойи кори доимӣ таъмин намудани аҳолии кишвар чораҳои иловагӣ андешанд.

Бо мақсади ноил гардидан ба истиқлоли энергетикӣ дар кишвар аз ҷониби давлату Ҳукумат чораҳои назаррас амалӣ шуда истодаанд.

Дар баробари ин, зарур аст, ки ба масъалаи сарфаҷӯйӣ ва истифодаи самараноки неруи барқ аҳаммияти ҷиддӣ дода шавад. Зеро талафоти неруи барқ, хусусан, талафоти ғайритехникӣ ва истифодаи ғайриқонунии он ҳанӯз зиёд аст.

Талафоти неруи барқ дар соли 2024 ба 4,5 миллиард киловатт – соат ё 20 фоиз ва дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ ба 1,3 миллиард киловатт – соат ё 20,5 фоиз баробар гардидааст, ки боиси нигаронии ҷиддӣ мебошад.

Талафоти неруи барқ дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ, бахусус, дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ 69 фоиз, Ҳисор 51, Вахш 36, Данғара 35, Восеъ 34, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Ҳамадонӣ 33-фоизӣ, Ховалинг ва Кушониён 32, Шаҳринав 31, Левакант 30, Ваҳдат ва Фархор 29-фоизӣ, Ёвон ва Муъминобод 28-фоизӣ, Истаравшан ва Хуросон 27-фоизӣ, Панҷ ва Файзобод 26 фоизиро ташкил додааст, ки баландтарин дар кишвар ба ҳисоб меравад.

Инчунин, ҷамъоварии маблағи истифодаи неруи барқ 83,5 фоиз, аз ҷумла, аз ҳисоби аҳолӣ 89,9 фоиз иҷро гардидааст, ки қонеъкунанда нест.

Ин дар ҳолест, ки Тоҷикистон аз рӯйи арзонии неруи барқ дар қатори даҳгонаи аввали кишварҳои дунё қарор дорад.

Бо мақсади пешгирӣ кардани қонунвайронкуниҳо дар низоми энергетикии мамлакат, ба роҳ мондани назорати ҷиддии истифодаи неруи барқ ва комилан аз байн бурдани талафоти ғайритехникии он Агентии назорати давлатии энергетикии назди Президенти мамлакат таъсис дода шуда, дар қонунгузории кишвар барои истифодаи ғайриқонунии неруи барқ ҷавобгарии ҷиноятии мушаххас муқаррар карда шуд.

Вобаста ба ин, Агентии назорати давлатии энергетикӣ, Вазорати энергетика ва захираҳои об, Ширкати «Барқи Тоҷик», шабакаҳои интиқол ва тақсимоти барқ ва дигар ширкатҳои соҳа, роҳбарону масъулони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва воситаҳои ахбори омма бо ҷалби аҳли зиё ва фаъолони ҷомеа моҳияти муқаррароти нави қонунгузориро вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои истифодаи ғайриқонунии неруи барқ ба ҳар як оилаи кишвар ба таври васеъ ва мушаххас фаҳмонанд.

Дар баробари ин, фаъолиятро ҷиҳати самаранок истифода намудани неруи барқ, сарфаи он ва ҷамъоварии пурраи маблағи барқи истифодагардида тақвият диҳанд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Соли ҷорӣ буҳронҳои глобалию минтақавӣ шиддат гирифта, таъсири таҳримҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, канда шудани занҷираҳои истеҳсолу интиқоли маҳсулот, баҳсу низоъҳо вобаста ба ҷорӣ намудани боҷҳои гумрукӣ байни давлатҳо, болоравии нархи молу маҳсулот дар бозорҳои ҷаҳонӣ, бахусус, нархи маҳсулоти ниёзи аввал, инчунин, пайомадҳои тағйирёбии иқлим идома меёбанд.

Тибқи арзёбии коршиносон соли 2025 дар дунё соли гармтарин дар таърихи мушоҳидаҳо пешгӯйӣ шудааст.



Чунин омилҳо боиси мушкил шудани таъминоти аҳолии ҷаҳон бо озуқаворӣ гардида истодаанд.

Равандҳои мазкур ба кишвари мо низ бетаъсир нестанд ва мо бояд барои пешгирӣ кардани оқибатҳои манфии онҳо ҳаматарафа омода бошем.

Мо бояд барои ҳифзи амнияти озуқаворӣ дар кишвар тамоми тадбирҳои заруриро андешида, ҷиҳати кам кардани вобастагии бозори истеъмолӣ аз молу маҳсулоти воридотӣ аз ҳамаи имконияту захираҳои мавҷуда пурра ва самаранок истифода намоем.

Дар ин ҷода сохтору мақомоти дахлдор, соҳибкорону роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кулли шаҳрвандони мамлакат вазифадоранд, ки истифодаи самараноку сарфакоронаи обу замин, ҳусусан, заминҳои наздиҳавлигӣ ва президентӣ, васеъ ва ҳатман ба роҳ мондани кишти такрориро таъмин намоянд.

Инчунин, сохтору мақомоти марбутаро зарур аст, ки доир ба ҷорӣ намудани технологияҳои каммасрафи обёрӣ, ҳифзи зироатҳо аз касаливу ҳашароти зараррасон, рушди соҳаи тухмипарварӣ, ҳалли масъалаҳои экологӣ ва пешбурди таҳқиқоти илмӣ дар ин самтҳо тадбирҳои мушаххас андешанд.

Бори дигар таъкид менамоям, ки танҳо бо саъю талоши ҳар як сокини мамлакат ва дар навбати аввал, роҳбарону кормандони соҳаи кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои худӣ мо метавонем ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ, яъне, ҳифзи амнияти озуқаворӣ, дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар ноил гардем.

Барои таъмин намудани фаровонии бозори истеъмолии дохилӣ бо маҳсулоти ниёзи аввал, ташкил кардани захираи кофии он, аз ҷумла, дар ҳар як оила, роҳ надодан ба исрофкорӣ ва хароҷоти барзиёд ва риояи ҳатмии қоидаҳои сарфаю сариштакорӣ ҳар як роҳбар, шахси масъул ва ҳар як шаҳрванд бояд муносибати ҷиддӣ ва масъулияти баланд зоҳир намояд.

Дар ин раванд, ба ташкили фаъолияти муназзами ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, бомаром идома додани нақшаҳои созандагиву бунёдкорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҷалби ҳарчи бештари сармояи ватаниву хориҷӣ, истифодаи самараноки манбаъҳои мавҷуда, дарёфти сарчашмаҳои иловагии рушд ва дигар тадбирҳо бояд эътибори аввалиндараҷа ва доимӣ дода шавад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ бо дастгирии Ҳукумати мамлакат дар соҳаи кишоварзӣ 23 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 5,8 миллиард сомонӣ татбиқ шудааст.

Ҳоло боз 8 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 3,9 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст.

Ҳамзамон бо ин, барои рушди бахшҳои мухталифи соҳаи кишоварзӣ 8 барномаи давлатӣ қабул ва мавриди амал қарор дорад, ки татбиқи саривақтии онҳо яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи масъулини соҳа мебошад.

Дар чор моҳи аввали соли 2025 дар кишвар ба маблағи 6 миллиарду 94 миллион сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7,7 фоиз зиёд мебошад.

Вале нишондиҳандаи мазкур бо дарназардошти ҳадафҳои гузошташудаи стратегӣ ва имкониятҳои кишвар ҳанӯз кофӣ нест.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди таъмин гардидани рушди соҳа на ҳамаи шаҳру ноҳияҳо имкониятҳои мавҷударо самаранок истифода кардаанд, ки ин боиси коҳишёбии истеҳсоли баъзе намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ гардидааст.

Аз ҷумла, истеҳсоли гӯшт ва тухми паранда дар як қатор шаҳру ноҳияҳои кишвар коҳиш ёфтааст.

Баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ аз истифодаи самараноки захираҳои замину об вобастагӣ дорад.

Қариб 60 фоизи заминҳои корами обӣ тавассути пойгоҳҳои обкашӣ обёрӣ шуда, аз фаъолият бозмондани онҳо хеле ташвишовар мебошад.

Ҳоло дар кишвар 56 пойгоҳи обкашӣ, аз ҷумла, дар вилоятҳои Хатлон 18, Суғд 16 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 22 пойгоҳ фаъолият надорад, ки дар натиҷа беш аз 12 ҳазор гектар замини кишоварзӣ бе об мондааст.

Чунин вазъият аз роҳбарияти Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Вазорати кишоварзӣ, дигар вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ андешидани чораҳои фавриро тақозо менамояд.

Сохторҳои зикршуда вазифадор карда мешаванд, ки аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда дар ҷамъбасти сол ба Ҳукумати мамлакат ҳисоботи мушаххас манзур намоянд.

Аз ҷониби дигар дар ноҳияҳои Дарвоз, Лахш, Ишкошим, Рошткалъа, Ҷайҳун, Қубодиён, Деваштич ва Шаҳристон амалисозии нақшаи Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда барои солҳои 2022 – 2027 таъмин нагардидааст.

Бинобар ин, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки барои сари вақт амалӣ намудани барномаҳои соҳавӣ ва пешгирии ҳолатҳои шӯршавӣ, эрозия, зиёд шудани заминҳои партов, аз гардиши кишоварзӣ берун мондани онҳо, инчунин, аз худ кардани заминҳои нав ва бо усули обёрии қатрагӣ зиёд намудани масоҳати заминҳои кишт тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Фаромӯш набояд кард, ки замин манбаи истеҳсоли маҳсулот, фаровонӣ, арзон шудани нархи маводи ғизоӣ, инчунин, ҷойи кор барои мардум мебошад.

Ҳарчанд ки ба ҳолати 12-уми май дар кишвар дар майдони 415 ҳазор гектар ё 94 фоизи дурнамо кишти баҳорӣ анҷом дода шудааст, вале иҷрои дурнамои кишти картошка ҳамагӣ 73 фоиз ва сабзавот 91 фоизро ташкил медиҳад.

Аз ҷумла, кишти картошка дар вилояти Хатлон – ноҳияҳои Ховалинг 25 фоиз, Муъминобод 40, Шамсиддин Шоҳин 42, Балҷувон 66 ва Шаҳритус 90 фоизи дурнаморо ташкил додааст.

Кишти картошка дар вилояти Суғд дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 47 ва Истаравшан 82 фоизи нақшаи дурнаморо дар бар мегирад.

Чунин ҳолат дар аксари шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ ба назар мерасад.

Иҷрои дурнамои кишти картошка дар шаҳру ноҳияҳои Файзобод 41 фоиз, Варзоб 50, Ҳисор 63, Турсунзода ва Шаҳринав 74-фоизӣ, Рӯдакӣ 78 ва Ваҳдат 91 фоизро ташкил додааст.

Инчунин, тибқи маълумоти фаврӣ дар масоҳати 181 ҳазор гектар кишти пахта гузаронида шудааст, ки 97 фоизи дурнамои пешбинигардида мебошад.

Дар ин давра қафомонии кишти пахта дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, аз ҷумла, Зафаробод, Мастчоҳ, Конибодом, Ҷаббор Расулов ва дар шаҳри Ваҳдат ба назар мерасад, ки такроршавии камбудии соли сипаригардида дар самти таъмини дурнамои кишт ва истеҳсоли пахта аз эҳтимол дур нест.

Ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳо дар ин ҷода иҷрои супоришҳои аз ҷониби Роҳбари давлат додашуда доир ба рушди соҳаи пахтакорӣ ва коркарди минбаъдаи пахта то маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда аз ҷониби роҳбарони вазорату идораҳо ва раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бояд қатъӣ таъмин карда шавад.

Ҳамзамон бо ин, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо якҷо бо хоҷагиҳои кишоварзӣ ҷиҳати иҷрои дурнамои кишти зироатҳо, хусусан, пахта, картошка ва ғалладонагиву лӯбиёгиҳо, кишти такрорӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо чораҳои зарурӣ андешида, рушди муназзами истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва афзоиши содироти маҳсулотро таъмин намоянд.

Вазорати кишоварзӣ, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати пурра ба анҷом расонидани кишти баҳории зироатҳо, иҷрои нақшаи кишти такрорӣ ва гирифтани 2 – 3 ҳосил тадбирҳои муассир андешида, масъалаи таъмин намудани хоҷагиҳоро бо тухмии аълосифати картошкаву сабзавот ва дигар намуди зироатҳо, инчунин, нуриҳои маъданӣ зери назорати қатъӣ қарор диҳанд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки барои сари вақт ва беталаф ҷамъоварӣ намудани ҳосили ғалладона чораҷӯӣ карда, кишти такрорӣ бештар аз ҳисоби картошка, шолӣ, маккадон ва лӯбиёгиҳо васеъ ба роҳ монда шавад.

Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Агентии омор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки баҳисобгирии дурус-

**Дар шаҳри Душанбе Форуми ҷавонони ноҳияи Фирдавсӣ баргузор шуд.**

# азизамон – Тоҷикистон бештар заҳмат кашем

ти нишондиҳандаҳои соҳа ва эътимоднокии маълумоти омориро таъмин намоянд.

Пайдоиш ва паҳншавии ҳашароти зараррасон яке аз мушкилоти солҳои охир дар соҳаи кишоварзии мамлакат мебошад.

Соли ҷорӣ ин ҳолат бештар дар заминҳои чарогоҳи ноҳияҳои Данғара, Восеъ ва Вахш ба қайд гирифта шудааст.

Чораҳое, ки аз ҷониби сохторҳои дахлдори Вазорати кишоварзӣ барои пешгирии пайдоиш ва паҳншавии ҳашарот андешида мешаванд, кифоя ва самаранок нестанд.

Дар баробари ин, заминистифодабарандагон ба масъалаи пешгирӣ кардани пайдоиши ҳашароти зараррасон бетаваҷҷуҳӣ зоҳир мекунанд.

Вобаста ба ин, Вазорати кишоварзӣ, Муассисаи давлатии муҳофизати растаниҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки барои тақвияти фаъолияти ситодҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ, инчунин, ҷалби бештари хоҷагиҳои кишоварзӣ ва истифодабарандагони чарогоҳҳо дар самти мубориза бо ҳашароти зараррасон ҳамаҷониба чораҷӯйӣ намоянд.

Инчунин, зарур аст, ки дар ин самт бо Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкории судманд ба роҳ монда шавад.

Ҳарчанд дар кишвар барои рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ шароити мусоид мавҷуд аст, вале истеҳсол ва содироти асал ҳоло ҳам ба имкониятҳои мавҷуда мутобиқ нест.

Дар соли 2024-ум 4,8 ҳазор тонна асал истеҳсол гардида, нисбат ба соли қаблӣ танҳо 4 фоиз зиёд шудааст ва содироти он ҳамагӣ 2,3 тоннаро ташкил додааст.

Ба ҳолати 1-уми апрели соли 2025 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 285 ҳазор оилаи занбӯри асал парвариш ёфта истодааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 ҳамагӣ 5,6 фоиз зиёд мебошад.

Хотиррасон месозам, ки зимни сафари корӣ ба ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон 20-уми июни соли 2023 вобаста ба зиёд намудани оилаи занбӯри асал ва содироти асал ба масъулини соҳа супоришҳои дахлдор дода шуда буд, ки иҷрои онҳо андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Ҳарчанд ки дар кишвар бо мақсади дастгирии соҳаи пиллапарварӣ як қатор имтиёзҳои андозӣ пешбинӣ шудаанд, аммо истеҳсоли пилла сол ба сол коҳиш ёфта, дар соли 2024 ҳамагӣ 362 тоннаро ташкил додааст, ки ба 50 фоизи нишондиҳандаи соли 2014 (735 тонна) баробар мебошад.

Дар баробари ин, иҷрои нишондиҳандаҳои Барномаи рушди соҳаҳои кирмакпарварӣ ва коркарди пилла барои солҳои 2020-2024 аз ҷониби вазорату идораҳои масъул ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо таъмин нагардидааст.

Солҳои охир талаботи аҳолии мамлакат ба либосҳои миллӣ ва матоъҳои дар кишвар истеҳсолшуда торафт зиёд шуда истодааст ва ин раванд саноатчиёну кишоварзони мамлакатро водор мекунад, ки ба зиёд намудани истеҳсоли ашёи хом ва коркарди пурраи он дар дохили мамлакат таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд.

Ҳамчунин, дар бозори ҷаҳонӣ талабот ба матоъ ва ресмони абрешими табиӣ, алалхусус, матои аз нахи табиӣ истеҳсолшуда торафт афзуда истодааст.

Дар ин замина, рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли пилла метавонад ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат намуда, ба яке аз сарчашмаҳои хуби даромади оилавӣ табдил ёбад.

Бинобар ин, ба вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав ва кишоварзӣ супориш дода мешавад, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин, дар ҳамкорӣ бо корхонаҳои соҳа механизми ҳавасмандгардонии истеҳсоли пилла ва ба роҳ мондани тавлидоти молу маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашударо таҳия ва ҷорӣ намоянд.

Фаъолияти ғайриқаноатбахши хоҷагиҳои махсуси тухмипарварӣ, зотпарварӣ, ниҳолпарварӣ ва растанипарварӣ дигар масъалаи ташвишовар мебошад, ки ба соҳаи кишоварзӣ таъсири бевосита дорад.

Санҷишҳои прокурорӣ нишон медиҳанд, ки хоҷагиҳои мазкур дар асл ба парвариш ва истеҳсоли тухмӣ ё нигоҳубини чорвои зотӣ машғул нестанд.

Аз 128 хоҷагии тухмипарварӣ 14 хоҷагӣ тамоман фаъолият намекунад ва як қисми хоҷагиҳо фаъолияти ғайримақсаднок доранд.

Хоҷагиҳои зикршуда бо муассисаҳои илмӣ ва олимони соҳа ҳамкорӣ надоранд ва дорои қитъаҳои тухмипарварии ибтидоӣ ва парваришгоҳҳо нестанд, инчунин, заминаи моддиву техникии онҳо коста гардида, заминҳои дар ихтиёрдоштаашонро ба дигар заминистифодабарандагон ба иҷора додаанд.

Ин дар ҳолест, ки дар кишвар таъминоти хоҷагиҳо бо тухмии репродуксионии картошка ҳамагӣ 57 фоиз ва чигит 73 фоизро ташкил медиҳад ва гувоҳи дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардидани иҷрои Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ мебошад.



Соли 2024 ба кишвар беш аз 51 ҳазор тонна танҳо чигит ва картошкаи тухмӣ ба маблағи умумии 111 миллион сомонӣ ворид гардидааст.

Илова бар ин, аз 80 хоҷагии зотпарварӣ 19 хоҷагӣ ба парвариши чорвои зотӣ машғул нест ва хоҷагиҳои мазкур талаботи аҳолӣ ва хоҷагиҳои кишоварзии кишварро бо чорвои хушзот барои такрористеҳсолкунӣ пурра қонеъ карда наметавонанд.

Тавре аз санҷишҳо бармеояд, дар фаъолияти хоҷагиҳои тухмипарварӣ, зотпарварӣ ва ниҳолпарварӣ камбудиҳои ҷиддӣ, аз ҷумла, тақсимоти ғайриқонунии заминҳо барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ, фурӯши биноҳо ва иншооти хоҷагиҳо, фурӯши чорвои зотӣ, азхудкунии маблағҳо ва пешниҳоди ҳисоботи бардурӯғ ба назар мерасанд.

Ба Вазорати кишоварзӣ ва Академияи илмҳои кишоварзӣ супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои марбута ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо камбудиҳои дар ин самт ҷойдоштаро пурра бартараф карда, иҷрои нақшаву барномаҳои пешбинишударо таъмин созанд.

Зарур аст, ки фаъолияти дурусту самараноки хоҷагиҳои тухмипарварӣ, зотпарварӣ, ниҳолпарварӣ ва растанипарвариро ҳатман таъмин карда, вобастагии хоҷагиҳои кишоварзии мамлакат аз тухмӣ, ниҳол, чорво ва парандаи хушзоти воридотӣ коҳиш дода шавад.

Сохтору мақомоти зикршуда вазифадор карда мешаванд, ки аз натиҷаи иҷрои супориши мазкур ба Ҳукумати мамлакат гузориш пешниҳод намоянд.

Дар моҳҳои январ – апрели соли 2025 аз кишвар 46 ҳазор тонна меваю сабзавот ба маблағи 163 миллион сомонӣ содирот карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз рӯйи ҳаҷм 15 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар баробари ин, содироти пиёз 2,6 ҳазор тонна ё 36 фоиз кам гардидааст.

Бори дигар таъкид менамоям, ки вилояти Хатлон иқтидори бузурги содироти меваю сабзавот, бахусус, меваю сабзавоти барвақтиро дорад, аммо истифодаи пурраи ин имкониятҳо ҳанӯз ба роҳ монда нашудааст.

Зарур аст, ки корҳо оид ба бунёди ду маркази агрологистикии дар ноҳияҳои Данғара ва Ҷалолиддини Балхӣ банақшагирифташуда барои васеъ намудани иқтидори содиротӣ бояд тақвият дода шаванд.

Ҳамчунин, Агентии содирот, Хадамоти гумрук, Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон», роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки ташкили содироти мева ва сабзавоти барвақтиро ба роҳ монда, бо таъсис додани ситоди корӣ фаъолиятро дар ин самт ҷоннок намоянд.

**Ҳозирини мухтарам!**

Ҳукумати мамлакат дар шароити кунунӣ ба сиёсати иҷтимоӣ афзалият дода, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар ин самт тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Ҳаҷми маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф сол ба сол афзуда, аз 260 миллион сомонии соли 2005 то 10,9 миллиард сомонӣ дар соли 2025 расонида шуд.

Яъне, дар 20 соли охир маблағгузории соҳа 42 баробар зиёд гардидааст.

Илова бар ин, дар даврони соҳибистиқлолӣ барои рушди соҳаи маориф 29 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 3,8 миллиард сомонӣ татбиқ шудааст.

Ҳоло дар кишвар боз 11 лоиҳаи дигар ба маблағи 4,4 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст.

Бо вуҷуди он ки дар доираи тадбирҳои амалигардида вазъи муассисаҳои таълимии кишвар мунтазам беҳтар шуда истодааст, як қатор масъалаҳо, аз ҷумла, дар сатҳи паст қарор доштани фарогирии кӯдакон ба зинаи таҳсилоти томактабӣ ва дар сатҳи зарурӣ ҷалб нагардидани соҳибкорону сармоягузорон барои бунёди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва томактабӣ ҷой доранд.

Бинобар ин, дар Паёми Роҳбари давлат ба роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар супориш дода шуд, ки дар давоми панҷ соли оянда дар ҳар маҳаллаи зиёда аз 100 оила дошта ҳатман як муассисаи томактабӣ бунёд намоянд.

Тибқи нақша соли 2025 бояд 168 муассисаи томактабӣ сохта ба истифода дода, то муҳлати муқарраршуда бунёди боз зиёда аз 800 чунин иншоот барои фарогирии 50 фоизи кӯдакони синну соли томактабӣ таъмин карда шавад.

Инчунин, тибқи супориши дар Паёми Роҳбари давлат гузоштагшуда дар панҷ соли оянда дар кишвар бояд беш аз 1000 муассисаи таҳсилоти умумӣ сохта, ба истифода дода шавад.

Тибқи нақша соли ҷорӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бояд 32 муассисаи томактабӣ, вилоятҳои Суғд 40, Хатлон 59 ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 37 муассисаи томактабӣ сохта, ба истифода дода шавад.

Ҳоло дар кишвар сохтмони ҳамагӣ 78 чунин муассиса идома дорад, ки ба нишондиҳандаи пешбинишудаи соли ҷорӣ мутобиқ нест.

Ҳамзамон бо ин, дар кишвар масъалаҳои дар ҳолати садамавӣ қарор доштани бинои 254 муассисаи таълимӣ ва таъмирталаб будани бинои 351 муассиса, дар се баст фаъолият намудани 43 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нарасидани кадрҳои омӯзгорӣ ҳанӯз ҳалталаб боқӣ мондааст.

Ҳоло дар вилояти Хатлон бинои 66 муассисаи таҳсилоти умумӣ, вилояти Суғд 55, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 70 ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 63 муассисаи таълимӣ дар ҳолати садамавӣ қарор дорад.

Чунин ҳолат бояд боиси ташвиши ҷиддии роҳбарияти Вазорати маориф ва илм ва роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бошад.

Мавҷудияти чунин мушкилот дар ҳолест, ки мо ду маротиба – ба хотири таҷлили сазовори ҷашни 30 ва 35-солагии Истиқлоли давлатӣ нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда, дастур дода будем, ки дар навбати аввал ба бунёду таъмир ва барқарорсозии иншооти соҳаи иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, соҳаҳои маорифу тандурустӣ таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир карда шавад.

Дар кишвар норасоии шумораи омӯзгорон 3848 нафарро ташкил медиҳад, ки метавонад пурра аз ҳисоби хатмкунандагони равияи омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар соли 2025 ҳалли худро ёбад.

Соли 2025 дар назар аст, ки беш аз 13 ҳазор нафар донишҷӯ равияи омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро хатм намоянд.

Аз ин рӯ, роҳбарони Вазорати маориф ва илм ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар иҷрои супоришҳоеро, ки аз Паёми Роҳбари давлат бармеоянд, сари вақт ва бо сифати баланд таъмин намоянд.

Инчунин, роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ки ҷиҳати ислоҳи саривақтии камбудиҳои мавҷуда, инчунин, барои бунёд намудани муассисаҳои томактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чораҳои мушаххас андешанд.

Бо мақсади таъмини рушди ҳамаҷонибаи соҳаи маорифи кишвар 1 консепсия, 3 стратегия ва 8 барнома қабул гардида, мавриди иҷро қарор доранд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки вазъи

***(Давомаш дар саҳ. 4)***

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Озарбойҷон баргузор гардид.

*Сухан монад аз ту ҳаме ёдгор,*
*Суханро чунон хормоя мадор!*
*Абулқосими Фирдавсӣ*



# Мо бояд барои ободу зебо гардонидани Ватани азизамон – Тоҷикистон бештар заҳмат кашем

*(Аввалаш дар саҳ. 3)*

иҷрои барномаҳои қабулгардида дар сатҳи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба талабот ҷавобгӯ нест.

Аз ҷумла, вазъи иҷрои Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025 нишон медиҳад, ки аз маҷмуи озмоишгоҳҳо ва кабинетҳои фаннии харидоришуда ҳамагӣ 45,5 фоизи аёният ва таҷҳизот дастраси муассисаҳои таълимӣ гардидааст, ки дар муқоиса бо маблағҳои зиёди дар ин самт харҷгардида нигаронкунанда мебошад.

Вазъи иҷрои Барномаи рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027 низ ташвишовар мебошад.

Тибқи талаботи барномаи мазкур дар солҳои 2022-2024 бояд 124 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи хусусӣ сохта мешуд.

Аммо дар ин давра 68 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва 56 муассисаи таҳсилоти умумии хусусӣ сохта шудааст, ки 40,6 фоизи иҷрои барномаи мазкурро ташкил медиҳад.

Иҷрои Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025 низ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ташвишовар буда, иҷрои ҳадафҳое, ки бояд аз ҷониби онҳо амалӣ мегардид, ҳамагӣ 37 фоизро ташкил медиҳад.

Бинобар ин, Вазорати маориф ва илм вазифадор карда мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати молия ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ камбудиҳоро дар самти амалисозии барномаҳои соҳавӣ дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин бартараф карда, ҷиҳати маблағгузории саривақтӣ ва таъмин намудани иҷрои нақшаи чорабиниҳои барномаҳо чораҷӯйӣ намояд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар соҳаи тандурустӣ гарчанде ки сол то сол маблағгузории соҳа афзуда истодааст, аммо масъалаҳои ҳалталаб то ҳол ҷой доранд.

Дар миқёси кишвар 103 муассисаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ таъмирталаб буда, аз он 35 муассиса ба вилояти Хатлон, 27 ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 26 ба вилояти Суғд ва 15 муассиса ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд.

Чунин ҳолат андешидани тадбирҳои таъхирнопазирро тақозо менамояд.

Ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки дар хусуси ба талаботи муосир ҷавобгӯ будани муассисаҳои тиббӣ, таъмини онҳо бо таҷҳизоти замонавӣ ва таъмиру тармими иншооти тандурустӣ тамоми чораҳои заруриро амалӣ карда, камбудиҳои соҳаро то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бартараф намоянд.

Воҳидҳои кории холии табибон дар аввали соли 2025-ум 1752 ҷойро ташкил медиҳанд, ки ташвишовар мебошад.

Шумораи бештари воҳидҳои холии табибон ба вилояти Хатлон 598 ҷой, вилояти Суғд 445 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 342 ҷой рост меояд.

Соли ҷорӣ дар назар аст, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро 2900 нафар бо ихтисоси табиб хатм менамоянд ва аз ин ҳисоб масъалаи норасоии табибонро дар шаҳру ноҳияҳои кишвар пурра ҳал кардан мумкин аст.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла, вилояти Хатлонро зарур аст, ки ҷараёни татбиқи санадҳои барномавии соҳаро таъмин намуда, барои боз ҳам беҳтар кардани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва бартараф намудани норасоии табибон дар муассисаҳои тандурустӣ ва дигар камбудиҳои ҷойдошта фавран чораҷӯӣ намоянд.



**Ҳозирини гиромӣ!**

Ба ҳолати 1-уми майи соли 2025 дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар мамлакат аз 29 ҳазор иншооти банақшагирифташуда беш аз 20 ҳазору 200 иншоот бунёд гардидааст, ки 70 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Бо дарназардошти он, ки то ҷашн каме зиёдтар аз як сол вақт мондааст, дар баъзе шаҳру ноҳияҳои кишвар иҷрои нақшаи чорабиниҳо қонеъкунанда нест.

Аз ҷумла, иҷрои нақша дар вилояти Хатлон – шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб ва Ёвон ҳамагӣ 50-фоизӣ, Шамсиддини Шоҳин 54, Ҷайҳун 55, Панҷ 57, Балҷувон 60, Норак 61 ва Шаҳритус 63 фоиз ва дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – ноҳияҳои Мурғоб 59 фоиз, Дарвоз 64, Ванҷ 66, Ишкошим 67 ва Роштқалъа 69 фоиз таъмин шудааст.

Иҷрои нақша дар вилояти Суғд – шаҳру ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ 51 фоиз, Истиқлол 61, Гулистон ва Шаҳристон 66-фоизӣ, Панҷакент 67 фоиз ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – Ҳисор 49 фоиз, Варзоб 50, Лахш 52, Роғун ва Ваҳдат 54-фоизӣ, Сангвор 55, Рӯдакӣ 57, Шаҳринав 62 ва Турсунзода 63 фоизро ташкил медиҳад.

Чунин ҳолати иҷрои нақшаи чорабиниҳо қонеъкунанда набуда, аз роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва намояндагони сохторҳои марказии ба шаҳру ноҳияҳо вобасташуда масъулияти баланд ва тақвияти ҷиддии корҳоро талаб менамояд.

Хотирнишон месозам, ки маблағҳои зикршуда пурра аз ҳисоби соҳибкорон ва аҳолии ноҳия мебошанд.

Ҳамзамон бо ин, бо қаноатмандӣ метавон гуфт, ки дар як қатор шаҳру ноҳияҳои кишвар дар самти амалисозии корҳои созандагиву бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ пешравиҳои назаррас дида мешаванд.

Аз ҷумла, дар ноҳияи Данғара иҷрои нақша бо дарназардошти 460 иншооти иловагӣ таъмин гардида, дар доираи он 27 мактаб, 3 кӯдакистон, 2 беморхона, 4 маркази саломатӣ, 7 бунгоҳи тиббӣ, 3 таваллудхона, 18 корхона ва коргоҳҳои истеҳсолӣ бо таъсиси беш аз 1,5 ҳазор ҷойҳои нави корӣ, 29 маркази хизматрасонӣ, 3 боғи фарҳангу фароғат ва 11 пул сохта, ба истифода дода шуда, 77 километр роҳҳо мумфарш ва ба 133 километр сангфарш карда шудаанд.

Ҳоло боз 60 иншооти дигар бунёд гардида истодааст, ки соли ҷорӣ ба истифода дода мешавад.

Маблағи то имрӯз барои ободиҳо сарфшуда 2,3 миллиард сомониро ташкил кардааст, ки 628 миллион сомонии он барои бунёди муассисаҳои таълимӣ ва дигар иншооти иҷтимоӣ хароҷот гардидааст.

Хотирнишон месозам, ки маблағҳои зикршуда пурра аз ҳисоби соҳибкорон ва аҳолии ноҳия мебошанд.

Мувофиқи маълумот соли ҷорӣ 80 нафар сокинони ноҳияи Данғара барои адои маросими ҳаҷ номнавис шудаанд.

Аз ин шумора 40 нафари онҳо аз рафтан ба ҳаҷ даст кашида, маблағҳои ба ин мақсад пасандозкардаи худро ба корҳои хайри ободонии ноҳия сарф кардаанд, ки чунин иқдоми онҳо, бешубҳа, қобили таҳсин ва дастгирӣ мебошад.

Танҳо дар ҷамоатҳои деҳоти Пушинг ва Корез бо саҳми аҳолӣ ва соҳибкорону шахсони саховатпеша 5 мактаб барои 4800 хонанда, кӯдакистон, муассисаҳои тандурустӣ ва 7 корхонаи истеҳсолӣ сохта шудааст.

Вобаста ба ин, ба роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар ва вазорату идораҳое, ки масъули иҷрои корҳои ободониву созандагӣ ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар мебошанд, супориш дода мешавад, ки таҷрибаи ҷамоатҳои деҳоти Пушинг ва Корезро омӯзанд ва барои иҷрои саривақтиву босифати нақшаҳои пешбинигардида истифода намоянд.

Дар ин раванд, ба риояи меъёрҳои қабулшудаи сохтмон ва санъати баланди меъморӣ эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Мӯҳтарам роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, ободиҳое, ки дирӯз дар ноҳияи Данғара ва деҳаҳои он дидед, таҷрибаи хуби ба корҳои созандагиву ободонӣ сафарбар намудани соҳибкорон ва аҳолӣ мебошад.

Дар робита ба амалисозии корҳои неку созандаи мардуми шарифи кишвар, аз ҷумла, соҳибкорону сокинони ноҳияи Данғара ва саҳмгузорӣ дар ободиву пешрафти мамлакат бори дигар ба ҳамаи соҳибкорон, шахсони саховатпеша ва кулли сокинони Тоҷикистон барои дастгирии ташаббусҳои Ҳукумати мамлакат сипосу миннатдории самимӣ баён менамоям.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Чуноне ки шумо мушоҳида мекунед, амалисозии нақшаву барномаҳои созандаи Ҳукумати мамлакат ба рушду тараққиёти ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар, аз ҷумла, вилояти Хатлон мусоидат карда, дар ояндаи наздик онҳо боз ҳам ободу зебо ва сатҳу сифати зиндагии сокинон беҳтар мегардад.

Вале хотирнишон менамоям, ки истифодаи самараноки захираву имкониятҳои мавҷуда ва таъмин намудани пешрафти устувори иқтисодиву иҷтимоии шаҳру ноҳияҳо, пеш аз ҳама, ба заҳмати содиқона ва азму талоши созанда, инчунин, ҳисси баланди ватандӯстиву ватанпарастии ҳар як фарди бонангу номус вобаста мебошад.

Дар ин раванд, ҳамаи мо вазифадорем, ки мардумро барои таъмини волоияти қонун ва риояи ҳатмии он роҳнамоӣ кунем.

Илова бар ин, ҳар яки мо бо дарназардошти вазъи ноороми ҷаҳони имрӯза ҳамеша ҳушёру зирак ва барои ҳимояи манфиатҳои миллату давлатамон омода бошем.

Суннатҳои неки миллӣ ва хусусан сарфаю сариштакориро риоя намуда, фарзандонамонро дар руҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносиву худогоҳӣ тарбия намоем.

Ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки барои таъмин кардани ояндаи ободи давлат ва миллат мо бояд кадрҳои ҷавобгӯйи ба талаботи замони муосир – ихтироъкору навоварон, муҳандисон ва дигар кадрҳои соҳаҳои техникиву технологиро тарбия карда, ба камол расонем.

Мо бояд барои ободу зебо гардонидани Ватани азизамон – Тоҷикистон имрӯз нисбат ба дирӯз ва фардо нисбат ба имрӯз бештар заҳмат кашем ва дар хотир дошта бошем, ки сарзамини аҷдодии мо танҳо дар сурати сафарбар сохтани тамоми имконияту неруи ҳар як фарди ҷомеа ободу пешрафта ва давлатамон неруманду қавӣ мегардад.

Вобаста ба ин, бори дигар ба роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва намояндагони сохторҳои марказӣ дар маҳалҳо таъкид менамоям, ки тамоми мардумро то ҷашни 35-солагӣ ба тозаву озодагӣ ва ба обод кардани ҳар як хонаву кошона, кӯчаву хиёбон ва майдону гулгашт то дурдасттарин деҳоти кишвар сафарбар намоянд.

Итминон дорам, ки мардуми ватандӯст, бонангу номус ва матинироидаи кишвар, аз ҷумла, сокинони вилояти Хатлон минбаъд низ бо ҳисси баланди хештаншиносӣ дар ҳифзи дастовардҳои таърихии халқамон, ҳимояи манфиатҳои давлату миллати куҳанбунёдамон ҳушёру омода хоҳанд буд ва бо заҳмати содиқонаву софдилонаи худ Ватани маҳбубамонро боз ҳам ободу пешрафта хоҳанд гардонид.

Ҳамчунин, падару модарон, устодону омӯзгорон, аҳли зиё ва фаъолон бояд ба тарбияи наврасону ҷавонон, яъне, насли ояндасоз диққати аввалиндараҷа диҳанд.

Мо вазифадорем, ки ба онҳо барои омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар шароит муҳайё созем, моҳият ва аҳаммияти истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллиро фаҳмонем, то фарзандони мо фирефтаи афкори таассубомезу тундрави динӣ нагардида, ҳамчун насли босаводу соҳибмаърифат ва огоҳу донишманд ба камол расида, дар оянда ба Ватан, давлат ва миллати худ содиқона хизмат кунанд.

Дар интиҳо ба кулли мардуми ватандӯсти кишвар, сокинони меҳмоннавозу сарбаланди вилояти Хатлон ва ноҳияи Данғара хонаи обод, саломативу хушбахтӣ ва барори кор меҳоҳам.

**Саломат бошед!**

***www.president.tj***

НАБЗИ МАОРИФ




# Ҷаласаи вазирони маорифи кишварҳои узви СҲШ

**13 майи соли 2025 дар шаҳри Урумчии Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷаласаи 9-уми вазирони маорифи кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) баргузор гардида, дар он роҳбарони вазоратҳои маорифи Тоҷикистон, Чин, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Ҳиндустон, Покистон ва дигар кишварҳои узв ширкат варзиданд.**

Дар ҷаласа мавзуъҳои таҳкими ҳамкориҳои таълимӣ ва илмӣ дар доираи СҲШ, густариши барномаҳои муштарак, табодули донишҷӯёну устодон, татбиқи таҳсилоти рақамӣ ва рушди иқтисоди сабз баррасӣ гардид.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар ҷаласа вобаста ба зарурати таҳкими ҳамкориҳои муассир, ҷорӣ намудани барномаҳои таълимии муштарак ва густариши таҳсилоти рақамӣ суханронӣ намуд.

Дар баромади худ вазири маориф ва илм аз ҷонибдориҳои пайвастаи СҲШ дар густариши ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар бахшҳои маорифу илм ва фарҳанг ёдовар шуда, таъкид дошт, ки Созмони Ҳамкории Шанхай дар тӯли фаъолияти худ ҳамчун созмони муттаҳид ва пойдор, масъалаҳои мубрами ҷаҳони муосирро тавассути ҳамгироии илмӣ ва фарҳангӣ пайгирона ҳаллу фасл менамояд.

Дар идома вазир вобаста ба зарурати таҳкими ҳамкориҳои илмӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак андешаронӣ намуда, зикр кард, ки натиҷаҳои назаррас танҳо тавассути ҳамкории мустақими илм ва истеҳсолот дастёфт мегарданд, зеро илм ва навоварӣ дар таъмини рушди устувор ва сатҳи баланди зиндагии мардум нақши калидиро мебозанд.

Ёдовар мешавем, ки зимни баргузории ҷаласаи 9-уми вазирони маорифи кишварҳои узви СҲШ дар баробари баррасии дигар масъалаҳо чанд санади муҳимми ҳамкорӣ, аз ҷумла, «Иқдоми Урумчӣ» ва нақшаи рушди таҳсилоти рақамӣ дар доираи СҲШ ба имзо расиданд.

# Вохӯрӣ бо муовини вазири маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин

**13 майи соли 2025 дар шаҳри Урумчии Ҷумҳурии Мардумии Чин дар доираи нахустин ҷаласаи вазирони маорифи кишварҳои Чин ва Осиёи Марказӣ вохӯрии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода бо муовини вазири маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин У Ян баргузор гардид.**

Дар ҷараёни суҳбат вазири маориф ва илм ба ҷониби Чин барои ташкили сатҳи баланди ҳамоиши мазкур изҳори сипос намуда, таъкид кард, ки 5000 донишҷӯи тоҷик таҳсил доранд, ки ин далели равшани рушди робитаҳои мутақобилан судманд дар самти маориф мебошад.

Ҳамзамон, ба фаъолияти пурсамари Пажуҳишгоҳи Конфутсий, ки дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон амал мекунад, баҳои мусбат дода шуда, он ҳамчун намунаи муваффақи ҳамкориҳо дар самти маорифу фарҳанг маънидод гардид.

Ҷониби Тоҷикистон таъкид дошт, ки бо дарназардошти афзоиши тала-



баргузории ин ҷаласа саҳифаи наверо дар таърихи ҳамкориҳои кишварҳои минтақа ва Чин дар соҳаи маориф хоҳад кушод.

Тарафҳо ҷараёни рушди ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи маорифро натиҷаи равобити мустаҳками роҳбарони олии ду кишвар – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин, муҳтарам Си Ҷинпин арзёбӣ намуданд.

Зикр гардид, ки айни ҳол дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Мардумии Чин зиёда аз бот ба мутахассисони самтҳои инноватсионӣ, ҷалби бештари донишҷӯёни тоҷик ба таҳсил дар донишгоҳу донишкадаҳои Чин, махсусан, дар самти технологияҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ барои ояндаи рушди кадрии кишвар аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Дар анҷом ҷонибҳо омодагии худро барои густариши ҳамкориҳои амалии дуҷониба дар бахши маориф изҳор дошта, оид ба тавсеаи барномаҳои муштарак ва ҷудо гардидани бурсияҳо барои донишҷӯёни тоҷик мубодилаи афкор карданд.

# Ғолибон муайян шуданд

**16-17 майи соли 2025 дар Донишкадаи байналмилалии Леваканти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон даври ниҳоии олимпиадаи ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои соли таҳсили 2024-2025 баргузор гардид.**

Дар оғози озмун Лутфия Абдулхолиқзода – муовини вазири маориф ва илм, кормандони вазорат, намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, устодону донишҷӯёни иштирок намуданд.

Муовини вазири маориф ва илм таъкид дошт, ки баргузории олимпиадаи мазкур ба хотири густариши донишҳои назариявӣ, муайянсозии истеъдодҳои ҷавон, тақвияти тафаккур ва баланд бардоштани ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён мусоидат менамояд. Сол ба сол шумораи донишҷӯёни хоҳишманд ва сатҳи омодагии онҳо ба олимпиада меафзояд, ки ин гувоҳи пешрафти ҳаракати олимпӣ ва афзоиши завқи илмдӯстӣ дар байни ҷавонони кишвар мебошад.

Гуфта шуд, ки имрӯз дар шароити ҷаҳонишавии илму технология, баланд бардоштани сатҳи дониш ва қобилиятҳои забондонӣ дар миёни ҷавонон ба яке аз ҳадафҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат табдил ёфтааст. Омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус, англисӣ, омӯзиши фанҳои дақиқ ва таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ барои ҷавонон имкони васеи рушд ва рақобатпазирӣ дар бозори ҷаҳонии меҳнатро фароҳам меорад. Аз ин ҷост, ки таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин самт




рӯз ба рӯз бештар мегардад.

Олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ муҳити солими рақобатиро байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба вуҷуд оварда, онҳоро барои рушди шахсӣ, такмили маҳорати таҳлилӣ ва таҳким бахшидани малакаҳои касбӣ ҳавасманд мегардонанд. Озмунҳои мазкур на танҳо сатҳи донишро меозмоянд, балки ҷиҳати дарёфти чеҳраҳои умедбахши илм ва афроди навовар барои ояндаи мамлакат замина фароҳам меоранд.

Дар идома Ҳикматулло Саидзода – сардори раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Вазорати маориф ва илм иштирокчиёнро бо тартиби баргузории олимпиада шинос намуда, ҷараёни иҷрои тестҳоро аз рӯйи муқаррароти махсус шарҳ дод.

Дар озмуни имсола 467 нафар донишҷӯ аз 44 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ширкат варзида, аз рӯйи ду бахш – илмҳои гуманитарӣ ва илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, забон ва адабиёти рус, забони англисӣ, таърих, фалсафа, сиёсатшиносӣ, математика, физика, химия, биология, экология, география, назарияи иқтисод ва технологияҳои иттилоотӣ сабқат намуданд.

Санҷиши дониш тавассути имтиҳони тестӣ сурат гирифта, доварон сифати дониши хаттӣ, тафаккури таҳлилӣ ва интиқодӣ-мантиқии донишҷӯёнро баҳогузорӣ карданд.

17 майи соли 2025 олимпиадаи ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҷамъбаст шуд.

Дар маросими ҷамъбастӣ вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода суханронӣ намуда, изҳор дошт, ки баргузории олимпиадаи ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба як падидаи муҳимми илмӣ табдил ёфтааст, ки на танҳо сатҳи дониш ва маҳорати тахассусии ҷавононро муайян месозад, балки муҳити солими рақобатро барои рушди шахсӣ ва афзоиши ҷаҳонбинии илмии онҳо фароҳам овардааст.

Дар олимпиадаи мазкур ҷойи 1-ум – 16 нафар, ҷойи 2-юм – 23 нафар ва ҷойи 3-юм – 28 нафар донишҷӯ ба даст оварданд.

Ҳамчунин, 15 нафар бо «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илм қадрдонӣ гардиданд.

Аз рӯйи иштироки даставӣ бошад, ҷойи аввал Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ҷойи дуюм Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ҷойи сеюм Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ва ҷойи ифтихориро Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон сазовор шуданд.

**Мавзеъҳои таърихию фарҳангии ноҳияи Данғараро беш аз 18 ҳазор сайёҳи дохилию хориҷӣ тамошо намудаанд.**

*Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан,*
*Чу зар санҷида, он гаҳ харҷ кардан.*
*Низомии Ганҷавӣ*



# Намояндагони ЮНЕСКО дар вазорат

**14 майи соли равон дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода бо намояндагони ЮНЕСКО дар Душанбе вохӯрӣ намуд.**

Зимни вохӯрӣ муовини якуми вазир аз дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушду тавсеаи соҳаи маориф ва сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдоварӣ намуда, иброз дошт, ки имрӯз ҳамкориҳо дар соҳаи маориф ва илм бо ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои пешрафтаи минтақа ва ҷаҳон дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст.



Дар ҷараёни вохӯрӣ ҷонибҳо доир ба раванди амалишавии лоиҳаи муштаракаи «Таҳкими муносибати босалоҳият ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар раванди таълими фанҳои дақиқ, риёзӣ ва таҳсилоти касбӣ-техникӣ дар Тоҷикистон (STEM)» табодули афкор намуданд.

Қайд гардид, ки ҳадафи лоиҳаи мазкур баланд бардоштани сифати таълими фанҳои дақиқ ва риёзӣ дар кишвар буда, то кунун дар ин самт корҳои зиёде ба анҷом расидааст. Махсусан, такмили ихтисоси омӯзгорон, таҳияи китобҳои насли нав, баргузории семинарҳои омӯзишӣ, татбиқи раванди босалоҳияти таълиму тарбия, муҷаҳҳазгардонии кабинетҳои фаннӣ ва лабораторияву озмоишгоҳҳои таълимӣ аз ҳадафҳои амалишавандаи лоиҳаи болозикр мебошад.

Дар охир муовини якуми вазир раванди амалишавии лоиҳаро қаноатманд ҳисобида, иброз дошт, ки амалишавии пурраи он метавонад дар рушди соҳаи маориф заминаи мусоид фароҳам кунад.

**16 майи соли 2025 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии расмӣ бо намояндагони Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) оид ба ақаллиятҳои миллӣ баргузор гардид. Дар мулоқот муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомид Ҳошимзода, Комиссари олии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо Кристоф Камп, намояндагони дастгоҳи марказии вазорат ва кормандони САҲА иштирок намуданд.**



# Густариши ҳамкориҳо

Муовини якуми вазир зимни суханронии худ меҳмононро хайрамақдам гуфта, ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои дуҷониба ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи таҳсилоти фарогир ва бисёрзабона изҳори назар намуд: «Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, бахусус, дар самти маорифи фарогир, бисёрзабона ва таъмини ҳуқуқи баробар барои ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, ақаллиятҳои миллӣ, аҳаммияти вижа медиҳад. Мо аз ҳамкории созанда бо САҲА, ки дар асоси ёддошти тафоҳуми соли 2019 ба роҳ монда шудааст, изҳори қаноатмандӣ мекунем ва ба татбиқи лоиҳаҳои муштараки нав дар самти таҳкими сифати таҳсилот, мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорон пурра омода ҳастем», – таъкид дошт муовини якуми вазир.

Дар идома Кристоф Камп, комиссари олии САҲА оид ба ақаллиятҳои миллӣ аз ҳамкориҳои амалкунанда изҳори қаноатмандӣ намуда, омодагии ҷониби худро барои тавсеаи ҳамгирої дар самтҳои афзалиятнок таъкид кард.

Зимни мулоқот ҷонибҳо ҷиҳати идомаи татбиқи лоиҳаҳои муштарак, аз ҷумла дар самти баланд бардоштани сифати таҳсилоти рӯзноманигорӣ, омӯзиши забонҳо, ҳифзи ҳуқуқи гурӯҳҳои осебпазир ва рушди касбияти омӯзгорон ибрози ҳавасмандӣ карданд.

Дар фарҷом ҷонибҳо омодагии худро барои таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо изҳор доштанд.

# Муҳити таълим ва сифати таҳсилот

**14 майи соли 2025 дар меҳмонхонаи «Ҳилтон»-и шаҳри Душанбе бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон машварати дурӯза бо гурӯҳи корӣ таҳти унвони «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат (LEARN)» баргузор шуд. Дар он муовини вазири маориф ва илм Равшан Каримзода, директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадтоир Саидзода, мушовири байналмилалӣ, сардорон ва кормандони раёсатҳои дахлдори вазорат ва агентӣ иштирок намуданд.**

Муовини вазири маориф ва илм иброз намуд, ки имрӯз мо, кормандони соҳаи маориф, дар заминаи сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳамеша ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва мутобиқсозии низоми таълим ба талаботи ҷаҳонӣ таъкид менамоянд, ҷамъ омадаем, то бо баҳрабардорӣ аз таҷрибаи муосир ва муҳокимаи муштараки мутахассисон заминаи боэътимоди амалигардонии Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот барои давраи то соли 2044 ва лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат»-ро фароҳам созем. Эътимод дорем, ки натиҷаи ин машварат дар такмили механизмҳои арзёбӣ, аккредитатсия, мониторинг ва таҳкими муҳити таълим саҳми назаррас хоҳад гузошт.

Сипас директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм қайд кард, ки баргузории чунин машваратҳои сатҳи баланд, ки дар он мутахассисони соҳаи маориф ба таври муштарак санадҳои муҳимми меъёрию ҳуқуқӣ ва механизми арзёбию мониторингро мавриди таҳлил қарор медиҳанд, яке аз заминаҳои устувори амалисозии Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот барои давраи то соли 2044 ба шумор меравад.

Дар идома аз ҷониби мутахассисони соҳа масъалаҳои баррасии лоиҳаҳои аввали ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла, дастур ва шарҳҳои арзёбӣ, таҳлили мантиқи сохтори ҳуҷҷатҳо ва мувофиқа бо стандартҳои байналмилалӣ (ба мисли Ofsted, NIS ва ғайра), муҳокимаи мазмуни лоиҳаи барнома (қоида)-ҳои иҷозатномадиҳӣ ва аккредитатсия, усулҳои нави санҷиш ва мониторинг, роҳу равишҳои баҳогузорӣ, мусоҳибаҳо ва таҳлили ҳуҷҷатҳо, пешниҳоди лоиҳаи муфассали Дастури мониторинг ва арзёбии сифати таълим ва ғайра мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Ҷаласа бо муҳокимаи васеъ ва табодули афкор миёни иштирокчиён идома ёфта, оид ба сохтори ҳуҷҷатҳо ва тартиби татбиқи онҳо тавсияҳо пешниҳод гардиданд.

# Дарси омӯзишӣ дар мавзуи «Мактаби давлатдории Пешвои миллат»

**Дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода барои гурӯҳи ҷавонони аъзои курси омӯзишии назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе – «Пайравони Пешвои миллат» дарси кушоди омӯзишӣ таҳти унвони «Мактаби давлатдории Пешвои миллат» баргузор гардид.**

Миёни муовини якуми вазири маориф ва илм ва ҷавонони фаъоли кишвар суҳбати гарму самимӣ ҷараён ёфта, қайд гардид, ки ҷавонон неруи созанда ва пайравони асили Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб мераванд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷавонон тамоми шароити заруриро барои таҳсил ва фаъолияти корӣ фароҳам овардааст. Таълиму тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстиву меҳанпарастӣ ва рӯ овардани онҳо ба тамаддуну фарҳанги миллӣ яке аз самтҳои фаъолияти Вазорати маориф ва илм буда, вазорат барои амалигардонии он дар якҷоягӣ бо ниҳодҳои дахлдор аз тамоми имконияҳои мавҷуда истифода мебарад.

Дар идома аъзои ташкилоти ҷамъиятии «Пайравони Пешвои миллат» оид ба фаъолияти Вазорати маориф ва илм, аз ҷумла, амалишавии стратегияву барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф, мутобиқ намудани соҳаи маорифи миллӣ дар асоси стандартҳои ҷаҳонии соҳаи маориф, дастовардҳои соҳа дар даврони соҳибистиқлолӣ, рафъи мушкилот дар самтҳои гуногуни соҳа, аҳаммият ва зарурати таъсис ва баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм - фурӯғи маърифат» ва дигар масъалаҳои мубрами соҳа бо муовини якуми вазири маориф ва илм саволҳо пешниҳод намуда, ҷавобҳои мушаххас ва қонеъкунанда гирифтанд.

Дар охир аз ҷониби Вазорати маориф ва илм ба ҳамаи иштирокчиёни дарси омӯзишии мазкур асари Пешвои миллат – «Чеҳраҳои мондагор» тақдим гардид.

# Мулоқот бо намояндаи Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

**15 майи соли 2025 вохӯрии муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода бо намояндаи Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) Сенад Коменика баргузор гардид.**

Дар ибтидо муовини якуми вазир изҳор намуд, ки вохӯрии имрӯза боиси рушди ҳамкориҳои судманд ва амиқ байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар оянда хоҳад шуд. Таъкид шуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи зиёд дода, тадбирҳо барои баланд бардоштани сатҳи таҳсилот, рушди инфрасохтори маориф ва иқтидори илмии кишвар амалӣ мешаванд.

Дар идома ҷонибҳо масъалаи таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи маорифро, ки дар доираи ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ миёни Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ва САҲА дар соли 2020 ба роҳ монда шудааст, баррасӣ намуданд.

Ҳамчунин, дар вохӯрӣ лоиҳаҳои муштараки САҲА ва Вазорати маориф ва илм, аз ҷумла, лоиҳаи «Зарфиятсозии ВАО ва баланд бардоштани меъёрҳои рӯзноманигорӣ», ки бо мақсади мутобиқ кардани барномаҳои таълимии журналистика ба стандартҳои байналмилалӣ роҳандозӣ шудааст, мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар охир ҷонибҳо аз ҳамкориҳо дар оянда дар соҳаҳои марбут ба таҳсилоти рӯзноманигорӣ ва ВАО изҳори умед намуданд.

**Дар доираи ҳамкориҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо лоиҳаи «Дастгирии Иттиҳоди Аврупо ба соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» семинари илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф» баргузор гардид.**

Дар оғоз муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода зикр кард, ки таъмини омодагии кадрӣ ва рушди малакаҳои рақамӣ дар шароити муосир яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати маориф ба ҳисоб меравад.

# Зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф

Сипас Диана Димова-намояндаи Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон ва Наоко Ҳосака – сардори бахши маориф дар ЮНИСЕФ низ ҳамкории муштарак дар самти татбиқи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар низоми таҳсилотро муҳим арзёбӣ карданд.

Семинар бо иштироки коршиносони ватанӣ ва байналмилалӣ баргузор гардида, дар рафти он масоили марбут ба имкониятҳои истифодаи зеҳни сунъӣ дар таълиму тарбия, ҷорӣ намудани алгоритмҳои омӯзишии мутобиқшаванда, таҳияи муҳтавои рақамии мутобиқ ба сатҳи дониши хонандагон ва таъмини баробарии дастрасӣ ба захираҳои таълимии рақамӣ мавриди таҳлил ва баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтанд. Ҳамзамон, иштирокчиён оид ба таҷрибаи кишварҳои муваффақ дар соҳаи таҳсилоти рақамӣ, роҳҳои мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ ба шароити нави технологӣ ва зарурати омӯзиши омӯзгорон дар самти зеҳни сунъӣ табодули афкор анҷом доданд.

**Ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳри Истаравшан 990 иншоот бунёд, таъмир ва навсозӣ карда мешавад.**

*Зи захми синон беш захми забон,*
*Ки ин тан кунад хаставу он равон.*
*Асадии Тӯсӣ*



# Таъмини хатмкунандагон бо ҷойи кор

**14-уми майи соли 2025 дар толори Кохи фарҳангии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо мақсади таъмин намудани муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва дигар ташкилоту идораҳои эҳтиёҷманд бо мутахассисони ҷавон суҳбат-вохӯрӣ бо хатмкунандагон баргузор шуд.**

Дар суҳбат-вохӯрӣ Ҳамдамзода Хурсанд Акбар, муовини ректор оид ба таълим, Шамсиддин Саъдуллозода, сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Садафмоҳ Сафарзода, сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати



маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷиддин Исозода, сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси донишгоҳ ва намояндагони маорифи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва ташкилоту идораҳо иштирок карданд.

Шамсиддин Саъдуллозода, сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қайд намуд, ки тақсимоти мутахассисон ва бо ҷойи кор таъмин намудани ҷавонон мутобиқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тақсимоти мутахассисони ҷавон дар соли 2025», «Низомномаи тақсимот ва бо ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми майи соли 2017, №262) тибқи моддаи 24-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» барои ихтисосҳои омӯзгорӣ ва ғайриомӯзгории шакли таҳсили буҷавӣ, «Комиссияи тақсимоти фардии хатмкунандагон» барои зинаи «бакалавр» ва «мутахассис»-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав амалӣ карда мешавад.

Садафмоҳ Сафарзода, сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр кард, ки мутобиқи банди 8-и Қоидаҳои баргардонидани маблағҳои буҷетӣ аз ҳисоби мутахассисони ҷавон, ки тибқи роҳхат ба ҷойи кор ҳозир нашудаанд, маблағҳои хароҷотшуда ба тариқи суд рӯёнида мешаванд. Даъвои судӣ аз ҷониби муассисаи таълимӣ пешниҳод карда мешавад. Ҳамчунин, мутобиқи банди 9-и қоида гуфта мешавад, ки бе пардохти маблағ диплом ба мутахассиси ҷавоне, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ таҳсил намуда, вале тибқи роҳхат ба кор ҳозир нашудааст, дода намешавад.

Тоҷиддин Исозода, сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қайд намуд, ки дар донишгоҳ 365 нафар донишҷӯи равияи омӯзгорӣ, аз тариқи буҷавӣ ва тариқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд, хатм карда, ҳамчун мутахассис ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул мешаванд.

***

15 майи соли 2025 бо иштироки ректори Донишгоҳи давлатии Дангара Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ, сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон - Шамсиддин Саъдуллозода, сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Садафмоҳ Сафарзода, намояндагони шуъбаҳои маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, ҷаласаи тақсимоти хатмкунандагони курсҳои 4-ум ва 5-уми шуъбаи рӯзонаи гурӯҳҳои буҷавии ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ баргузор гардид.

Ректори донишгоҳ Ш. Хайрзода изҳор дошт, ки бо шарофати сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шароити таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ бехтар ва имтиёзҳои қонунии омӯзгорони ҷавонон сол то сол афзун мегардад.

Дар соли таҳсили 2024-2025 шуъбаи рӯзонаи гурӯҳҳои буҷавии ихтисосҳои равияи омӯзгории донишгоҳро 87 нафар донишҷӯ хатм менамоянд, ки пас аз хатм бо роҳхати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул гардидан тӯли 3 сол ба фаъолияти омӯзгорӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳо сафарбар мешаванд.

Ш. Саъдуллозода - сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон хатмкунандагони курсҳои 4-ум ва 5-уми шуъбаи рӯзонаи гурӯҳҳои буҷавии ихтисосҳои равияи омӯзгориро ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби тақсимот ва ба ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон» (аз 27.05.2017, №262) ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа шинос намуданд.

Дар интиҳои ҷаласа миёни иштирокчиён саволу ҷавоб сурат гирифта, мутахассисони ҷавон ба саволҳои худ ҷавобҳои қанеъкунанда гирифтанд.

***

16 майи соли 2025 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тақсимоти мутахассисони ҷавон дар соли 2025» ҷиҳати таъмини муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва дигар ташкилоту идораҳои эҳтиёҷманд бо мутахассисони ҷавон тақсимоти хатмкунандагони ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ барои соли таҳсили 2024-2025 баргузор гардид.

Дар чорабинӣ муовини ректор оид ба корҳои таълимии донишгоҳ Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад, сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсиддин Саъдуллозода, сармутахассиси ҳамин раёсат Садафмоҳ Сафарзода, сардори бахши таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони донишгоҳ Бахтовар Бобоев, намояндагони раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, инчунин, хатмкунандагон-мутахассисони ҷавон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Зимни ҷаласаи тақсимот масъулин оид ба муҳиммияти иҷрои вазифаҳои касбӣ, риояи меъёрҳои қонунгузорӣ ва сари вақт ба ҷойи кор ҳозир шудани мутахассисони ҷавон андешаронӣ намуданд. Аз ҷумла, ба хатмкунандагон шарҳу тавзеҳ дода шуд, ки тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрии соҳавӣ, вазифаи ҳар як мутахассиси ҷавон аст, ки роҳхатҳои додашударо сари вақт амалӣ намуда, ба муассисаҳои таълимие, ки ба онҳо тақсим шудаанд, ҳозир шаванд.

Дар анҷом барои равшан намудани баъзе масъалаҳои марбут ба раванди тақсимот ва ба ҷойи кор ҳозиршавии хатмкунандагон миёни мутахассисони ҷавон ва намояндагони Вазорати маориф ва илм саволу ҷавоб сурат гирифт.



# Осиёи Миёна ва Олмон дар формати С5+1

12-14 майи соли 2025 дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон аз ҷониби Вазорати федералии маориф ва тадқиқоти Олмон нишасти аввалини мизи мудаввар оид ба муколамаи илмию сиёсии Осиёи Миёна ва Олмон дар формати С5+1 баргузор гардид.

Мизи мудаввари сатҳи байналмилалӣ бо иштироки намояндагони вазоратҳои маориф ва илми давлатҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла, ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон баргузор гардид. Дар чорабинии мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистонро Сироҷиддин Ниёзӣ-директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон намояндагӣ кард.

Флориан Франк-сардори шуъбаи 212-и Вазорати федералии маориф ва тадқиқоти Олмон нишастро бо сухани ифтитоҳӣ оғоз бахшид. Дар идома дар мавзуъҳои «Пешомадҳои ҳамкории тадқиқотӣ: самтҳои асосӣ, соҳаҳои алоқа, равандҳо», «Консепсияҳои ҳамкории тадқиқотӣ: интизориҳо, усулҳои кор, мушкилот» ва «Маблағгузории ҳамкории тадқиқотӣ: ҳадафҳо, таҷриба ва табодули дониш» суханронӣ кард. Директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон зимни суханронии худ қайд намуд, ки дар замони ҷаҳонишавии босуръат ва тағйирёбии муносибатҳои геополитикӣ, баргузории чунин мизи мудаввар миёни намояндагони давлатҳои Осиёи Миёна ва баррасии мавзуи илмӣ-таҳқиқотӣ саривақтӣ мебошад.

Таъкид гардид, ки ташаббуси Вазорати федералии маориф ва тадқиқоти Олмон дар роҳандозии формати С5+1 «Муколамаи илмию сиёсии Осиёи Миёна ва Олмон» заминаҳои густардаеро барои муколама ва табодули таҷрибаи илмӣ-таҳқиқотӣ миёни кишварҳои минтақа фароҳам меорад.

Шумораи донишҷӯён, магистрантон, докторанти (PhD), унвонҷӯён ва олимон, ки ба таҳсилу пажуҳиш дар муассисаҳои олии Олмон ва давлатҳои Осиёи Миёна таваҷҷуҳ доранд, сол то сол афзуда, дар ҳамин радиф, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои муассир меандешад, то ки сатҳи омодагии онҳо ба таҳсил ва пажуҳиш дар хориҷи кишвар, аз ҷумла, дар Олмон ва давлатҳои Осиёи Миёна боз ҳам беҳтар гардад.

Инчунин, қайд гардид, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барандаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм мебошад, омодааст, ҷиҳати густариши мубодилаи академии донишҷӯён, магистрантон, докторанти (PhD), унвонҷӯён ва олимон, лоиҳаҳои муштараки илмӣ, баргузории конфронсҳо ва семинарҳои байналмилалӣ, нашрияҳо ва тадқиқоти муштарак ҳамкориҳои судмандро бо Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва давлатҳои Осиёи Миёна ба роҳ монад.

# Баррасии масоили муҳим

**16 майи соли ҷорӣ дар Вазорати маориф ва илм вохӯрии муовини вазири маориф ва илм Равшан Каримзода бо директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муштараки Тоҷикистону Россия баргузор гардид.**

Муовини вазир зикр намуд, ки баргузории чунин ҷаласаҳо воситаи муҳимми табодули таҷриба ва таҳияи роҳҳои беҳтарсозии мушкилот ва ноил шудан ба дастовардҳои муштарак ба шумор меравад.

Дар вохӯрӣ ҳисоботи директорони Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Бохтар ба номи М. В. Ломоносов ва Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия ва масъалаҳои муҳимми марбут ба соли таҳсили 2024-2025 мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Ҳангоми баррасии масъалаҳо ба масоили сифати таълим, сатҳи донишандӯзии хонандагон, раванди таълиму тарбия, ҳолати давомоти хонандагон, таъмини муассисаҳо бо кадрҳои соҳибихтисос ва китобҳои дарсӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Ҳозирин, инчунин, оид ба ҳамкориҳои муассир миёни мактаб ва волидайн, татбиқи усулҳои омӯзиши фосилавӣ, роҳандозии омӯзишҳои иловагӣ, дастовардҳои муассисаҳои таълимӣ дар соли таҳсили ҷорӣ ва ҷалби хонандагон ба корҳои илмӣ-амалӣ мубодилаи афкор намуданд.

Муовини вазир ба фаъолияти муассисаҳои муштарак баҳои мусбат дода, омодагии вазоратро барои дастгирии ҳамаҷониба ва рушди минбаъдаи ҳамкориҳои соҳаи маориф миёни Тоҷикистону Россия баён намуд.

Дар фарҷом бо дарназардошти таҳлили ҳисоботи директорони муассисаҳои муштарак қарорҳои дахлдор қабул гардид.

*Маркази матбуоти*
*Вазорати маориф ва илм*

18 май дар кишвар наздик ба 250 ҳазор нафар дар Дави миллӣ ва беш аз 19 ҳазор нафар дар марафони велосипедронӣ иштирок намуданд.

*Диле, к-аз меҳр бошад бешикебо,*
*На аз гармо битарсад, на зи сармо.*
*Фахриддини Гургонӣ*



23 МАЙ – РӮЗИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН

# Нақши Пешвои миллат дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон

**Муқаддима**

Ҷавонон ҳамчун неруи пешбарандаву фаъоли ҷомеа дар рушди давлатдории миллӣ нақши бориз доранд. Аз ин рӯ, дар кишвар тамоми имконоту шароит барои омӯзишу фарогирии донишҳои муосир ва соҳибкасб шудани онҳо фароҳам оварда шудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали давлатдорӣ сиёсати давлатии ҷавононро дар меҳвари фаъолият қарор дода, пайваста тадбирҳои судманд ҷиҳати таҳсилу омӯзиш, соҳибкасб гардидан ва фаъолияти бавусъат дар тамоми соҳаҳои кишвар меандешанд.

**Роҳнамову ҳидоятгари ҷавонон**

17-уми марти соли 1994 мулоқоти нахустини Пешвои миллат бо ҷавонон дар Анҷумани якуми Иттифоқи ҷавонон доир гардида буд. Аз соли 1997 инҷониб 23 май ҳамчун Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон таҷлил мегардад ва ҳамасола Пешвои миллат дар ин сана ҷавонони кишварро табрик намуда, дастуру ҳидоятҳои созанда ироа мекунанд. Аз нахустин мулоқот бо ҷавонон маълум мегардад, ки Сарвари давлат дар раванди давлатдории навин ба ин неруи созанда ҳамеша такя менамоянд ва дар расидан ба марҳалаи нави рушд саҳми онҳоро боризу ҳалкунанда меҳисобанд. Паёму суханрониҳои Сарвари давлат ҳамчун омили муттаҳидкунанда ва ташаккулбахши маънавии ҷавонон хидмат мекунанд. Маълум аст, ки Президенти кишвар ҳам дар Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олӣ ва ҳам дар суханрониҳояшон дар Рӯзи ҷавонон ба он нукта ишора менамоянд, ки маҳз ба неруи ҷавонон метавон такя намуда, дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ ба пешрафтҳо ноил гардид. Аз ин рӯ, суханони Пешвои миллатро дар масъалаи саҳму нақши ҷавонон дар рушду пешрафти кишвар метавон чунин баҳогузорӣ намуд:

**Якум,** дар суханрониҳои Пешвои миллат пайваста таъкид мегардад, ки маҳз ҷавононанд, ки бо неруи ҷисмониву маънавии хеш кишварро ҳамаҷониба дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ менамоянд.

**Дуюм,** ба таълиму тарбияи онҳо диққати махсус зоҳир бояд кард, зеро бо фарогири донишҳои замонавӣ метавонанд ҳамчун неруи созанда дар пешрафти давлат саҳми муносиб гузоранд.

**Сеюм,** ба масъалаи ҳувияти миллӣ ва ифтихори ватандории ҷавонон диққати махсус дода мешавад, то ҳамчун хештаншиносу ватандӯст дар ҳифзу ҳимояи арзишҳои миллӣ талош намоянд.

**Чорум,** масъалаи соҳибкасб гардидани ҷавонон ҳамвора дар мадди назар қарор дорад. Зеро ҷавононе, ки соҳиби касбу ҳунари муносиб ҳастанд, дар шоҳроҳи зиндагӣ ба мушкилӣ рӯ ба рӯ намегарданд ва ҳамеша дар комёбӣ ва гулгулшукуфии Ватан саҳм мегузоранд ва аз зиндагии шоиста бархурдор мегарданд.

**Панҷум,** ба тақвияти неруи зеҳнии ҷавонон диққати аввалиндараҷа дода мешавад, зеро дар замони муосир он кишварҳое ба пешрафтҳои чашмгир ноил мегарданд, ки дар онҳо ковишу ҷустуҷӯ ва пажуҳишҳои бунёдии илмӣ дар амал татбиқ карда шаванд.

**Шашум,** одобу ахлоқи ҳамидаи насли ҷавонон асоси пойдориву устувории давлат ва ҷомеа маҳсуб меёбад, ки ин нукта дар Паёму суханрониҳои Пешвои миллат пайваста таъкид мегардад. Дар ин замина, Сарвари давлат бамаврид зикр кардаанд: «Ҷавонон муҳофизони боэътимоди Ватан, амнияти давлату миллат, сарчашмаи ташаббусҳо ва манбаи асосии кадрҳо ҳастанд. Онҳо дар дигаргунсозиҳои демокративу иқтисодии Тоҷикистон такягоҳи боэътимод ва ҷузъи ҷудонопазири муносибатҳои байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат мебошанд».

Ба ин маънӣ, метавон масъалагузориҳои Сарвари давлатро дар Паёму суханрониҳо вобаста ба тарбияи шоистаи ҷавонон идома бахшид.




**Низоми қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ**

Барои фароҳам овардани шароити мусоиди фаъолияти ҷавонон як қатор қонуну қарор, стратегия ва барномаҳои давлатӣ қабул гардидаанд, ки дар онҳо ба таври дақиқу ҳамаҷониба фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷавонон дар ҷомеа нишон дода шудааст, ки он ҳама дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон такони ҷиддӣ мебахшанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон», «Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон», «Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018», «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020» қабул шудааст, ки ҷалби ҷавононро ба корҳои созанда вусъат бахшида, иштироки фаъолонаи онҳоро дар бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон таъмин менамоянд.

Дар зимн, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодии тарбия, ташаккул ва камолоти ҷавонон муқаррар шуда, принсипҳо ва тадбирҳои татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи истифодаи пурсамари неруи зеҳнӣ ва маънавии онҳо, ки ба манфиати ҷамъият равона мешавад, муайян гардидааст.

Дар Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст: "Таҷрибаи даҳсолаҳои охир собит месозад, ки танҳо он кишварҳо ба дастовардҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ноил мегарданд, ки ба ҷавонон таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоянд ва он ҷомеа рушди устуворро таъмин месозад, ки системаи маъмулии ақидаро нисбат ба насли ҷавон, нисбат ба системаи муносибати байниҳамдигарии наслҳо ва моҳияти он барои рушди сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ такмил медиҳад. Аз ин рӯ, ба афзалияти стратегӣ он давлат ё ҷомеае ноил мегардад, ки аз неруи инсонӣ, дар навбати аввал неруи созандаи рушд, ки заминагузори он ҷавонон мебошанд, самаранок истифода барад». Дар консепсияи мазкур ташаккул ва рушди сиёсати давлатии ҷавонон мушаххас гардида, дар он перомуни нақши ҷавонон дар рушди кишвар, таъмини рақобатпазирӣ ва амнияти миллӣ, масъалаи асосии сиёсати давлатии ҷавонон, ба пешаву касбҳои зарурӣ фаро гирифтани ҷавонон, таъмини тарзи ҳаёти солим, таҳсилоти муносиб, таъминоти иҷтимоӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, мустақилияти иқтисодӣ, тарбияи ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида ва фарҳангдӯстӣ, заминаи илмию амалӣ ва сиёсати давлатӣ, натиҷаҳои қонеъкунанда вобаста ба татбиқи консепсия ва амсоли инҳо мушаххас гардидааст. Дар консепсияи мазкур ва дигар сандҳои муҳим паҳлуҳои гуногуни фаъолияти ҷавонон бозгӯ мешаванд, ки далели равшани дар меҳвар қарор доштан ҷавонон дар сиёсати давлатӣ мебошанд.

**Фарогирӣ ба илму дониш ва нақши ҷавонон дар рушди ҷомеа**

Он ҷомеае ба пешрафту шукуфоӣ ноил мегардад, ки ҷавонони он соҳибмаълумот ва дорои донишу ҷаҳонбинии пешрафта бошанд. Ба ин мазмун, дар кишвар шароити мусоид барои фарогирии донишҳои муосир муҳайё гардидааст. Аз ҷумла, дар Конститутсия, қонунҳои ҶТ «Дар бораи маориф», «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ва «Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаи рушди неруи зеҳнии ҷавонон ба таври дақиқ зикр шудааст. Зеро дар замони бархурди тамаддунҳо ва рушди ҳамаҷонибаи техникаву технологияи навин ба масъалаи тарбияи ҷавонон диққати аввалиндараҷа зоҳир карда мешавад. Маҳз неруи ҷавонии кишвар чун захираи тиллоии мамлакат дар роҳи татбиқи илм дар истеҳсолот ва ба ин васила, дар мусоидат кардан ба рушди иқтисодиёти миллӣ саҳми босазо мегузоранд. Аз ин ҷост, ки фароҳам овардани имкону шароит ва дастгирии иҷтимоии ҷавонон низ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Дар ин замина, дар замони истиқлол табирҳои судманд андешида шуда, теъдоди мактабҳои олӣ ва донишҷӯён бамаротиб зиёд гардид. Соли 1997 квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷавонони лаёқатманду боистеъдод таъсис дода шуд ва имкон даст дод, ки беҳтаринҳо аз гӯшаву канори мамлакат ба таҳсил фаро гирифта шаванд. Дар баробари ин, муносибати байналмилалӣ дар самти таҳсилот вусъат ёфт ва ҳамасола теъдоди зиёде аз ҷавонони кишвар барои таҳсил ба мактабҳои олии хориҷии кишвар фиристода мешаванд. Инчунин, Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Дурахшандагон» таъсис ёфт, ки қадами устувор барои тайёр намудани мутахассисони варзидаи сатҳи ҷаҳонӣ ва барои иқтисодиёти кишвар муҳим омода карда мешавад.

Шоистаи таъкид аст, ки барои ҷалби ҷавонон ба корҳои илмию тадқиқотӣ шароити мусоид ба миён омадааст. Дар кишвар Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад, ки барои дастгирии ҷавонон дар самти ҳимояи рисолаҳои илмии бунёдӣ ба ҳисоб меравад. Дар зимн, ба самтҳои афзалиятноки илмӣ диққати махсус зоҳир шуда, бештар он мавзӯъҳое тадқиқ мегарданд, ки муҷиби пешрафти иқтисодиёти миллӣ мебошанд. Бояд гуфт, ки бо дастури Пешвои миллат солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаҳои илму маориф» қабул гардидааст, ки ба ҳадафи ҷоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар алоқамандии қавӣ дорад.

Ҳамчунин, барои ҳавасмандгардонии олимони ҷавон Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Исмоили Сомонӣ таъсис дода шудааст, ки ҳамасола ба беҳтарин муҳаққиқони ҷавон тақдим мегардад.

Ҷавонон дар ҳамаи самтҳо, аз ҷумла, дар сохтмонҳои бузурги кишвар фаъолият мекунанд. Имрӯз дар бунёди роҳҳо, кандани нақбҳо ва НБОҳои кишвар бо дасту дили гарм кор менамоянд.

**Хулоса**

Нақши Пешвои миллат дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон назаррас буда, барои фаъолияти ин қувваи пешбарандаи ҷомеа дар ҳама бахшҳо заминаҳои ҳуқуқӣ ва имконоти фаровонро таъмин кардаанд. Дар баробари ин, тамоми шароити мусоиди таълим ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар хориҷи кишвар барои омӯзиши донишҳои муосир муҳайё гардидааст, ки ин ҳама ҷавонони мамлакатро вазифадор менамояд, ки боз ҳам бештар биомӯзанд, донишу ҷаҳонбинии хешро такмил бахшида, ба як ҷониб, ба рушди иқтисодиёт мусоидат намоянд, аз ҷониби дигар, дар арсаи ҷаҳонӣ кишварро ба таври шоиста муаррифӣ намоянд. Ва мо-ҷавонони кишвар ин нуктаҳои ҳикматбори Пешвои миллатро бояд сармашқи фаъолияти хеш қарор бидиҳем: «...ҷавонони азиз – бояд роҳи гузаштагони пурифтихорамонро бо омӯзиш ва азхуд кардани илмҳои замона идома дода, барои пешрафти Ватани аҷдодӣ талош варзед, зеро шумо меросбарони суннату анъанаҳои чандинҳазорсолаи халқамон ва давомдиҳандагони корномаи садоқ ва ҳазорҳо фарзандони фарзонаву фидокори он ҳастед. Бо эътимоди комил иброз медорам, ки ҷавонони ватандӯсти мо минбаъд низ бо ҳисси баланди миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ, зиракии сиёсӣ, ҷаҳонбинии васеъ, маърифати ҳуқуқӣ ва саъю талоши созандаву бунёдкорона барои ободии кишвар ва боз ҳам баланд бардоштани нуфузу обрӯи Тоҷикистони азизамон дар арсаи байналмилалӣ талош намуда, дар таҳкими пояҳои Истиқлоли давлатӣ ва давлатдории навини тоҷикон саҳми арзанда мегузоранд».

*Насриддин ОХУНЗОДА,*
*«Омӯзгор»*

Дар ноҳияи Данғара 46 муассисаи фарҳангӣ фаъолият менамоянд.

*Сухан падид кунад, к–аз ману ту мардум кист,*
*Ки бе сухан ману ту ҳар ду нақши деворем.*
*Носири Хусрав*



## БАРНОМАИ ФАЪОЛИЯТ

***Аз якуми июн машғулиятҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пурра ҷамъбаст мегарданд ва хонандагон бо супоридани аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм ба таътили тобистона мебароянд. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳадафманду самаранок гузаронидани истироҳати хонандагон мунтазам тадбирҳои судманд меандешад. Зеро таътили тобистона на танҳо фурсати истироҳат аз машғулиятҳои мактабӣ, балки як давраи пур аз имкониятҳои нав ҷиҳати омӯзиш ва рушди шахсияти хонандагон ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, аз ҷониби вазорат бо фароҳам овардани муҳити мусоид барои омӯхтани малакаҳои нав, густариши ҷаҳонбинӣ ва истироҳати самараноки хонандагон корҳои назаррас анҷом дода мешавад. Ба ин хотир, тибқа нақша дар гӯшаву канори мамлакат як қатор чорабиниҳои омӯзишӣ, фароғатӣ ва эҷодӣ роҳандозӣ мегардад, ки ба ташаккули ҳамаҷонибаи хонандагон мусоидат мекунанд, ки ба таври иҷмолӣ онҳоро шарҳу тавзеҳ мебахшем.***

# Ҳадаф: истироҳат, омӯзиш ва варзиш

**Таътил дар истироҳатгоҳҳои таълимӣ ва фароғатӣ**

Яке аз муҳимтарин самтҳои фаъолият таътили тобистона дар истироҳатгоҳҳои таълимӣ ва фароғатӣ мебошанд. Дар истироҳатгоҳҳо, ки дар муҳити табиии сабзу хуррам ва дур аз шаҳрҳо ҷойгир шудаанд, на танҳо фазои орому осуда барои истироҳат, балки шароити мусоид барои машғулиятҳои таълимӣ ва варзишӣ фароҳам оварда мешавад. Хонандагон дар ин ҷо метавонанд бо бозиҳои варзишӣ машғул шаванд, дар маҳфилҳои эҷодӣ иштирок кунанд ва саёҳатҳои омӯзиширо таҷриба намоянд.

Муассисаҳои таълимии назди мактабҳо низ дар давраи тобистон ҳамчун истироҳатгоҳҳои наздимактабӣ фаъолият мекунанд. Дар истироҳатгоҳҳои мазкур хонандагон пас аз машғулиятҳои таълимӣ ба бозиҳо, расмкашӣ, ҳунарҳои дастӣ ва курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ ҷалб карда мешаванд. Инчунин, дар назди баъзе мактабҳо «Гӯшаҳои эҷодӣ» ташкил мешаванд, ки хонандагон метавонанд истеъдодашонро муаррифӣ намуда, такмил бахшанд.

**Маркази рушди эҷод ва малакаҳо**

Марказҳои таҳсилоти иловагӣ, ки асосан, дар доираи «Марказҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон» фаъолият менамоянд, имконияти фаровон барои рушди малакаҳои эҷодӣ ва илмии хонандагонро муҳайё месозанд. Дар марказҳо хонандагон метавонанд ба омӯзиши технологияҳои нав, ҳунарҳои бадеӣ, расмкашӣ, робототехника, моделсозӣ ва дигар фанҳои эҷодӣ машғул шаванд.

Инчунин, маҳфилҳо ва курсҳои омӯзишӣ барои рушди истеъдодҳои кӯдакон гузаронида мешаванд. Чунин фаъолиятҳо на танҳо малакаҳои эҷодиро инкишоф медиҳанд, балки ба хонандагон ёрӣ мерасонанд, ки қобилияти мустақилона фикр кардан, таҳлил намудан ва ҳалли масъалаҳои мураккабро омӯзанд.

**Китобхона ва рушди фарҳанги китобхонӣ**

Таътили тобистона имконияти хубест барои ҷалб намудани хонандагон ба китобхонӣ. Китобхонаҳои шаҳрӣ ва мактабӣ дари худро барои хонандагон боз мекунанд ва як қатор чорабиниҳои фарҳангӣ, аз ҷумла, «Рӯзи китобхонӣ» ва «Ҳафтаи китоб» баргузор менамоянд. Дар ин рӯзҳо хонандагон метавонанд бо асарҳои бадеӣ, таърихӣ ва илмӣ шинос шаванд ва онҳоро мутолиа намоянд.

Илова бар ин, рушди китобхонаҳои электронӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки аз захираҳои интернетӣ истифода бурда, китобҳои заруриро дар шакли рақамӣ мутолиа кунанд. Платформаҳо, ба монанди «Китобдӯст» ва www.marifat.tj захираҳои пурраи адабиёти бадеӣ, илмию таълимӣ ва навъҳои гуногунро пешниҳод мекунанд, ки хонандагон метавонанд, бидуни маҳдудият дастрасӣ пайдо кунанд. Дар баробари ин, номгӯи асарҳои бадеӣ барои хониши беруназсинфии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ вобаста ба синну сол (аз синфҳои 1 то 11) ба муассисаҳои таълимӣ дастрас карда шудааст, ки ҳамчун роҳнамо барои омӯзгорону хонандагон хидмат мекунад.

**Озмунҳои зеҳнӣ - такмилбахши дониш**

Дар таътили тобистона озмунҳои зеҳнӣ аз фанҳои математика, физика, химия ва технологияи иттилоотӣ роҳандозӣ мегарданд, ки дар онҳо беҳтарин хонандагон иштирок намуда, донишу ҷаҳонбинӣ, истеъдод ва маҳорати худро нишон медиҳанд. Озмунҳо ба онҳо имкон медиҳанд, ки аз як тараф, дониши худро такмил диҳанд, аз ҷониби дигар, малакаи рақобатпазирӣ ва тафаккури мантиқии хешро сайқал бахшанд.

Озмунҳои адабӣ ва ҳунарӣ, ба монанди «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат» ва «Хонандаи беҳтарин» ба муҳассилин



шароит фароҳам меоранд, ки истеъдод ва дарку маърифаташонро тақвият диҳанд. Чорабиниҳои мазкур на танҳо ба рушди шахсият, балки ба баланд бардоштани фарҳанги мутолиа ва худомӯзии хонандагон мусоидат мекунанд.

**Варзиш ва машғулиятҳои солимгардонӣ**

Варзиш дар давраи таътили тобистона на танҳо василаи солимгардонӣ, балки имконияти бузург барои рушди ҷисмонӣ ва ҳамкории дастаҷамъона мебошад. Мактабҳову марказҳои варзишӣ машғулиятҳои солимгардонӣ, мусобиқаҳо ва бозиҳо гуногунро барои хонандагон ташкил мекунанд.

Машғулиятҳои варзишӣ, ба мисли футбол, волейбол, теннис, баскетбол ва шоҳмот на танҳо ба беҳтар шудани солимӣ, балки ба таҳкими ирода, ҳамкории гурӯҳӣ ва эҳтироми якдигар кумак мерасонанд. Илова бар ин, шиноварӣ ва гимнастика дар ҳавзҳои варзишӣ ва толорҳои махсус барои такмили малакаҳои ҷисмонӣ хеле муфиданд.

**Саёҳати омӯзишӣ, боздид аз театр ва осорхонаҳо**

Тобистон замони беҳтарин барои шиносоӣ бо мероси бойи таърихӣ ва фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин давра сафарҳои омӯзишӣ ва сайёҳӣ ба осорхонаву ёдгориҳои таърихӣ ва театрҳо ташкил карда мешаванд. Хонандагон метавонанд дар сафарҳои кӯтоҳмуддат аз манзараҳои зебоманзари кишвар, аз ҷумла, кӯлҳо, боғҳои табиӣ, мамнуъгоҳҳо ва ғайраро тамошо намуда, таассуроту бардошти амиқ бардоранд, ки ин омил ба такмили ҷаҳонбинӣ, баланд бардоштани донишҳои таърихӣ ва эҳсоси ватандӯстии онҳо мусоидат менамоянд. Ҳамчунин, боздид аз театр ва намоишномаҳои таълимӣ ба тарбияи фарҳангии онҳо таъсири мусбат мерасонад.

Аз ин рӯ, аҳли маорифи кишварро зарур аст, ки дар давраи таътили тобистона ҳамкориву робита бо хонандагонро бештар намуда, бо фароҳам овардани шароити созгори омӯзишу таътил, аз як тараф, хонандагон ба истироҳати тобистона фаро гирифта шаванд, аз ҷониби дигар, ба густариши донишу ҷаҳонбнии онҳо такони ҷиддӣ бахшанд.

***Хуршед ДАВЛАТАЛИЗОДА,***
***сардори Маркази матбуоти***
***Вазорати маориф ва илм***

## САБҚАТ

# Ҷамъбасти даври дуюм

Сол аз сол шумораи довталабони Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар минтақаи Кӯлоб зиёд шуда истодааст. Дар шаҳру навоҳии минтақаи Кӯлоб даври дуюми ин озмун баргузор гардид.

***

Чанде пеш дар МТМУ №45-и шаҳри Кӯлоб даври дуюми шаҳрии Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» бо иштироки хонандагону омӯзгорон, донишҷӯён ва дигар афроди касбу кори гуногун баргузор шуд. Озмун дар чор номинатсия – адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ, адабиёти классикии тоҷик, адабиёти муосири тоҷик, адабиёти ҷаҳон ба вуқуъ пайваста, доварон сатҳи фаҳмиши амиқи адабии иштирокдоронро ба таври ҷиддӣ баҳогузорӣ карданд. Тибқи маълумоти Қурбоналӣ Файзов, котиби масъули озмун, аз шумораи умумии 753 нафар иштирокчӣ 71 нафари онҳо, аз ҷумла, 56 духтар (45 нафар хонанда), 18 нафар донишҷӯ, 4 нафар омӯзгор (3 нафар омӯзгори мактаб), 4 нафар корманди касбу кори гуногун ба даври баъдӣ роҳ ёфтанд.

Дар ноҳияи Ховалинг ҳам даври дуюми озмуни мазкур баргузор шуд. Дар он аз рӯйи 4 номинатсия 196 нафар, аз ҷумла, 3 нафар омӯзгор, 3 нафар донишҷӯ ва 1 нафар корманди китобхона ва намояндагони касбу кори гуногун ширкат карданд, ки аз ин шумора 32 нафарашон ба даври вилоятӣ роҳхат гирифтанд.

***

12-14 майи соли ҷорӣ дар МТМУ №8-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин хонандагони зиёде барои иштирок дар даври ноҳиявии Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ҷамъ омада буданд. Тибқи нақша бароmади иштирокчиён давоми се рӯз аз ҷониби ҳайати ҳакамон назорат карда шуда, беҳтаринҳо ба даври минбаъда роҳхат гирифтанд. Озмун дар сатҳи шаффоф ҷамъбаст шуда, аз 400 нафар довталаб 39 нафар – 32 нафар хонанда, 4 нафар омӯзгор ва 3 нафар кормандони касбу кори гуногун беҳтарин дониста шуданд.

Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар ноҳияи Восеъ шумораи зиёди дӯстдорони китобу назму наср иштирок доштанд. Дар даври ноҳиявӣ 2763 нафар иштирок карданд. Аз ин шумора 54 нафар хонанда ва 10 нафар омӯзгор ба даври минбаъда роҳ ёфтанд.

***Худододи ИСЛОМ,***
***«Омӯзгор»***

Марҳилаи ноҳиявии Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар биноӣ Литсейи касбии агросаноатии ноҳияи Мастчоҳ баргузор гардид. Дар озмуни имсола 913 нафар довталаб аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ҳамчунин, омӯзгорон ва намояндагони касбу кори гуногун иштирок намуданд.

# Пирӯзии 78 нафар

Аз шумораи умумии довталабон 678 нафар ё худ 74 фисади иштирокдоронро занону духтарон ташкил медиҳанд. Ба даври вилоятии озмун 78 нафар, аз ҷумла, аз рӯйи номинатсияи адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ – 18 нафар, адабиёти классикии тоҷик – 24 нафар, адабиёти муосири тоҷик – 20 нафар, адабиёти ҷаҳон – 16 нафар роҳат гирифтанд.

Ҳамзамон, бо ҳадафи ташкили баргузории марҳалаи ноҳиявии озмун барои ғолибон тибқи қарори дахлдори раиси ноҳияи Мастчоҳ аз буҷети маҳаллӣ беш аз 76 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст.

***Нуъмон РАҶАБЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

**Дар ДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ вобаста ба ҳифзи пиряххо ва ҳалли мушкилоти экологӣ конференсия доир шуд.**

*Далели ақли марди омад сухан боз,*
*Чу ояд дар сухан, пайдо шавад роз.*
*Носири Хусрав*





# Хирадгароии аслӣ — бунёди тамаддуни инсонӣ

**Хирадгароӣ ва хирадандешӣ муҳимтарин шохиси инсонӣ аст, ки онро бар тамоми анвои зинда мутамоиз месозад. Он чи дар дарозои замони мавҷуд инсон ҷиҳати рафъи мушкил, бароварда кардани ниёзҳояш офаридааст, ба андешаву хирад ҳамбастагӣ дорад. Ба ибораи дигар, агар дигар анвои зинда (ҳайвонот дар назар аст) ҷиҳати зинда мондан танҳо ғариза такягоҳи онон бошад, инсонро сабаби мондагорияш андешаву хирад будааст. Қобили зикр аст, ки табдили хирадгароӣ ба як раванди иҷтимоӣ дар мароҳили навини тамаддуни башарӣ шакл гирифта, ҷомеаи хирадгароро ба миён овардааст. Ҷомеаи хирадгароро метавон ҷомеаи маданӣ низ номид. Яъне, ҷомеаи маданӣ гурӯҳе аз мардум аст, ки бо ҳам ваҷҳи муштарак дошта бошанд ва равобити онҳоро ахлоқ, огоҳӣ, доноӣ, зиракӣ, хушёрӣ ва маърифати дурусту илмӣ аз воқеияти ҷаҳон ташкил медиҳад. Ба тарзи дигар, ҷомеаи маданӣ кишвари қонунманд таъбир мешавад, ки бунёди онро доноӣ, огоҳӣ ва хирадпешагӣ ташкил медиҳад. Ҷомеаи маданӣ ҷомеаест, ки афроди он ҳама бо неруи инсонии худ боварманд ва низоми он бар асоси қонуну андеша пӯё аст. Дар чунин навъи ҷомеа бовармандӣ хислати дарунӣ дорад ва ҳар фард дар доштани боварҳои худ озод аст ва ба афроди дигар монеа эҷод намесозад. Бовар кори фард буда, он ҳеҷ гоҳ ба сиёсат, тавсеа ва созандагии кишвар дахолате надорад. Балки бовар имонию дарунӣ аст ва дар сатҳи куллии ҷомеа қонуну хирад нақши ҳассос ва таъйинкунанда дорад. Дар ҷомеаи маданӣ руҳониёну уламои динӣ ҳеҷ нақши қонунгузорӣ надошта, масъулияту корашон шахсию фардӣ буда, онҳо дур аз қарордодҳои иҷтимоӣ амал мекарданд. Ҳар гоҳ ки руҳониён ва уламои динӣ дар сиёсат ва қонунгузории иҷтимоӣ дахолат намудаанд, ин дахолатҳо муҷиб шудааст, ки даргириҳои таърихии бузургро ба вуҷуд оваранд ва ба хунрезию накбат ва куштори мардум мунҷар гардидааст.**

Ҳар гохе ба бомдоди шаклгирии андеша ва тарзи тафаккури гузаштагонамон то замони лашкаркашии бегонагон ва зери салтанатҳои аҷнабӣ қарор гирифтани онҳо назар афканем, хоҳем дарёфт, ки онон ҳамеша бо хирадандешӣ ба воқеияти табииву ҷаҳон назар афкандаанд. Далел ба ин гуфтаро метавон дар ҷашну маросимоти мардумии қавмҳои ориёӣ дарёфт, ки ҳамаи онҳо дар маърифат ва шинохти андешамандона ба воқеияти табииву будаанд. Метавон дар тафовут ба бовармандии қавмҳои дигар ҳатто бовармандии ориёиро хирадҷавҳар номид, зеро дар куҳантарин бовари онҳо пайваст ба нур ва хуршед аст. Чун онҳо ҳамеша мутмаъин буданд, сабаби рушду зиндагонӣ нур ва гармию хуршед аст. Ба ин тарзи бовару андеша низ ҷуғрофиёи зисти эрониён таъсиргузор будааст. Азбаски онҳо дар минтақае мезистанд, ки тамоми фаслҳои сол, аз ҷумла, зимистон бо тирамоҳ нисфе аз солро дар бар мегирифт ва барои зинда мондан ба нуру гармӣ эҳтиёҷ доштанд, аз ин рӯ, ҷавҳари ҳастӣ нуру рӯшаноиро медонистанд. Яъне, бовармандии қавмҳои ориёӣ бештар ба ҷуғрофиёи зист ва тарзи бароварда кардани ниёзҳояшон марбут аст, ки ин мардумон чун ба воситаи кишоварзӣ ниёзҳои худро бароварда месохтанд ва барои кишоварзӣ нуру гармии хуршед низ бисёр муҳим будааст, аз ин рӯ, онҳо мабдаи қудрату энерҷӣ хуршед ва нурро медонистаанд. Ҳамин аст, ки ҳамеша дар анвои боварҳои худ нур, хуршед, меҳр, оташ ва ҳар он чи ки аз худ гармӣ меафканд, онро меҳвари зиндагӣ медонистанд. Яъне, бо тафовут ба қавмҳои дигар ҳеҷ гоҳ дар теологияи худ, думболи сохтаҳои зеҳнӣ ва тахайюлот, инчунин, қудратҳои фарозаминии инсонмонанд нарафтаанд. Худобоварии онҳо бештар хирадгароёна ва мантиқӣ будааст. Ҳамчунин, тавҳидишон тавҳиди ишроқӣ (бар пояи нур) аст, на тавҳиди ҷисмонӣ. Ҳамин аст, ки дар арзишҳои ориёӣ андешаи наку ва хирадандешӣ яке аз андешаҳои бартар ба ҳисоб меравад. Зеро тамоми амалкарди инсон аз андешаи ӯ оғоз мегардад ва ҳар қадар агар андеша нек, дуруст ва орӣ аз дурӯғ бошад, он метавонад сабаби хушбахтӣ, рифоҳ ва осоиштагии инсонҳо гардад. Ҳамин аст, ки дар тамоми афкори ориёӣ накуандешӣ ва ростиву пархезкорӣ аз тамоми андешаҳои дигар ҷойгоҳи болотаре дорад. Ба тарзи дигар, метавон гуфт, хирадгароӣ меҳвари фарҳанги ориёиро ташкил медиҳад. Ҷавҳари хирадгароиро озодӣ ва меҳр, накуандешӣ ташкил медиҳад, ки бунёди аслии инсоният ва тафовути инсон ба ҳама анвои зиндаи дигар аст. Дар ҳар ҷое аз дунё агар ин мафҳумҳо ҳамчун арзиши аслии зиндагии инсонӣ қабул шуда риоят гарданд, он ҷо ҳатман дар амну осоиштагӣ ба сар мебаранд.

Нахустин андеша ва тафаккуре, ки аз хирад маншаъ мегирад, ҳазорон сол пеш дар китоби «Авасто» инъикос гардидааст. Як фарҳанг ва донишгоҳи кухан ба бузурге аст, ки фаротар аз 8 ҳазор сол қадимият дорад. Ин навишта, ки бар 120 ҷилд китоб дар замони худ будааст, мутаассифона, дар замони ҳамлаи Искандар аз байн рафта, имрӯз аз он 120 ҷилд як навиштаи кӯтоҳу муҷазе то ба мо омада расидааст.

Яъне, вақте гап дар бораи ҷомеаи мо меравад, боястӣ ҳар андешаву тасаввур аз он дидгоҳ сурат бигирад, ки то тавонанд бар масоили тарзи зисти инсон, мушкилоти зистӣ ва роҳҳалҳои он баҳои воқеию таҷрибапазири илмӣ ироа намоянд. Хирадгароӣ тарзи тафаккур ва андешаест, ки танҳо аз роҳи мантиқиву хирадӣ ва аз роҳҳои таҷрибашудаву пӯё метавонад бар роҳҳалҳои зистан ҷавоби саҳеҳу қонеъкунанда ба даст оварад. Ҳарчанд башар дар дарозои мавҷудияти худ вобаста аз типи тафаккур ва роҳҳои бароварда кардани ниёзҳои иҷтимоию инсонии хеш василаҳои зиёдеро, ки гоҳе онон шояд натавониста бошанд, ба таври воқеӣ ниёзҳои ҷомеаи инсониро бароварда созад. Аз рӯйи додаҳои таърихӣ тарзи тафаккури бостонии мардумони сарзамини мо мантиқӣ ва воқеънигорона буд. Ҳамеша онҳо хирадандеширо болотар аз ҳама гуна андешаҳои эҳсосӣ ва тасаввурию тахайюлӣ қарор медоданд. Ҳамин аст, ки барои мардумони сарзамини мо болотар аз андеша (яъне, тасмим, ҳадаф) муҳимтарин омили некандешӣ будааст. Агар ба умқи консепсияи ахлоқии «Авасто» назар андозем, хоҳем дарёфт, ки андеша барои мардумони сарзамини мо, ки накуиву инсонгароӣ пояи он бошад, аз тамоми арзишҳои дигар болотар қарор мегирад. Аз тарафи дигар, хирадандешӣ ҳолатест, ки тамоми роҳи ҳалли мушкил аз тариқи дидгоҳҳо ва бунёдҳое пешниҳод мегардад, ки онҳо созгор бо ақлу мантиқ буда бошанд. Гузаштагони мо ҳанӯз ҳазорон сол пеш то омадани динҳои тавҳидиву сомӣ дарёфта буданд, ки дониш, хирад ва таҷриба ҷавҳари асосии рафъи мушкилоти иҷтимоиву ҳастишиносӣ аст. Ҳамин аст, ки онон андешаи некро бунёди асосии олам ва махсусан олами инсонӣ эътироф намудаанд. Зеро агар барои ҳар фарде андешаи наку ва ҳадафи наку барои расидан ба мақсад вуҷуд надошта бошад, воқеаи амалкардҳо танҳо як намоиш ва як персонажи лаҳзавӣ беш буда наметавонанд. Вале барои фарҳанги бузурги ориёӣ, ки решаҳои аслии онро андеша ва хирад ташкил медиҳад, ҳамеша накуандешӣ ва хирадандешӣ ҳамчун бунёду ҷавҳар ба ҳайси арзиши муҳим пазируфта шудааст. Додаҳои таърихӣ бар онанд, ки андешаро ба ҳайси категорияи болотарини ҳастишиносӣ мардумони сарзамини мо ҳазорон сол пеш аз юнониён ва дигар мардумоне, ки даъвои соҳибияти тамаддун мекунанд, ба роҳ монда буданд. Агар мо ба бузургтарин меъёрҳои ахлоқии тамаддуни башар назар афканем, ҳеҷ гоҳ меъёре болотар аз андешаи нек наметавонем дарёфт, зеро андешаи нек ҷавҳари асосии инсоният аст. Чун ҳар амалеро, ки инсон ба хотири зиндагонию вуҷуди хеш мехоҳад анҷом диҳад, онҳо ҳамагӣ аз андешаи накуи ӯ маншаъ мегиранд. То тасмими асосӣ тавассути мағзу андешаи инсон ба роҳ монда нашавад, дигар буъдҳои зиндагии ӯ наметавонанд шаклгирӣ дошта бошанд. Ҳамин аст, ки категорияи андеша барои тарзи тафаккури таърихии мардумони мо дар авлавият ва дар меҳвар қарор мегирад. Зеро инсон пеш аз оне, ки ин ё он амалро тавассути даст ё аъзои дигари ҷисмонӣ анҷом бидиҳад, саравввал ҳадаф ва хулосаи ҳар падидаро дар зеҳни худ тарроҳӣ менамояд. Ҳамин аст, ки инсон ба ҳайси мавҷуди олии соҳибтафаккур бо хираду андешаи хеш аз тамоми анвои дигари зинда тафовут дорад. Хирадандешӣ пояи тафаккур ва бунёди ҷавҳарии фарҳанги ориёии мо будааст. Зеро сарчашмаҳои зиёди таърихӣ гувоҳ бар онанд, ки қавмҳои баъдие, ки дар ҷаҳон нумуъ кардаанд ё ҳадди ақал сарзамини паҳновари ориёиро ғасб кардаанд, новобаста аз тамоми назардоштҳои хеш дар баробари қавмҳои ин сарзамин ба натиҷае расидаанд, ки хирадандешӣ асли воқеияти вуҷудии инсоният аст. Бар муҳтавои ҳамин андеша дар Юнони Бостон, ки яке аз ҳошияҳои давлатдории Ҳахоманишиён буд, хирадгароӣ (фалсафа) ба ҳайси як дониши бунёдию меҳварӣ ташаккул ёфт. Дар Юнони Бостон пояи хирадгароиро ба Пифагор нисбат медиҳанд. Аксар аз сарчашмаҳои таърихӣ бар онанд, ки Пифагор пайравие аз фарҳанги эронӣ дошт ва дар заминаи биниши ориёӣ хирадманишию хирадварзии хешро пешниҳод намудааст. Аксар аз муҳаққиқони бостонӣ бар онанд, ки Пифагор шогирди мактабҳои ориёӣ буд ва дар заминаи бунёдии хирадандешӣ, махсусан, тариқаи дастрасӣ пайдо намудан ба кутуб ва фарҳанги хирадмеҳвари эронӣ тавонистааст хирадро ба ҳайси меҳвари андешаи юнонӣ пешниҳод созад, ки дар заминаи он баъдан дар фарҳанги юнонӣ хирадманишӣ як пояи асосии шинохти ҷаҳону ҷомеасозӣ ва дарку андешаи бунёдию созандагии инсон қарор бигирад. Қобили қайд аст, ки Пифагорро ба ҳайси бунёдгузори ҳикмату андеша ва риёзиёт, ки он ҳам як тарзи дақиқи муайян намудан ва эътирофи падидаю ашё дар ҷаҳони инсонӣ аст, этироф кардаанд ва поягузори ҳикмату риёзиро бар ин ҳакими юнонӣ медонанд.



Иддае аз донишмандону пажуҳишгарон (Фердинанд Лассал, файласуф ва донишманди олмонӣ (1825-1864), ҳамчунин, муфассал нигаред ба асарҳои донишманди тоҷик Нуриддин Шаҳобиддинов «Дар сапедадами озодандешӣ» (Душанбе, 2018), Нитше ва Зардушти таърихӣ (тарҳрезии бунёдҳои навин) (Душанбе, 2015) бар онанд, ки Пифагор тамоми донишу андешаҳои худро аз эрониён иқтисоб намудааст ва ба тавассути омӯзаҳое, ки аз мубадону донишмандони эронӣ ба даст овардааст, тасаввурот ва андешаи хешро дар бораи ҷаҳону ҳастӣ иброз кардааст. Чунин андеша маънии онро дорад, ки хирадандешӣ ва аз роҳи таҷрибаву ақл ҳал кардани мушкилоти худу ҷомеа, ки баъдан дар замони эҳё ба ҳайси меҳвари андешаи аврупоӣ қарор гирифта, сабаби асосии пешрафт ва соҳиби ҷойгоҳи баланди тамаддунӣ шудани ин мардумон мегардад, аз ҳамин хирадандешӣ маншаъ гирифтааст. Яъне, ба маънии дигар ҳеҷ гоҳ хирадандешӣ ба зеҳнияти миллату мардуми мо бегона набуда, ҷавҳари он чи ки қавмҳои дигаре, ки имрӯз даъвии соҳиби тамаддун будан мекунанд, аз ҳамин тарзи тафаккури ориёӣ бархостааст. Пифагор, ки дастпарвари мактаби андешаи ориёӣ буд, мегуфт, ки адади 1 бунёди ҷавҳари ҷаҳон аст, адади 2 зиддияти байни тарафҳои мухолифест, ки дар як падида мавҷуданд. Адади 3 бо макон иртибот дорад, ки он дорои се ченак (дарозӣ, бар ва баландӣ) аст. Адади 5 бошад, бо сифат иртибот дорад. Адади 6 бо рубият, адади 7 бо хирад, нур, дурустӣ (баргирифта аз «Авасто») рабт мегирад. Адади 8 бошад, бо ишқу меҳру ростӣ, адади 9 бо андеша дар амалкардҳои ҷомеаву ҳастӣ ва адади 10 ҷамъбасткунандаи тамоми хосияти ададҳои дигар аст, ки баробар аст, бо таркиби олами вуҷуд ва муҳтавои ҳамаи ашёи ҳастӣ. Пифагор бовар дошт, ки хиради ҷовидона ба чашм дида намешавад ва он танҳо тавассути равони пок, андешаи пок зоҳир мегардад. Ҳарчанд андешаи покро ӯ ҳамчун зеҳнияти бунёдии як ҷомеа иброз надошта бошад ҳам, ҳамчун тарз ва аслу бунёди зиндагии саодатманд ишорат менамояд, ки он баъдан аз тарафи донишмандони дигари юнонӣ аз Суқрот то ба Афлотуну Арасту идомат пайдо мекунанд. Яъне, ба тарзи дигар, андешаи Юнон маншаъ гирифта аз тарзи хирадандешии ориёӣ мебошад, ки он баъдан дар тамоми сарчашмаҳову навиштаҳо ба яке аз меҳвартарин андешаҳои тамаддунсози ҷомеаи инсонӣ табдил гардидааст. Агарчи дар беш аз ҳазор соли ҳокимияти масеҳӣ хирадандешии маншаи ориёӣ ҷойгоҳе надошта бошад ҳам, пас аз даврони эҳё, ки яке аз марҳалаҳои муҳимми шаклгирии тамаддуни башар аст, тавассути тарҷумаи осори мутафаккирони бузурги Шарқ, ки пайравони фалсафаи Арасту будаанд, даврони нави Аврупо шакл мегирад. Бад-ин васила, тамаддуни имрӯзаи аврупоӣ, ки бунёди онро хирад ташкил медиҳад, тавсеа ёфта, ба пояи имрӯзаи хеш расидааст. Ҳамаи ин бозгӯйи онанд, ки хирадандешӣ бунёди тафаккур ва фалсафаи фарҳанги мо буда, миллатҳои ориёӣ аз аввалин қавмҳоеанд, ки бунёди хирадро барои ҷаҳониён ба мерос гузоштаанд. Онҳо аз аввалин қавмҳоеанд, ки бо роҳи хирадандешӣ бар аксари масоили ҳастӣ ҷавобҳои саҳеҳи ақлонию хирадӣ пешниҳод ва мардумони ҷаҳонро барои ҳалли мушкилоти иҷтимоию зистии худ ба мантиқандешӣ даъват намудаанд. Миллати мо имрӯз танҳо аз роҳи бунёди ҷомеаи хирадмеҳвар, ки заминаи таърихии он дар фарҳанги мо ҷойгоҳи баланде дорад, метавонад бо коргирӣ аз ақлу хирад ва мантиқандешӣ, шинохту бардошти дурусти илмиву таҷрибавӣ аз равандҳои ҷаҳонӣ ба сатҳи рушди бемайлони иҷтимоии иқтисодӣ бирасад.

*Исомиддин ШАРИФЗОДА,*
*номзади илмҳои фалсафа*

**Дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба хотири Шоири халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода намоиш баргузор шуд.**

ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНӢ

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

**(Идома аз шумораҳои гузашта)**

**Машғулияти бистум (синфҳои 5-7)**

313. Сармуҳандиси завод одатан бо қатора соати 8-и саҳар ба кор меояд. Соати 8 ба истгоҳ автобус омада, ӯро ба завод мебарад. Боре сармуҳандис ба истгоҳ (вокзал) соати 7-и саҳар омада, ба пешвози мошина роҳсипор ва ба мошина савор шуд, ба завод аз ҳарвақта 20 дақиқа пештар омада расид. Сармуҳандис дар кадом соат дар мошин нишаст?

314. Карим, Баҳром, Валибой ва Юлдош дар мусобиқа чор ҷойи аввалро ишғол намуда, дутои онҳо ҷойҳоро байни ҳам тақсим накарданд. Ба саволи кӣ кадом ҷойро ишғол кард, Карим ҷавоб дод: “На ҷойи якум, на ҷойи чорум”. Баҳром гуфт: “ҷойи дуюм”, Валибой қайд намуд, ки вай охирин набуд. Агар онҳо рост гуфта бошанд, ҳар яки онҳо кадом ҷойро ишғол намудааст.

315. Агар $x$ ва $y$ ададҳои натуралӣ бошанд, суммаи (ҳосили ҷамъи) $135^x+31^y+51^{x+y}$ бо кадом рақам ба охир мерасад.

316. Росткунҷаи ченакаш $9\times4$-ро ба ду қисми баробар ҳамин хел тақсим кунед, ки аз онҳо квадрат сохтан мумкин бошад.

317. Занбурӯғчинон 100 кг занбурӯғ ғун карданд. Аён гашт, ки намии он 90% мебошад. Вақте ки занбурӯғҳоро хушкиданд, намӣ ба 98% расид. Вазни занбурӯғҳо пас аз хушккунӣ ба чӣ баробар шуд?

318. Оё ададҳои 1, 2, 3, . . . , 11, 12-ро дар ҷадвали аз 3 сатр ва 4 сутун тартиб додашуда, тарзе ҷойгир кардан мумкин аст, ки суммаи ададҳои ҳар як сутун баробар бошад?

319. Дар як моҳ се чоршанбе ба рӯзҳои ҷуфт мувофиқ меояд. Якшанбеи дуюми ин моҳ ба кадом адад мувофиқ мешавад?

320. Аз панҷ писарбача якумаш 1-сола, дуюмаш 2-сола, боқимондаҳояш 3, 4, 5-сола мебошанд. Осим аз ҳама хурдсол буда, синну соли Назир ба ҳосили ҷамъи синну соли Карим ва Нозир баробар аст. Парвиз чандсола аст, боз синну соли кадоми аз онҳоро муайян кардан мумкин аст?

321. Дар тахтаи шоҳмот ду майдон - чапи поён ва рости боло бурида партофта шудааст. Оё чунин тахтаро бо сафолаки ченакаш $2\times1$ пӯшонидан мумкин аст?

322. Дар коғази катакдор табақчаи сарпӯшдор *(нигаред ба расм)* тасвир карда шудааст. Барои ранг кардани сарпӯши он 30 грамм ранг сарф шуд. Барои ранг кардани табақча боз чанд грамм ранг лозим мешавад? Ҷавобро асоснок кунед.



323. Оё ададҳои 1, 2, 3, . . . , 11, 12-ро дар ҷадвали аз 3 сатр ва 4 сутун иборат буда, тарзе ҷойгир намудан мумкин аст, ки ҳосили ҷамъи ҳар як сатр як хел бошад?

324. Ду халта 140 кг орд дорад. Агар аз халтаи якум ба халтаи дуюм $\frac{1}{8}$ ҳиссаи ордро резем, миқдори орди ҳарду халта як хел мешавад. Ҳар як халта чӣ қадар орд дорад?

325. Адади $2^{100}$ бо кадом рақам ба итмом мерасад?

326. Ду велосипедсавор аз маҳалҳои А ва В дар як вақт ба пешвози ҳамдигар ба роҳ баромада, дар масофаи 70 км аз маҳалли А бо ҳам вохӯрданд. Бо ҳамон суръат ҳаракатро давом дода, онҳо ба манзил расиданд, каме истироҳат карда, ба қафо баргаштанд. Вохӯрии дуюми онҳо дар масофаи 90 км аз маҳалли В ба амал омад. Масофаи байни А ва В-ро ёбед.

327. Соат $9^{15}$-ро нишон медиҳад. Кунҷи байни ақрабаки дақиқа ва соат ба чӣ баробар аст?

**Ҳалли масъалаҳо ва нишондоди онҳо**

**313.** 7 соату 50 дақиқа. Қайд мекунем, ки ба мошин аз ҷойи вохӯрӣ то вокзал ва ба қафо ҳаракат кардан лозим нашуд (10 дақиқа ба як тараф, 10 дақиқа ба тарафи дигар). **314.** Валибой, Баҳром, Карим, Юлдош. Азбаски Баҳром ҷойи дуюм, Карим сеюмро ишғол кардааст, Валибой ҷойи чорумро ишғол накард, пас ӯ ҷойи якумро ишғол намудааст, ба Юлдош ҷойи чорум боқӣ мемонад. **315.** Бо 2 ба охир мерасад. Адади 135 бо 5 ба итмом мерасад: адади 31 ба 1; адади 56 бо 6. **316.** *Ба расм нигаред*. Азбаски



масоҳати росткунҷа $36\,см^2$ аст, бинобар ин, он тарафи квадрат ба 6 см баробар мебошад. **317.** 50 кг. **Ҳал.** Вазни моддаи хушкӣ дар 100 кг занбурӯғ мавҷуда 3 кг (ҳангоми 99% будани намнокӣ) буда, пас аз хушккунӣ ин бузургӣ тағйир намеёбад, аммо ҳангоми ба 98% баробар будани намнокӣ он 2%-и вазни умумии занбурӯғро ташкил медиҳад. **318.** Не. Суммаи ададҳо дар ҷадвал ба 4 каратӣ нест. **319.** Якшанбеи дуюм ба рӯзи 13-ум мувофиқ омадааст. Агар се рӯзҳои чоршанбеи як моҳ ба рӯзҳои ҷуфт рост ояд, он гоҳ чоршанбеи якум рӯзи 2-юм, чоршанбеи сеюм рӯзи 16-ум чоршанбеи панҷум рӯзи 30-юм (чоршанбеи якум рӯзи 32-юм) мешавад. **320.** Осим 1-сола, Парвиз 4-сола, Назир 5-сола мебошад. Фақат адади 5-ро дар намуди суммаи ду адади дигар навиштан мумкин аст. Пас Назир 5-сола, Карим ва Нозир 2 ва 3-сола буда, кадоме аз онҳо чанд сол дорад, номаълум мебошад. **321.** Мумкин нест. Ҳар як сафолак як катаки сафед ва як катаки сиёҳи тахтаи шоҳмотро мепӯшонад. Аз тахтаи шоҳмот ду катаки сиёҳ бурида гирифта шудааст. Пас катакҳои сафед дуто зиёд боқӣ мондаанд. **322.** 45 грамм. **Ҳал.** Масоҳати қисми рангкардашудаи табақча расо 2 катакро ташкил медиҳад, он гоҳ барои ранг кардани 1 катак 15 грамм ранг сарф мешавад. Масоҳати табақча 3 катакро ишғол мекунад. Он гоҳ барои ранг кардани он боз 45 грамм ранг лозим мешавад. **323.** *Ба расм нигаред.* **324.** 80 кг ва 60 кг. **Ҳал.** Агар аз халтаи якум $\frac{1}{8}$ ҳиссаи орд гирифта шавад, дар он $\frac{7}{8}$ ҳисса орд мемонад, ки ин 70 кг мебошад. Пас $\frac{1}{8}$-ин 10 кг мешавад.

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | 6 | 7 | 12 |
| 2 | 5 | 8 | 11 |
| 3 | 4 | 9 | 10 |

**325.** Бо рақами 6 ба итмом мерасад. Адади $2^{100}=\left(2^4\right)^{25}=16^{25}$ аст. **326.** 120 км. Қайд мекунем, ки суммаи масофаҳое, ки онҳоро велосипедронҳо то вохӯрии якум тай кардаанд, ба АВ, то вохӯрии дуюм тай кардаанд, ба 3 АВ баробар аст. Бинобар ин, аз ибтидои ҳаракат то вохӯрии дуюм назар то ба вохӯрии якум се маротиба зиёдтар вақт гузаштааст. Велосипедрони аз маҳалли А ба роҳ баромада то вохӯрии якум 70 км роҳ тай кардааст. Пас то вохӯрии дуюм ӯ 210 км роҳ тай кардааст. Инчунин, аз маҳалли В ӯ 90 км роҳ тай кардааст. **327.** $82^\circ30'$. Кунҷи байни ҳолати ақрабаки дақиқа соати 9:00 ва 9,15 ба $\frac{1}{4}$ ҳиссаи доира баробар аст, яъне, $90^\circ$ мебошад. Ҳолати байни ақрабаки соат дар ин вақт ба $\frac{1}{48}$ ҳиссаи доира, яъне, ба $7^\circ30'$ баробар мешавад.

*Мамадҷон МАҲКАМОВ,*
*профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*

КОМЁБӢ

## Донишманди сатҳи ҷаҳонӣ




Директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физикаю математика, профессор Абдулҳай Комилӣ яке аз донишмандони сатҳи ҷаҳонии тоҷик ба шумор меравад, ки намунаи интишороташ берун аз кишвар, дар мамлакатҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон, Федератсияи Россия, Украина, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҳиндустон, Банғола, Англия, Олмон, Белгия, ИМА ва ғайра ба нашр расидааст. Китобҳои «Физика Авиценна» ва «Физика Абу Бакра ар-Рази»-и А. Комилӣ, ки ба забони русӣ дар Федератсия Россия чоп шуда буданд, дар се моҳи аввали соли равон аллакай дар чандин намоишгоҳи байналмилалии китоб муаррифӣ гардиданд. Илова бар ин, асари «Физика Авиценна» соли 2017 дар Ҷумҳурии Қирғизистон ва соли 2024 дар ИМА ба забонҳои қирғизӣ ва англисӣ тарҷума шуда, китоби «Абуалӣ ибни Сино ва илми ситорашиносӣ»-аш дар ҳаҷми 160 саҳифа ба 2 забон (тоҷикӣ ва ӯзбекӣ) дар нашриёти «Маҳорат»-и шаҳри Самарқанд (соли 2024) чоп шудааст.

Абдулҳай Комилӣ соли равон сазовори унвони «Олими сол» шуд, ки воқеан ҳам, арзанда мебошад.

*Муқаддам ҚУРБОНЗОДА,*
*устоди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*

САНЪАТИ МОНДАГОР

## Сухан аз мусиқии асили тоҷикӣ

Санъати асили мусиқии классикии тоҷик – «Шашмақом» дар нимаи дуюми асри XVIII бори нахуст дар шаҳри Бухоро ташаккул ёфта, минбаъд дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе рушду тараққӣ кард. Ҳар гоҳ ки аз хусуси ин навъи санъати мусиқӣ сухан ба миён ояд, бешубҳа, пеш аз ҳама, номи нахустин устодони барҷастаи ин жанр Б. Носиров, М. Абдуғаниев, М. Нарзулло, А. Расулов, Ҳ. Ибодов, Б. Файзуллоев, Ш. Соҳибов, Ф. Шаҳобов ва дигарон ба хотир меояд, ки дар ташаккул ва нигаҳдории «Шашмақом» саҳми арзанда гузоштаанд. Ҳанӯз солҳои панҷоҳуми асри гузашта бо супориши роҳбари вақти ҷумҳурӣ, аллома Бобоҷон Ғафуров ва машварату маслиҳати Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ ин санъати нодир аз тарафи Ш. Соҳибов, Ф. Шаҳобов ва Б. Файзуллоев ба риштаи адвор (нота) гирифта шуд. Зикр кардан бамаврид аст, ки маҳз дар замони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шашмақом» бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми давлатӣ пайдо кард ва 12 майи соли 2000-ум расман «Рӯзи Шашмақом» эълон гардид. Соли 2003 бошад, ин навъи санъати касбии миллии тоҷикӣ ба рӯйхати «Шоҳкориҳои башарият»-и ташкилоти бонуфузи ҷаҳонии ЮНЕСКО шомил шуд.

Санъати «Шашмақом»-ро Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов ҳамчун меҳвари асосии барномаи таълимӣ интихоб карда, аз соли 2014 дар доираи лоиҳаи «Шомҳои мақомхонӣ» услуби суннатии силсилахониро ба роҳ мондааст. Дар ин муддат бо роҳбарии устодон бо донишҷӯён мақомҳои «Дугоҳ», «Бузрук», «Наво», «Сегоҳ», «Ироқ», «Рост» ва силсилаи «Дугоҳ» аз суннати мақомҳои Исфара иҷро гардидаанд.

Бо саъйу кӯшиши устодону донишҷӯён консерватория на танҳо ба беҳтарин маркази тадрис ва омӯзиши «Шашмақом», балки ҳамчун ба талқинкунандаи иҷрои намунаҳои ин санъати мусиқӣ табдил ёфтааст. Дар ин бора китоби дарсии «Асосҳои мусиқии классикии тоҷик» аз ҷониби доктори илми санъатшиносӣ, профессор Ф. Азизӣ таҳия гардид, ки таҳқиқоти арзишманди илмӣ ба шумор рафта, барои рушди «Шашмақом» муҳим мебошад.

Соли таҳсили 2024-2025 аз тарафи устодон ва донишҷӯёни факултети мусиқии суннатии тоҷик чун анъана силсилаи мақоми «Наво» омода шуд ва он бахшида ба «Рӯзи Шашмақом» ва дар силсилаи бахши созӣ (мушкилот) ва овозӣ (наср) пешкаши ҳаводорони ин санъати волою асил гардид.

*Ҳотами ҲОМИД,*
*«Омӯзгор»*

**Дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ оид ба беҳтар намудани таълими забони русӣ конференсия доир шуд.**

*Балои одамӣ бошад забонаш,*
*Ки дар вай баста шуд суду зиёнаш.*
*Носири Хусрав*



**18 МАЙ – РӮЗИ БУЗУРГДОШТИ УМАРИ ХАЙЁМ**

**Омӯзиши мероси илмии ниёгон танҳо арҷгузорӣ ба гузашта нест, балки василаи рушди маънавӣ ва такомули фикрию фарҳангии ҷомеа мебошад. Барои миллате, ки таърихи бузург дорад, ин раванд василаи эҳёи арзишҳои маънавӣ, рушди шуури фардӣ ва ҷамъиятӣ, ҳамчунин, таъмини пойдории фарҳангӣ мебошад.**

**Яке аз бузургоне, ки шуҳрату мақоми дар саросари ҷаҳон рӯзафзунгашта дорад, Умари Хайём аст. Ҳарчанд ки дар ҷомеаи мо Умари Хайём бештар ҳамчун рубоисарои нодир шинохта шудааст, дар асл файласуфи амиқандеш, риёзидони нотакрор ва астрономи барҷаста мебошад. Аз ин рӯ, зарур донистем, ки нақши ӯро дар рушди илм ва маърифати ҷомеа ба таври дақиқ мушаххас намоем.**

# Эътирофи ҷаҳонии илми тоҷик

**Тақвими Хайём – дақиқтарин тақвими ҷаҳон**

Яке аз дастовардҳои таърихии Умари Хайём таҳияи тақвими нав дар асоси ислоҳи иштибоҳоти тақвими мавҷуда буд. Ислоҳи тақвим бо пешниҳоди вазири донишманди Салҷуқиён Абуалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқи Тӯсӣ, ки бо номи Низомулмулк маъруф аст ва бо супориши Султон Ҷалолиддин Маликшоҳи Салҷуқӣ сурат гирифтааст. Зеро дар он замон аз сабаби чандин аср ислоҳ надаровардан ба тақвим байни тақвими истифодашаванда ба ҳодисаҳои табиӣ, аз ҷумла, ҳаракати Офтоб фарқи ҷиддӣ пайдо шуда буд.

Бо фармони султон гурӯҳе аз мунаҷҷимону риёзидонони барҷаста ҷамъ меоянд, ки мувофиқи навиштаи худи Умари Хайём «ҳукамои аср аз Хуросон биоварданд ва ҳар олате, ки расадро ба кор ояд, бисохтанд, аз девору зот-ул-ҳалақҳу монанди ин ва Наврӯзро ба Фарвардин бурданд...». Мувофиқи маълумоти гуногун, ба ин гурӯҳ таҳти роҳбарии Хайём олимоне мисли Абдураҳмони Хозинӣ, Абулаббос Фазл ибни Муҳаммади Лӯкарӣ, Абдулмузаффари Исфизорӣ, Маймун ибни Наҷиби Воситӣ ва Аҳмад Маъруфи Байҳақӣ дохил мешуданд. Аммо баъзе муҳаққиқон ҳамроҳ будани Хозиниро ба ин гурӯҳ тасдиқ накардаанд.

Барои ҳисоби дурусти вақт ва таъдили тақвим мушоҳидаҳои дақиқи ҳаракати Офтоб дар пасманзари бурҷҳо ва муайян намудани нуқтаи эътидоли баҳорӣ зарур буд. Бинобар ин, донишмандони мазкур бо роҳбарии Умари Хайём расадхонаи Исфаҳонро таъсис доданд, ки аз соли 1074 то соли 1092 фаъолият карда, бо марги Султон Маликшоҳ аз фаъолият бозмондааст. Баъд аз панҷ соли мушоҳида, олимон тақвими наверо ба султон пешниҳод карданд, ки аз рӯзи ҷумъа, 9 Рамазони соли 471 (дар баъзе сарчашмаҳо 10 Рамазон)-и ҳиҷрии қамарӣ, ки баробар ба 15 марти соли 1079 мелодии юлианӣ (21 марти соли 1079 мелодии григорианӣ) оғоз ёфт. Фарқияти муҳимми ин тақвим аз тақвимҳои дигар он буд, ки оғози сол ба нуқтаи эътидоли баҳорӣ (яъне, аз лаҳзаи омадани маркази Офтоб ба нуқтаи эътидол) пайваст буда, моҳҳои дигар мувофиқи гузариши Офтоб аз як бурҷ ба бурҷи дигари астрологӣ ҳисоб карда мешуданд.

Тақвими Хайём ва ҳамкоронаш ба хотири султон бо номи тақвим ё гоҳшумории Ҷалолӣ, Маликӣ ё Маликшоҳӣ машҳур гардид. Мувофиқи сарчашмаҳои гуногун, аз даври 33-сола бо 8 соли кабиса иборат аст. Дар он моҳҳои нимаи аввали сол аз 31 рӯз, нимаи боқимондаи моҳҳо аз 30 рӯз ва моҳи охир дар соли оддӣ аз 29 рӯз иборат аст. Ба ҷуз ин гуна ҳисобу китоб, муҳаққиқон шакли дигари пайдарҳамии солҳои кабисаро низ овардаанд.

Дақиқияти тақвими Ҷалолӣ дар 5 ҳазор сол танҳо як рӯз иштибоҳ мешавад, ҳол он ки чунин иштибоҳ дар тақвими григорианӣ дар 33 сол як маротиба рух медиҳад.

Номи моҳҳои тақвими Хайём ва мутобиқати он бо номи моҳҳои григорианӣ дар ҷадвали зер оварда мешавад. Бояд ба назар гирифт, ки рӯзҳои оғози моҳҳо метавонанд вобаста ба соли кабиса ё оддӣ як рӯз тағйир ёбанд.

| Номи моҳҳои тақвими Хайём | Моҳҳои григорианӣ |
|---|---|
| Фарвардин | 21 март - 20 апрел |
| Урдубиҳишт | 21 апрел - 21 май |
| Хурдод | 22 май - 21 июн |
| Тир | 22 июн - 22 июл |
| Мурдод | 23 июл - 23 август |
| Шаҳривар | 24 август - 23 сентябр |
| Меҳр | 24 сентябр - 23 октябр |
| Обон | 24 октябр - 22 ноябр |
| Озар | 23 ноябр - 21 декабр |
| Дай | 22 декабр - 20 январ |
| Баҳман | 21 январ - 19 феврал |
| Исфанд | 20 феврал - 20 март |

**Зиҷи Маликшоҳӣ – координатаҳои 100 ситораи равшан**

Дар асрҳои миёна, бахусус, дар давраи тиллоии тамаддуни исломӣ ситорашиносон барои иҷрои вазифаҳои илмӣ, иҷтимоӣ ва динӣ маҷмуаҳои махсуси ҷадвалҳои астрономӣ – зиҷҳоро таҳия мекарданд. Истилоҳи «зиҷ» аз калимаи форсии қадим «зиҳ» (ресмон) гирифта шуда, маҷмуи ҷадвалҳоест, ки мавқеи ҷирмҳои осмонӣ – Офтоб, Моҳ, сайёраҳо ва ситораҳои собитро дар замонҳои гуногун нишон дода, ба он дастурҳои дақиқу муфассал барои истифодаи онҳо илова мегарданд.

Яке аз аввалин зиҷҳо, ки дар ҷаҳони исломӣ маъруфият пайдо кард, «Зиҷ ал-Синдҳинд» буд, ки дар асри VIII бо роҳбарии Муҳаммад ибни Мӯсо ал-Хоразмӣ таҳия шуда, тарҷума ва такмили ҷадвалҳои астрономии ҳиндиро дар бар мегирифт.

Зарурати таҳияи чунин ҷадвалҳо дар он буд, ки ҷомеаи исломӣ барои иҷрои дурусти вазифаҳои динӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисобҳои дақиқи вақт ва пешгӯии рӯйдодҳои астрономӣ эҳтиёҷ дошт. Масалан, муайян кардани вақти намоз, самти қибла ва оғози моҳи Рамазон аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми иҷтимоиву динӣ ба ҳисоб мерафтанд, ки танҳо бо донистани ҳисобҳои дақиқи мавқеи ҷирмҳои осмонӣ имконпазир мешуданд. Дар баробари ин, зиҷҳо воситаи муҳимми илмӣ ба шумор мерафтанд ва дар рушди астрономия нақши калидӣ доштанд. Дар байни зиҷҳои мавҷуда зиҷҳои таҳиякардаи олимони тоҷик мавқеи хосса доранд, ки дар таърихи астрономия нақши муҳимме бозидаанд.

Бо истифода аз ин зиҷҳо, ситорашиносон ба бисёре аз кашфиёти назаррас дар астрономия даст ёфтанд, ки баъдтар дар Аврупо ҳамчун асоси рушди илмӣ истифода шуданд. Ҳамин тариқ, зиҷҳо на танҳо воситаи ҳисобҳои техникӣ буданд, балки арзиши бузурги илмиву фарҳангӣ низ доштанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши таърих ва моҳияти зиҷҳо барои дарки саҳми бузурги ситорашиносони тоҷик дар пешрафти тамаддуни башарӣ аҳаммияти калон дорад.

Яке аз зиҷҳои машҳури асримиёнагӣ «Зиҷи Маликшоҳӣ» аст, ки бо роҳбарии Умари Хайём дар расадхонаи Исфаҳон таҳия гардида буд, ки аз он то замони мо танҳо ҷадвали 100 ситораи собити равшантарин боқӣ мондааст. Ин ҷадвал барои оғози соли аввали даврони Маликшоҳӣ (1079)




омода шуда, дар он номи 100 ситораи дурахшонтарин, координатаҳои эклиптикӣ ва бузургиҳои онҳо оварда шуда, дар дастхати муаллифаш номаълуми асри XII бо номи «Дастур-ул-мунаҷҷимин», ки дар наздикиҳои қалъаи Аламут тартиб ёфта буданд ва ҳоло дар Китобхонаи миллии Париж таҳти №5968 нигоҳ дошта мешавад, боқӣ мондааст.

**Умри абадии Хайём дар ҷирмҳои кайҳонӣ**

Хидмати Умари Хайёмро дар соҳаи астрономия ба назар гирифта, Иттиҳоди байналмилалии астрономон соли 1970 танӯраеро дар сатҳи Моҳ ба шарафи ӯ номгузорӣ карданд.

Танӯраи Умари Хайём бо қутри тақрибан 69 километр ва умқи тақрибан 2,8 километр дар канори шимолу ғарбии танӯраи калонтарин Почобут ҷойгир аст. Илова бар ин, лаби шимолу ғарбиашро танӯраи нисбатан ҷавонтар – Зигмонди пӯшондааст. Дар наздикиҳои танӯраи Хайём танӯраҳои Каннисаро ва Эллисон ҷой доранд. Маркази ин танӯра дар координатаҳои селенографии 58°13′ арзи шимолӣ ва 102°13′ тӯли ғарбӣ қарор дорад. Пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки ин танӯра тақрибан 4 млрд сол пештар пайдо шудааст. Ҳарчанд танӯраи Умари Хайём дар қисмати нонамоёни Моҳ ҷойгир аст, вале аз сабаби ларзиши Моҳ дар баъзе ҳолат онро дар канори доси Моҳ мушоҳида кардан мумкин аст.

Танӯраи Умари Хайём дар сатҳи Моҳ ягона объекте дар кайҳон нест, ки ба шарафи Хайём номгузорӣ шуда бошад. Сайёраи хурд (астероид)-е низ номи Хайёмро дорад. Астероиди Умари Хайём 8-уми сентябри соли 1980 дар Расадхонаи Қрим аз тарафи Людмила Васильевна Журавлёва кашф шуда, бо қарори Иттиҳоди байналмилалии астрономҳо 31 майи соли 1988 ба шарафи Хайём «3095 Omarkhayyam» номгузорӣ шудааст.



Астероиди Умари Хайём бо рақамҳои 1974 VC; 1979 OS4; 1980 RT2 низ ишора мешавад, қутраш тақрибан 24-30 км буда, дар масофаи миёнаи 3,496 воҳиди астрономӣ аз Офтоб қарор дошта, дар муддати 6,5 сол як маротиба дар атрофи Офтоб давр мезанад. Қобили зикр аст, ки дар шарҳи расмии Маркази сайёраҳои хурд (Minor Planet Center, MPC) ягона марказе аст, ки ҳаққи номгузории сайёраҳои хурдро дорад. Умари Хайём чун олими тоҷик ва баъдан форс навишта шудааст. Ҳангоми навишти номи бузургони дигари мо одатан танҳо форс ё эронӣ менависанду тамом.

**Дудли Google ва арҷгузори технологӣ**

Дудл (аз англ. doodle) – тасвири тағйирёфтаи логотипи ширкати бузурги Google аст, ки ба рӯйдодҳои муҳим, шахсиятҳои барҷаста ё идҳои фарҳангӣ иртибот мегирад. Ин тасвирҳо метавонанд ором, аниматсионӣ ё интерактивӣ бошанд ва дар саҳифаи асосии ҷустуҷӯи Google намоиш дода мешаванд. Ҳадафи дудлҳо ҷалби таваҷҷуҳи корбарон ба рӯйдодҳои муҳимми таърихӣ, фарҳангӣ ва илмӣ мебошад.

Google то имрӯз ду маротиба ба шарафи Умари Хайём дудл таҳия кардааст:

* 18 майи соли 2012 – ба муносибати 964-умин солгарди таваллуди Умари Хайём. Ин дудл шахсияти Хайёмро ҳамчун риёзидон, файласуф ва шоир таҷассум мекард.

* 18 майи соли 2019 – ба муносибати 971-умин солгарди таваллуди ӯ. Дар ин дудл, ки дар 32 кишвари ҷаҳон намоиш дода шуд, Умари Хайём бо китобе дар даст тасвир ёфтааст, ки ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти ӯ – шеър, риёзиёт, фалсафа ва астрономия ишора мекунад.

Ин дудлҳо на танҳо ифодагари эҳтиром ба шахсияти Умари Хайём, балки барои ба ҷомеаи ҷаҳонӣ шинос кардани мероси ғании илмӣ ва адабиаш хидмат мекунанд. Тавассути ин дудлҳо Google саҳми Умари Хайёмро дар рушди илм ва фарҳанги ҷаҳонӣ эътироф ва муаррифӣ намудааст.

***Ризои БАҲРОМЗОД,***
*корманди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои физика-математика*

**Байни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва институтҳои илмӣ-таҳқиқотии Олмон шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расид.**

«НАМУНАИ АДАБИЁТИ ТОҶИК»-И УСТОД АЙНӢ

# Санади қисматсози ҳувиятӣ



**(Охираш. Аввалаш дар шумораи гузашта)**

Пас аз интишори китоб таҳоҷуми ҷиддии сиёсию мафкуравӣ алайҳи Айнӣ ва китоби ӯ дар ичрои элитаи сиёсию ҳизбии пантуркистӣ сахт ҷараён мегирад, то дараҷае, ки душманон ба яке аз нухбагони олирутбаи ҳизбии рус, дабири нашрияи расмии «Правда» Н. И. Бухарин (1888-1938) арз мекунанд, ки Айнӣ бо навиштани ин китоб амири Бухороро аз нав даъват кардану овардан мехоҳад. Дар асоси ин гуна дасисаву тавтеаҳо китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» барчида, ахз ва нобуд карда шуд.

Вазъи руҳию равонии устод Айнӣ дар солҳои бистум хеле бад буд ва фишору таҳдидҳои рӯзмарраи душманони мафкуравию онтологии миллат рӯйи устод меафзуд ва ӯро гӯшанишину инзивоӣ мекард. Дарвокеъ, устод дар он шабу рӯз бо марг дасту панҷа нарм мекард ва сабаби ҳамаи мусибат ба ба истилоҳ, бади рӯзгор таълифи китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» ва дар баробари муддаиёни замон, дифоъ аз фарҳангу маънавиёти қавмияти тоҷики Фарорӯдон буд. Қатъи назар аз фишору таҳдидҳои шабонарӯзӣ, устод Айнӣ соли 1934 дар Анҷумани Иттифоқи нависандагони Иттиҳоди Шуравӣ минҳайси намояндаи адибони Осиёи Миёна ширкат ва суханронӣ кард. Сухани устод Айнӣ дар мавзуи таъсири адабиёти Шарқ, минҷумла, адабиёти форсии тоҷикӣ ба адабиёти Ғарб буд. Раиси Иттифоқи нависандагони Шуравӣ М. Горкий суханронии Айниро писандида, дар хитоб ба устод ва тақвияти ҳарфҳои ӯ таъкид намуд, ки воқеан, **адабиёти форсии тоҷикӣ дар домони худ истеъдодҳои фавқулодаеро парваридааст, ки намунаашро шумо (манзур устод Айнӣ аст) дар романи «Дохунда» исбот кардаед. Иттифоқан, - мегӯяд Горкий, - мехоҳам китоби «Дохунда»-ро дошта бошам.** Ва Айнӣ, ки қаблан нусхаи тарҷумашудаи романи «Дохунда»-ро дар ихтиёр дошт, бадеҳатан ба Горкий тақдим мекунад (нусхае, ки ба Горкий таҳвил дода шуд, нахустин тарҷумаи роман ба забони русӣ буд). Пас аз анҷуман устод Айнӣ назди Горкий ва Бухарин меравад, то ин ки дар мавриди иштибоҳоту суйитафоҳумоте, ки дар заминаи «Намунаи адабиёти тоҷик» ба миён омада буд, сухан гӯяд.

Нуктаи дигари муҳимме, ки Камолиддин Айнӣ дар матлаби худ овардааст, нутқи устод Лоҳутӣ дар Анҷумани якуми шуроҳои Тоҷикистон дар соли 1934 мебошад, ки протоколи он низ ҳифзу нигаҳдорӣ шудааст. Дар протоколи ҷаласа омадааст, ки устод Лоҳутӣ дар дифоъ аз китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» ва ба Н. И. Бухарин нодуруст расонидани иттилоот изҳори назар карда, аз ҷумла, фармудааст, абёте, ки дар «Намуна...» аз Рӯдакӣ оварда шуда, бар муаллифи он муҳри шоҳпарастӣ ва иттиҳоми амирпараст задаанд, танҳо намунае аз ашъори шоиранду бас. Дар ҳоле ки, мафкуравиёзд устод Лоҳутӣ, дар адабиёти рус бо номҳои Толстой, Тургенев, Пушкин дучор мешавем, ки коммунист набуданд, вале фикру андешаи прогрессивӣ доштанд. Пас, суханашро хулоса кардааст устод Лоҳутӣ, - метавонем, онҳоро ҳам ба иттиҳомоти хеш бипечонем. Бо ин гуна мавқеъгирии сиёсӣ-миллӣ устод Лоҳутӣ ба даҳони пантуркистону чиғатойчиён муҳри хомӯшӣ задааст.

**Панҷум.** Дар мавриди зарурати таълифи чунин китоби қисматсоз худи муаллиф - устод Айнӣ чунин тавҷеҳ додааст: **«Баъд аз таъсис ёфтани Ҷумҳурияти Тоҷикистон бо ҳукумати вай қарордод баста, ба навиштани «Намунаҳои адабиёти тоҷик» даромадам... Ин асар дар замони худ ба фоидаи сиёсати миллии ҳизбӣ роли калон бозӣ кард. Чунки дар он вақтҳо пантуркистҳо... ба зидди барпо шудани Ҷумҳурияти Советии Тоҷикистон бархоста буданд ва мегуфтанд, дар Осиёи Миёна тоҷик ном як халқ нест, инҳо... бо таъсири Ирон ва мадраса, забони худро гум кардаанд.**

Донишманди эронӣ доктор Равоқӣ, ки масъули нашри китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» дар Ирон будааст (соли 2006), вазъи сиёсӣ-мафкуравии замонро дуруст шинохта, бар он таъкид варзидааст, ки устод Айнӣ дар баробари сели таҳоҷуми пантуркистӣ китоби мазкурро навишта, собит сохт, ки дар Фарорӯд (Мовароуннаҳр) миллияте бо адабиёту фарҳанги бузург эҷод карда, худро самарқандӣ, бухороӣ, хуҷандӣ, фарғонӣ, истаравшанӣ, исфарангӣ, насафӣ ном дода, шеър сурудаву аз адабиёти ин ҳавзаи бузурги форсизабонон ҳимоят намудааст. Бинобар ин, хӯрдагирӣ дар нисбати устод Айнӣ, ки соҳату паҳнои бузурги адабиёти форсиро дар исми кучаки «Намунаи адабиёти тоҷик» ҷо кардааст, нобаҷост. Балки устод Айнӣ дар шароит ва вазъияте ин китобро навишт, ки мавҷудият, ҳастият, ҳувият ва буду набуди миллати тоҷик дар Фарорӯд зери суол бурда шуда буд ва бо ин ибтикори созанда дар шароити онрӯза ҳасту буду кистию ҳувияту ҳайсияти миллияти тоҷикро ба субут расонида, **чиҳати мономию поёни** тоҷик талош варзида, муҳри муҳкаме ба даҳони душманони миллат задааст.

**Шашум.** Соли 2006 ба муносибати 80-солагии таълифи китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» бо кӯшишу ибтикори доктор Алии Равоқӣ ва зери назари доктор Алӣ Асғари Шеърдӯст ин китоби қисматсози миллӣ дар Ирон нашр гардид ва айнишинос ва адабиётшиноси матраҳи миллӣ, устод Муҳаммадҷон Шакурӣ муқаддимаи муфассали ҷолиби илмие ба ин китоб навиштаанд. Устод Муҳаммадҷон Шакурӣ зимни баррасии вазъ ва зарурати таълифи чунин санади сарнавиштсозе таъкид намудааст, ки: **«Намунаи адабиёти тоҷик» яке аз нахустин марҳилаҳои ташаккули миллатро инъикос кардааст. Нахустин давраҳои шаклгирии миллияти душвортарин давраҳо буда, монеаҳои зиёде дар сари роҳ дошт. Китоби Айнӣ барои бартараф кардани ин монеаҳо хидмат кард».** Устод Муҳаммадҷон Шакурӣ амикрафти устод Айниро дар заминаи шинохти таърихи миллат ҳадаф қарор дода, ишора фармудааст, ки китоби Айнӣ аз ҷанбаи илмию адабӣ доштанаш, бештар **ҷанбаи қавии сиёсию иҷтимоӣ** дошта, раванди шаклгирии миллияти тоҷикӣ ва шуури миллию ҳофизаи таърихии миллатро дар замону макони мушаххаси таърихӣ таҳкиму тақвият бахшидааст. Устод Айнӣ дар номае ба А. Знаменский иқрор карда буд, ки **«бо таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» фармудаи таърихро ба ҷо овардам».** (ниг.: Султонов. Ш., А. Вишневский. Сухан аз «Намунаи адабиёти тоҷик». //Садои Шарқ, №4, 1988. – С.132). Ба қавли устод Шакурӣ, «Айнӣ моҳияти таърихии замонро бисёр амиқ фаҳмидааст. Ба унвони як миллатпарвари ҳассос ба маънои «фармудаи таърих» бо амиқфаҳмӣ сар фурӯ бурдааст. Ва ин ҳам муҳим аст, ки ӯ худ маънии таърихии кореро, ки иҷро кард, медонистааст. Чун дипломати рус А. А. Знаменский ба дастгирии «Намунаи адабиёти тоҷик» чизе навишт, Айнӣ ба номи ӯ сипоснома фиристод ва аз ҷумла, гуфт, ки бо тадвини ин китоб, ман шахсан амри зарурати таърихро ба ҷо оварда, барои муосирон навиштам:

**Бо азми хеш мақсади худро**
**бароваред,**
**Бо дасти хеш ҳоҷати худро раво**
**кунед!**
**Паймонаҳои пуршудаи зулм**
**бишканед!**
**Кошонаҳои ҷавру ситам бар**
**ҳаво кунед!**

Ин ду байт аз Аҳмадҷон Махдуми Ҳамдӣ «Хитоб ба фақирони Бухоро» аст, ки дар «Намунаи адабиёти тоҷик» (с. 589) омадааст». Аз ин ҷост, ки устод Шакурӣ «Намуна»-и устод Айниро дар мақоми санади сарнавиштсози ҳувиятӣ талаққӣ карда, афзудааст: **«Ин аст, ки «Намунаи адабиёти тоҷик» силоҳи мубориза зидди ситами миллӣ ва зулми иҷтимоӣ, падидаи барҷастае аз муборизаи озодихоҳии миллии мардуми тоҷик буд. Онро танҳо тазкирае ва маҷмуае набояд донист.** Агарчи ба сифати як маъхази илмӣ ва адабӣ низ аҳаммияти калон дошт ва ҳанӯз дорад. **Ин асар намунае аз ширкати фаъолонаи як адиби донишманд дар раванди худшиносии маънавии миллат ва муборизаи озодибахши миллӣ аст».**

Устод Шакурӣ масъалаи муборизаи мафкуравии устод Айниро бо шарқшиносони рус ва пантуркистон бардошта, бар мабнои андешаҳои нависанда тазаккур медиҳад, ки устод Айнӣ босароҳат ишора мекард, ки Ому марзи сиёсию фарҳангии тоҷикон нест ва соҳати он ба паҳнои Хуросону Ирони таърихӣ мерасад. Ба назари устод Айнӣ, тоҷикон дар рушду нумуи адабиёту фарҳанги қаламраву соҳату паҳнои Ирону Хуросони бузурги таърихӣ саҳм гирифтаанд ва марзи ин миллиятро набояд бо Ому маҳдуду танг кард.

**Ҳафтум.** Устод Айнӣ дар қисмати хотимавии «Намунаи...», ки унвони **«Якду сухан дар хотима»**-ро гирифтааст, заҳамоти худро дар ростои ҷамъоварии маводу маводу маводи дархур, дар як муҷаллади комил мунсаҷим сохтани материалҳои мавҷуда ба билохира дастраси аҳли адаб, сиёсат, илм ва маданият кардани китобро ба иҷмол ёдовар шуда, аз ҷумла, фармудааст: **«...намунаҳои адабиҳои ҳазорсолаи тоҷикро, ки то ба ҳол ба ҷое ҷамъ нашудааст, аз китобҳои мутааддид бардошта, ба як ҷилд гирд оварда, нусхаҳои хаторо, се-чаҳор китоб ба даст дароварда, ба онҳо муроҷиат намуда, татбиқу тасҳеҳ кардан, таърихи зиндагонӣ ва вафоти ҳар адибро аз маҷмуаҳои китобҳои бефеҳрист тафтиш намуда, таъйин намудан, ривоятҳои мухталифро ба воқеаҳои муайянаи он замон андоза карда, ба як қаноат ҳосил кардан ва ба амсоли ин ранг машаққатҳо, ки ҷомеъро дар вақти таҳриру тартиб вохурд, бурдборӣ намуда (агарчи ноқис аст), чизе ба майдон овардан ҳам нисбат ба мо камиқтидорон кори бузурге аст** «Аз дасти аҳли адам ҳар чи ояд, эъҷоз аст». Ба дунболи ин, устод Айнӣ дар ҷумалоти ахири бахши хотимавии «Намуна» ҷавонони фаъолу соҳибҳувияти тоҷикро мухотаб қарор дода, идомаи кори сангини худро ба эшон вогузошта, таъкид сохтааст: **«Мо гӯшт, равған, биринҷ, сабзӣ, пиёз ва соири моялзуми ошро омода кардем. Акнун ҷавони қобиле даркор аст, то ки қобилипазӣ кунад».**

**Ҳаштум.** Соли 2026 ба таълифи санади қисматсози миллӣ «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ расо сад сол пур мешавад. Дар ин замина корҳои зиёде анҷом ёфта, анҷом додани тадобири зарурии дигаре дар назар аст. Дар баробари соири айнишиносону муҳаққиқони ватанӣ, ба муносибати 100-солагии таълифи китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» адабиётшиноси варзида ва рӯшангари муосири миллӣ, устод Ҷамолиддин Саидзода, ки аз пайравону мудофеони содиқу сарсахти устод Айнӣ мебошад, моҳи феврали соли 2024 монографияи худро тахти унвони «Намунаи адабиёти тоҷик» «Шоҳнома»-и дигар аст» Дастури ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ). - Душанбе: Дониш, 2024. – 416 саҳ.) ба табъ расонд. Монография аз пешсухан (3 боб) ва пайнавиштҳо таркиб ёфтааст. Боби сеюми монография пурра ба кору пайкор ва ташаббусу ибтикороти созандаи устод Айнӣ дар ростои ҳифзи ҳувият, адаб, фарҳанг ва тамаддуни миллӣ ихтисос ёфтааст. Боби сеюми монографияи «Намунаи адабиёти тоҷик» «Шоҳнома»-и дигар аст»-и устод Саидзода аз 10 матлаби илмӣ-оммавӣ иборат аст.

**Нуҳум.** Ибтикороти устод Саидзода дар заминаи шиносондану муаррифии устод Айниву осораш ва ба дифоъ аз шахсиятҳои матраҳу таъсиргузори миллӣ ҳадафмандонаву пайгирона давом бояд дод ва андешидани силсилатадбирҳои судманде дар ин бобат амри зарурист, чаро ки имрӯз ҳам, бо гузашти сад сол аз таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» миллият, тоҷикият, арзишҳои марзбумӣ, манофеи миллӣ ва мероси гаронмояи фарҳангӣ ба пуштибонию дифои саросарӣ ниёз доранд. Имрӯз зарур аст, ки аз санаду мадраки ҳувиятсози «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ, ки дар феҳристи мушаххасоти манофеи миллӣ қарор дорад, ҳимоят кунем ва онро ба унвони китоби қисматсози миллӣ дар шароити ҳассоси замонӣ таблиғу муаррифӣ созем. Бинобар ин, дар таҳқиқ, омӯзиш, мутолеа, шиносондан, муаррифӣ, гиромидошт ва билохира, таблиғи шоиставу боистаи мероси арзишманди аҷдодӣ, аз ҷумла, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ ҳамвора талош намоем.

*Нозим НУРЗОДА,*
*корманди Академияи*
*миллии илмҳои Тоҷикистон*

## Беҳтаринҳо ба даври вилоятӣ роҳхат гирифтанд

Дар Қасри фарҳанги Гулистони ноҳияи Ҷаббор Расулов маросими ифтитоҳи даври ноҳиявии озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор гардид.

Муовини раиси ноҳияи Ҷаббор Расулов Зумрад Муталибзода таъкид намуд, ки чиҳати дар сатҳи баланд баргузор намудани озмун, муайян кардани беҳтаринҳо ва иштирок дар давраи минбаъдаи озмун тадбирҳои муассир андешида мешавад.

Мавриди зикр аст, ки дар даври ноҳиявии озмун 661 нафар довталаб иштирок намуданд, ки нисбат ба соли гузашта 120 нафар зиёд мебошанд. Ҳайати ҳакамон беҳтаринҳоро муайян мекунанд ва онҳо дар даври вилоятии озмун иштирок хоҳанд кард.

***

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров даври ноҳиявии озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор гардид. Дар маросими ифтитоҳи озмун муовини раиси ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Дилором Турсунзода, мудири шуъбаи маориф Махсуда Абдуллозода, устодони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, масъулини соҳаи маориф, омӯзгорон ва меҳмонони иштирок намуданд.

Мавриди зикр аст, ки дар даври ноҳиявии озмун беш аз се ҳазор нафар довталаб иштирок намуда, ба даври вилоятӣ дар номинатсияҳои гуногун беҳтаринҳо роҳ ёфтанд.

*Нуъмон РАҶАБЗОДА,*
*«Омӯзгор»*

**Дар шаҳри Душанбе маросими оғози татбиқи лоиҳаи «Асосҳои рақамикунонии Тоҷикистон» баргузор гардид.**

*Қадру баҳои мард на аз ҷисми фарбеҳ аст,*
*Бал қадри мард аз сухану илми пурбаҳост.*
*Носири Хусрав*



ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

# Хишти аввали тарбия

*Мусоҳиба бо Тӯтихон Девоншоева – омӯзгори калони кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф*



**– Муаллими азиз, баъзеҳо бар ин назаранд, ки дар тарбия ва омӯзиши кӯдак оила бештар аз кӯдакистон масъулият дорад ва иддае дигар ин масъулиятро баръакс, ба кӯдакистон ҳавола мекунанд. Чун мутахассис дар ин хусус чӣ андеша дорад?**

– Тарбия маҳз аз муҳити хона оғоз мешавад. Яъне, тифл аз рӯзи таваллуд то синни фарогирӣ ба кӯдакистон аллакай бо фаҳмишу дарки умумии мавзуъҳои тарбия ва муносибат бо атрофиён ошност. Хишти аввали тарбия, ҷаҳонбинӣ ва идроки кӯдак дар оила гузошта мешаваду дар кӯдакистону мактаб ва баъдан донишгоҳу ҷомеа тақвият меёбад. Волидон дар интихоби муассисаҳои томактабӣ озоданд, аммо ба андешаи инҷониб, муассисаҳои томактабӣ дар тарбияву таълими насли нав нақши бориз доранд. Агар то замони қадам ниҳодан ба кӯдакистон кӯдак дар хусуси одобу рафтор танҳо дар доираи оила тасаввуроти маҳдуд дошта бошад, пас аз он ин фаҳмиш дар боғча тадриҷан бо дарназардошти ҳолат ва хусусиятҳои психологиву идроки синнусолии кӯдак тақвият меёбад. Аз рӯйи мушоҳидаҳо, волидони тарбиятгирандагон ҳама ҷонибдори кӯдакистонанд. Онҳо мехоҳанд, ки тифлашон дар кӯдакистон забондон ва босавод ба воя бирасад. Мо ду сабаби аслии дур мондани кӯдаконро аз кӯдакистон бештар мушоҳида мекунем: якум, набудани имконият ё мавқеи ҷойгиршавии кӯдакистон дар маҳалли зисти оила ва дуюм, имкони маҳдуди худи кӯдак бо сабаби бемориҳои гуногун. Бояд зикр намуд, ки кӯдак дар марҳалаи аввали фарогириаш дар кӯдакистон давраи мутобиқшавиро аз сар мегузаронад. Ин давраро баъзеҳо осону сабук, баръакс мушкилтар паси сар мекунанд. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, ба системаи асаб, муҳиту муносибатҳо дар оила, муносибати кормандони боғча ва шароити он вобаста аст. Дуруст аст, ки қисме аз кӯдакон ҳангоми рӯзҳои аввали ба кӯдакистон омадан бемор мешаванд, лекин ин маънои онро надорад, ки мураббиён ба кӯдак муносибати дуруст надошта бошанд, балки организми ин тифл ба муҳити нав оҳиста-оҳиста мутобиқ мегардад.

Муассисаҳои томактабӣ кӯдаконро дар руҳияи устувории ирода, рафтори нек ва қобилияти дарки эҳсоси мақсаду хоҳиш, забонёбӣ бо ҳамсолон ва эҳтироми калонсолон тарбия менамоянд. Дар тарбиятгирандагони кӯдакистон қобилияти муошират кардан, худидоракунӣ ва мустақилият пайдо мешавад, ки ин хислатҳо дар оянда боиси инкишофи дуруст ва пешрафти онҳо дар ҷомеа мегарданд. Маҳорати муошират кардан бо кӯдакони дигар таҷрибаи аввалини иҷтимоӣ маҳсуб шуда, ба воситаи он кӯдак фикри худро иброз дошта, ба фикри ҳамсолон гӯш доданро меомӯзад.

**– Синни асосии ба муассисаи томактабӣ фаро гирифтани кӯдак кадом аст ва барои осону зуд мутобиқшавии кӯдакон ба кӯдакистон чӣ бояд кард?**

– Давраи мувофиқ барои фаро гирифтани кӯдак бо таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ сесолагӣ аст. Аз нигоҳи тиббиву психологӣ ин айём давраи мувофиқ ба ҳисоб меравад. Дар ин синну сол кӯдак зудтар ба шароиту муҳити муассиса одат мекунад ва дар ӯ хоҳиши дубора баргаштан ба ин муҳит пайдо мешавад. То сесолагӣ кӯдакон дар муҳити оила буданро авлотар медонанд. Дар айёми навзодиву туфулият дар оғӯши волидон қарор доштан ва омӯзиши муоширату муносибат бо падару модар, хоҳару бародар, бибиву бобо ба манфиати ӯст.

Агар кӯдак ба модараш дилбастагии қавӣ дошта бошад, ин амри маъмулист ва айни гузаронидани давраи мутобиқшавӣ дар кӯдакистон ба ӯ назорату нигоҳубин ва дастгирии махсуси мураббиён лозим аст. Вақте кӯдакро аз синну соли муқарраршуда пештар ба боғча меоранд, тез-тез бемор, гирёнчаку асабонӣ мешавад, дар вуҷудаш тарсу ҳарос пайдо мегардад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки кӯдакони сесола бо хоҳиши худ ба кӯдакистон омада, нисбат ба онҳое, ки хурдсоланд, давраи мутобиқшавиро зудтару беҳтар паси сар менамоянд.

Аз баъзе мушкилиҳои психологие, ки дар рӯзҳои аввали омадани кӯдак дар кӯдакистон пайдо мешавад, набояд ҳаросон шуд. Дар ин марҳалаи ҳаёт мураббиёни зираку кордон зуд волидон ва кӯдакро метавонанд аз ин ҳолат берун оранд. Барқарор намудани муносибати оромонаву дӯстона бо кӯдак муҳим аст. Зарур аст, ки кормандони боғча, мураббӣ, духтур, равоншинос ҳолати руҳии кӯдакро зуд ташхис намоянд, то тифли солимро аз носолим фарқ карда тавонанд.

Меъёри давраи мутобиқшавӣ барои кӯдакони 3-4-сола аз 7 то 10 рӯз, барои кӯдакони 4-5-сола 3 ҳафта, барои кӯдакони 5-6-сола 1 моҳро дарбар мегирад.

**– Мувофиқи маълумоти оморӣ, ҳамасола қисмате аз кӯдакон бо сабабҳои гуногун аз тарбияву омӯзиш дар кӯдакистонҳо дур мемонанд. Ва гӯё маҳз бо сабаби бе омодагӣ ба мактаб қадам ниҳодан ин кӯдакон ба гурӯҳи кӯдакони сустхону заиф шомил мегарданд. Барои рафъи мушкили мазкур чӣ чораҳо андешида мешаванд?**

- Масъалаи муҳимтарини илми психология дар замони муосир мусоидат ба рушду ташаккули омӯзиши маърифатии кӯдак, дар баробари рӯйдодҳо ва усули азхудкунии силсилаи донишҳо ба ҳисоб меравад. Мусаллам аст, ки давраи омӯзиш, рушд ва азхудкунии кӯдакони синни томактабӣ мураккабу тӯлонист. Ин айём кӯдак ҷараёни тамоми давраи томактабиро фаро мегирад, ки дар зимн, ба рафтор, одоб, мустақилӣ, сифати дониш, маҳорат, малака ва хӯву хислати ӯ таъсири амиқ мерасонад.

Баъзе падару модарон дараҷаи омодагии фарзандро ба мактаб дар муҳити хона дуруст муайян карда наметавонанд. Эшон бар ин назаранд, ки гӯё бо ҳуруфу рақамҳо шинос будани кӯдакон ва шеъру афсонадониашон нишондиҳандаи хуби омодагӣ ба мактаб аст. Аммо масъала то ин ҳад одӣ нест, ки пиндоштаанд. Волидон бояд ба самтҳои дигари инкишофи кӯдакон, амсоли нутқи шифоҳӣ, хотир, диққат, тафаккур, тахайюл ва серҳаракатӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

Масъалаи фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ, албатта, дар мадди назар қарор дошта, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозиву амалӣ намудани барнома ва лоиҳаҳои зиёде баҳри рафъи мушкили кам ё зиёди кӯдакистонҳо дар маҳалҳо ва ё рафъи масъалаи набудани ҷой ва шароити қабули бештари атфол ба муассисаҳои томактабӣ як андоза ба ҳалли он наздик аст.

Бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 21-уми январи соли 2015, №783 «Дар бораи фарогирии кӯдакони синни 7-сола ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар моҳи август», Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи омода намудани кӯдакони синни 6-7-соларо ба таҳсил дар синфи 1» бо давраи таълимии якмоҳа роҳандозӣ намуд, ки он маҳз барои кӯдакони аз кӯдакистон дурмондаю имконоти маҳдуди мактабҳо равона шудааст. Аз соли 2018 то имрӯз ҳамасола аз моҳи август то сентябр кӯдакон барои таҳсил дар синфи 1 дар гурӯҳи омодагии пешазмактабии назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба мактаб тайёр карда мешаванд. Ҳамчунин, таҷриба нишон дод, ки омӯзиши барвақтӣ дар Маркази инкишофи кӯдак мувофиқи мақсад аст. Омӯзгорони марказ давраи омӯзиширо тавассути бозиҳои ҷолибу таълимии дидактикӣ ба роҳ мондаанд. Чунки дар ин синну сол бозӣ як роҳи аслии ташаккулдиҳандаи афкору фаҳмиши кӯдак ба ҳисоб меравад. Вазифаи асосии бозиҳои дидактикӣ дар он зоҳир мегардад, ки гузариши кӯдаконро ба давраи таълимию омӯзишӣ оҳиставу бамаром таъмин менамоянд.

**– Барои пешбурди фаъолияти бавусъати зинаи таҳсилоти томактабӣ кадом барномаи давлатӣ амалӣ карда мешавад?**

– Барои пешбурди соҳа бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» қабул шудааст, ки он тӯли панҷ сол аст амалӣ мегардад. Иҷрои ин барнома таҳти назорати доимӣ қарор дорад. Ҷараёни амалишавии он, ки ба рушд ва рӯйи кор овардани мутахассисони босаводу кордони соҳаи томактабӣ мусоидат мекунад, соле ду маротиба дар ҷаласаҳои Шурои миллии таҳсилот ва ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми ҶТ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Дар амри амалисозии санаду барномаҳои соҳавӣ, мутахассисони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф низ корҳои зиёдеро ба сомон расониданду мерасонанд.

**– Ташаккур барои суҳбат.**

– Саломат бошед.

*Мусоҳиб*
***Шаҳноз БОБОМУРОДОВА,***
***«Омӯзгор»***

ЗУҲУРОТИ НОМАТЛУБ

# Хатарҳои замони муосир

Дар ҷаҳони муосир бо ба миён омадани раванди ҷаҳонишавӣ омилҳои нигаронкунандаю ташвишоваре зуҳур кардаанд, ки ба фарҳангу маънавият ва тамаддуни миллату кишварҳои алоҳида таъсири манфӣ мерасонанд. Афзун бар ин, таҳдидҳои аҳзобу ҳаракатҳои сиёсии иртиҷоӣ, ки ба василаи дастгоҳи таблиғотии дурӯғини худ мағзҳои насли наврасу ҷавони камутолиаву аз фитнаю фиреби ин душманони башар ноогоҳро шустушӯ медиҳанд ва ба ҳадафҳои нопокашон то андозае комёб ҳам мешаванд, бештар мегарданд.

Татбиқгар ё иҷрокунандаи ғояҳои зиддиинсонии сардамдорони аҳзобу ҳаракатҳои мазкур гурӯҳҳои хатарзои террористию экстремистӣ ва бунёдгарони ифротии динӣ ба шумор мераванд. Принсипу ғоя ва мақсадҳои пешгузоштаи фармоишгарони пасипардагии амалҳои террористӣ дар байни мардуми бегуноҳи мамолики гуногун омилҳое чун ҳаросафканию даҳшатпароканӣ, таъқибу фишори руҳию ҷисмонӣ, зӯран бор кардани идеологияи шовинистию бадбинии халқу миллатҳои дигар мебошад. Дарвоқеъ, мубаллиғони ғояҳои ҳаракатҳои террористию тундгароии динӣ аз истилоҳу мафҳумҳои динӣ баҳри амалӣ намудани ҳадафу манофеи муғризонаи худ истифода мекунанд.

Омӯзгорон дар раванди баргузории машғулиятҳои тарбиявӣ бояд пайваста бо хонандагон аз хатарҳои рӯзафзуни гурӯҳҳои ҷангҷӯйи террористию экстремистӣ сухан ронда, таъкид бар он намоянд, ки ягон лаҳза ҳушёрию зиракии сиёсиро аз даст надиҳанду ба таблиғоти дурӯғини намояндагони ҳизбу ҳаракатҳои тундрав фирефта нашаванд. Дар ҳама ҳол ба қадри сулҳу ваҳдат, амнияту осоиштагии Ватан бирасанд.

***Қундузой МУРОДОВА,***
***омӯзгори МТМУ №4-и ноҳияи Айнӣ***

МУЛОҲИЗА

**Ҷавонон муаррифгар ва ободкунандаи имрӯзу фардои давлату миллатанд. Хушбахтона, дар кишвари азизамон дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ҷавонон фаъолият доранд, инчунин, бо донишу ҷаҳонбинии пешрафтаи хеш дар гӯшаи канори ҷаҳон кор мекунанд ва обрӯю нуфузи Ватанамонро баланд мебардоранд.**

# Неруи созандаи кишвар

Шоистаи таъкид аст, ки дар меҳвари сиёсати давлатӣ ҷавонон қарор доранд ва Пешвои миллат пайваста таъкид медоранд: «Ҷавонони мо чун наслиояндасози Ватанамон бояд ҳамеша дар пайи ҷустуҷӯи илму дониш, азхудкунии касбу ҳунарҳои муосир ва омӯзиши забони давлативу забонҳои хориҷӣ бошанд. Ҳар як ҷавон бояд огоҳ бошад, ки дар оянда танҳо тавассути аъло донистани забони давлатӣ ва ду забони хориҷӣ, алалхусус, забонҳои русиву англисӣ, инчунин истифодаи технологияҳои муосири коммуникатсионӣ пеш бурдани зиндагӣ ва дар ҷомеа мавқеъ пайдо кардан имконпазир мегардад». Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки вазифаи асосии ҷавонон мунтазам ба омӯзишу мутолиа машғул шудан, соҳибкасбу пеша гардидан ва ба ин васила, ба рушду пешрафти бештари кишвар саҳм гузоштан мебошад. Аз ин рӯ, бояд ҷавонон ҳамеша аз пайи илму дониш бираванд, то дар зиндагӣ комёбу пирӯз гарданд.

Мо-омӯзгоронро зарур аст, ки ҷавононро дар руҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ифтихори ватандорӣ тарбия ва ба камол расонем.

***С. ДЕҲҚОНОВА,***
***омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики***
***Коллеҷи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон дар шаҳри Бӯстон***

**Дар шаҳри Душанбе ҷаласаи муштараки Шурои ҳамкории башардӯстонаи кишварҳои узви ИДМ баргузор шуд.**

**БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ АДАБИИ ИТТИФОҚИ НАВИСАНДАГОНИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ М. ТУРСУНЗОДА**

# Мо нома нависем аз имрӯз ба фардо




Дар адабиёти муҳташаму муҳтавоманд ва куҳантаърихи тоҷик ғазал мақому мартабаи баланд ва устувор дорад, то ба ҳадде ки бидуни дахолат ба он наметавон мавзуеро ба таври комил шарҳу тавсиф бахшид. Чунин ба назар мерасад, ки ҳунари шоирон, каломи гуворою дилнишини онон бештар дар ғазал ба ҷилва омадаасту олами эҷодашонро фазое муаттару ҷонпарвар эҳдо кардааст. Хуршеди осмони адаб аст ғазал, хуршеде, ки ҷаҳони дилҳоро гарму мунаввар мекунад. Адабиёти тоинқилобии тоҷик лолазори ғазалро моност ва бисёр шоҳкориҳои ин адабиёти оламгиру дилпазир ба ғазал иртибот доранд. Иддае аз шоирон бо нидои «Нақди ганҷинаи сухан ғазал аст» ва «Ғазалгӯӣ далел аз комёбист» ифтихор аз он кардаанд, ки ба эҷоди ғазал даст задаву дар ин ҷода ба ҷое расидаанд. Дар поёни садаи бист зумрае аз муҳаққиқони адабиёт чунин даъво ҳам пеш оварданд, ки ғазал дигар «пир» шудаву он таровату ҳусну тавони хешро бохтааст ва акнун ба руҳияи замону мухтасоти адабиёт созгор нест. Ба он камтар бояд рӯй овард, шеъри нав бояд гуфт. Ва аммо чанде аз шоирони волосухану баландистеъдод бо эҷоди ғазалҳои дилпазиру тозамазмуни ороста бо санъатҳои шеърӣ собит карданд, ки ин жанри бостонӣ ҳаргиз «пир» намешавад, мавқеъ аз даст намедиҳад ва ҳусну тароваташ коҳиш намеёбад. Ғазал безавол аст ва умри бардавом дорад. Он ҳамоно аз маҳбубтарину мардумитарин анвои шеърӣ эътироф мешавад ва шуҳраташ рӯзафзун аст. Имрӯз тамоми шоирони тоҷик ифтихори онро доранд, ки ғазал гуфтаанду ба ин васила раҳ ба дилҳо ёфтаанд. Шоири баландистеъдоду хушзавқи тоҷик Равшани Ҳамроҳ низ ба эҷоди ғазал таваҷҷуҳманд асту солҳо боз ҳамбаста ба анвои дигари назм ғазал менависад ва дар ин самт ба эътирофу таҳсини хонандагон шарафёб гардидааст. Дар ғазалнигорӣ ин шоири мумтоз сабку услуби вижаи худро дорад, нигоштаҳояш дар ин боб равону самимӣ ва дилпазиру зеҳннишинанд. Дилбастагии ӯ ба ғазалро ин далел ҳам собит мекунад, ки дар китоби тозанашраш «Шасти Равшан» (Душанбе: Истеъдод, 2023. - 384 саҳ.) маҳз ҳамин жанри собиқадор мавқеи асосӣ дарёфтааст. Ғазалҳои шоир мавзуъҳои гуногунро фаро гиранд ҳам, дар онҳо тараннуми ҳусни диёр ва ситоиши хисоли нек ҷилое бештар, обуранге тозатар дорад. Ин ҳамбаста бо он аст, ки ӯ табиатан шоирест хайрхоҳу хушбин ва меҳанпарасту ҳақиқатнигор. Таъсири шахсияти эҷодкорро ба нигоштаҳояш аҳли таҳқиқ борҳо таъкид бо далелҳое фаровон ва раднопазир кардаанд.

Чунин ба назар мерасад, ки гоҳи ғазал гуфтан сухани шоир бештар гарму нарм ва ҷолиб мешавад, корагари дилҳо мегардад. Дар гуфтори ӯ дардро ҳам метавон ба мушоҳида гирифту дармонро ҳам метавон дарёфт, ончунонки худ мегӯяд, «Мекашам сад сина оҳи сард, мегӯям ғазал», «Аз дили шайдои ҳарҷогард мегӯям ғазал» ва «Дар ҷавоби чархи ноҷогард мегӯям ғазал». Аз ғазалиёти шоир пораҳои зиёдеро метавон ба ҳукми далел овард, ки аз тарзи баёни саҳеҳ ва зарифонаю пурҷозибаи иртибот бо мушоҳидаҳои ҷолиб доштаи ӯ бозгӯӣ мекунанд. Аз ин лиҳоз, пораи зер шоистаи таваҷҷуҳ аст:

**Мурғакон бо мурғакон бисёр суҳбат мекунанд,**
**Сабзаву себарга бо анҳор суҳбат мекунанд.**
**Рафта мурғак аз насими субҳ бо начвои худ,**
**Хӯшаҳо дар кишти гандумзор суҳбат мекунанд.**
**Дар забони безабонӣ ҳаст маъниҳо ниҳон,**
**Чашмҳо аз лаззати дидор суҳбат мекунанд…**
**Аз ҷудоӣ, ошноӣ, бевафоӣ, аз алам**
**Сангҳо дар домани кӯҳсор суҳбат мекунанд.**

Мушоҳидаҳои шоиронаю маъниҷӯёнаи Равшани Ҳамроҳ вобаста ба табиати диёр бисёр амиқу бофайзанд ва боис ба нумуи маъниҳои тоза ва ташбеҳоту иборaю ифодаҳои рангину муҷалло гардидаанд. Умуман, муҳаббати ин шоири хушбаён ба табиат хеле самимист, замина ба меҳру Ватан, ба эҳтироми ҳар гулу гиёҳу нахли диёр дорад. Шоир дар оғӯши табиати биҳиштосои кишвар будан ва аз наззораи зебоиҳои он лаззат бурдану бо дарахтон суҳбат карданро барои хеш ормони ҳамешагӣ ва нишоту саодатмандии беназиру файзбахш медонад ва дар ин замина хеле самимона, бо лаҳни гуворою руҳнавоз тараннум ва илтиҷо мекунад:

**Монед ман нишинам дар суҳбати дарахтон,**
**Як ҳота гул бичинам дар суҳбати дарахтон.**
**Ҳар барг-барги дафтар, рагҳо-ш мисраи тар,**
**Шеъри тар офаринам дар суҳбати дарахтон…**
**Бо навдаҳо бирақсам, бо барг каф бикӯбам,**
**Бахт аст зери зинам дар суҳбати дарахтон.**

Дар эҷоди ғазал шоир ба мавзуи ишқ, ки дар ғазалнигорӣ аз мавзуъҳои меҳварист, ба нудрат таваҷҷуҳ зоҳир кардааст ва ин ҳолатро шояд кӯшиши дурӣ ҷустан аз умумигӯиву такрори сухан сабаб бошад. Воқеан, дар мавзуи мазкур ҳам дар адабиёти классикӣ ва ҳам дар адабиёти муосир он қадар ғазал гуфта шудааст, ки ҳисоб надорад. Гӯиё ин холигоҳи ғазалиёташро шоир бо гуфтани як силсила ғазалҳои тозагароёна дар мавзуи иҷтимоӣ ҷуброн кардааст. Дар ин мавзуъ сухан гуфтан кӯшишу заҳмату тавонмандӣ ва ҷасорати бештаре металабад. Ба «тани номавзун»-и мавзуи иҷтимоӣ кашидани пероҳани зебою рангини ғазал саҳл коре нест, бо забони шеър маҳкум кардани нуқсонҳои ҷомеа ва садои эътироз баланд кардан ба рағми аъмоли номақбулу афроди бадсиришт на ҳар шоирро дар сатҳи аҳсант мушарраф мегардад, вале Равшани Ҳамроҳ дар ин кор дасти боло дорад. Порaи зер аз як ғазали шоирро вобаста ба ин гуфтаҳо иқтибос меоварем (чунин пораҳо дар осори ӯ зиёданд):

**Замоне шуд, ки кас аз кас гурезад,**
**Наёбад раҳ зи пеш, аз пас гурезад.**
**Фирорӣ шуд дилам аз бетамизон,**
**Чу гунҷишке, ки аз каргас гурезад.**
**Ба тақлиди фаранг он гуна ғарқем,**
**Ки тоҷикдухтар аз атлас гурезад.**

Китоби «Шасти Равшан», ҳамчунин, як силсила мухаммас, рубоию дубайтӣ ва чаҳорпораву шеъри озодро дар бар гирифтааст, ки далел аз корбасти жанрҳои гуногун дар эҷодиёти шоир мебошад. Рубоиёту дубайтиҳои Равшани Ҳамроҳ як навъ ҳамоҳангию шабоҳат бо ин жанрҳои маъруф дар осори устодон Лоиқу Гулназар доранд ва дар онҳо самимияту равонии сухан афзалият пайдо кардааст. Шоир кӯшидааст, ки ҳар гуфтааш аз лутфею назокате бархурдор бошад, фараҳмандию руҳбаландие ба хонанда эҳдо кунад. Воқеан, рубоию дубайтӣ ва ба вижа, дубайтиро бештар аз ҳама умдагиҳояш маҳз ҳамин хусусияташ байни мардум мақбулу маҳбубу дилписанд кардааст ва ин хусусиёт дар дубайтиҳои халқии тоҷикӣ ба ҳадди аъло расида. Таваҷҷуҳ ба ин ду дубайтии Равшани Ҳамроҳ бикунем; дар онҳо сухан дар назари аввал хеле содаву муқаррарист, вале дар асл дар ин дубайтиҳо тозагӯию навгониҳо ба мушоҳида мерасанд. Дар дубайтии нахуст шоир поси Ватанро бо поси сухан даромехта, ҳарфу ҳиҷояшро маънирезу муассир ва дилпазир кардааст:

**Бародарҳо, Ватанро пос доред,**
**Чу мурғон ин чаманро пос доред.**
**Ватан то зинда монад дар суханҳо,**
**Шумо аҳли суханро пос доред.**

Дубайтии дуюм низ бисёр ҷолибу навоварона аст ва сухани шоир манзараи аҷиберо пеши назар падид меоварад ва ин манзара ҳам зеҳннишин асту ҳам хеле маърифатбахш:

**Шабе, ки дар чарогаҳ монда будам,**
**Чу пода абрҳоро ронда будам.**
**Ҳама буданд шеъри гиряолуд,**
**Китоби абрҳоро хонда будам.**

Бад-ин гуна, рубоиёти шоир низ шоистаи таваҷҷуҳанд ва навгониҳою тозагӯиҳо доранд, аз хусусиёти дубайтиҳояш бархурдоранд ва ин маврид бояд афзуд, ки Равшани Ҳамроҳ дар эҷоди рубоӣ ба тасвиргароӣ таваҷҷуҳе бештар зоҳир кардаву ба комёбӣ ҳам расидааст. Аз ин хусус бо овардани танҳо як рубоӣ иктифо мекунем:

**Борон ба либоси нахлҳо оҳар кард,**
**Бар гардани шох шаддаю гавҳар кард.**
**Дар косаи санг шири боронро дид,**
**Хуршеди баҳор нони худро тар кард.**

Равшани Ҳамроҳ аз шоирони бисёр хубу сарагӯйи адабиёти муосир аст, ки мутаассифона, эҷодиёташ то ҷое аз назарҳо дур мондааст, ба вижа, аз назари аҳли таҳқиқ. Вақте ки шоир «Қалам сар мезанам дар теғаи кӯҳ», «Ғайри борон додару ҷуз гул маро хоҳар набуд», «Девори бадан нам бизанад аз аламу ашк», «Монанди қалам кам бишудам хӯрда худамро», «Хуршед мӯяшро кушод, аз дӯши кӯҳистон фитод», «Аз пайи рӯзӣ сафедӣ ёфт мӯйи осиёб», «То дилат ҳарф нагӯяд, ба қалам ҳеҷ магӯй»... мегӯяд, ба ҳунару истеъдоди нигорандагии ӯ метавон сахт эътимод баст, бовар кард.

Ба дарёфти Ҷоизаи адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода пешбарӣ шудани китоби ашъори Равшани Ҳамроҳ «Шасти Равшан» шаҳодат аз он аст, ки воқеан, эҷодиёти ин шоири хушсухану тозагӯй шоистаи таваҷҷуҳ ва арзишдорист. Бовар дорем, ки ӯ ба ин ҷоизаи бонуфуз шарафёб мегардад, чун дар арсаи эҷод шиоре ифтихорию масъулиятбор дорад:

**Мо нома нависем зи имрӯз ба фардо,**
**То ин ки ба зери фалаки ҷомакабудем.**

*Абдурауф МУРОДӢ,*
*узви ИНТ*

**ҶАШМАНДОЗ**



# МАОРИФИ ҶАҲОН

**Тимори Шарқӣ**

Таҳсилоти олии Тимори Шарқӣ аз ҷониби донишгоҳҳои давлатӣ, хусусӣ ва омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ пешниҳод мегардад. Забони таҳсил португалӣ буда, дар баъзе аз муассисаҳо барномаҳо бо забони англисӣ низ дастрасанд. Соли таҳсил дар мактабҳои олии Тимор аз моҳи феврал оғоз шуда, то декабр давом мекунад ва аз ду нимсола иборат аст.

Донишгоҳҳои ин кишвар барномаҳои гуногуни бакалаврӣ, магистрӣ ва доктoриро пешниҳод менамоянд. Донишгоҳи миллии Тимори Шарқӣ, Донишгоҳи Дили, Донишгоҳи католикии Тимори Шарқӣ (хусусӣ) ва Донишкадаи политехникии Тимори Шарқӣ аз муассисаҳои олии бонуфузи мамлакат ба ҳисоб мераванд.

**Ветнам дар SEA-PLM**

SEA-PLM барномаест, ки бо ташаббуси ташкилоти вазирони маорифи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, фонди минтақавии Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид ва фонди минтақавӣ барои Осиёи Шарқӣ ва Уқёнуси Ором оғоз шудааст. Мақсади SEA-PLM арзёбии дараҷаи саводнокии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, бахусус, дар хондан, навиштан ва математика мебошад. Барномаи мазкур ҳар 5 сол амалӣ мегардад ва дар ин давра 7 кишвар: Камбоҷа, Тимори Шарқӣ, Лаос, Мянма, Малайзия, Филиппин ва Ветнам ширкат доранд

Тибқи арзёбии натиҷаҳои омӯзиш, хонандагони синфҳои ибтидоии Ветнам ба сегонаи беҳтаринҳо дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар ҳар се самт – математика, хондан ва навиштан ҷой гирифтаанд.

**Юнон**

Дар Юнон таҳсил барои кӯдакони аз 6 то 15-сола ҳатмист. Дар мактабҳо фанҳоро ба асосӣ ва иловагӣ ҷудо кардаанд. Ба гурӯҳи асосӣ математика, забони англисӣ, тарбияи ҷисмонӣ, санъат ва мусиқӣ дохил мешаванд, ки миқдори соатҳои дарсӣ дар як ҳафта аз муаллим вобаста аст. Ба гурӯҳи фанҳои иловагӣ бошад, физика, география, таърих, забони дуюми хориҷӣ ва ҷомеашиносӣ шомиланд.

Дар мактабҳои ибтидоии Юнон таҳсил 6 сол давом мекунад. Баъд аз он хонандагон ба мактаби миёна гузашта, дар риштаи варзиш, мусиқӣ ва ғайра таҳсил мекунанд. Низоми баҳогузорӣ дар муассисаҳои миёна 20 хол буда, барои аз синф ба синф гузаштан хонанда бояд ҳадди ақал 10 холро ба даст орад.

**Либерия**

Дар Либерия таҳсилоти томактабӣ зинаи аввали таълимӣ ба ҳисоб рафта, барои кӯдакони аз 3 то 5-сола пешбинӣ шудааст. Аммо дар кӯдакистонҳо чандин мушкили ҷиддӣ вуҷуд дорад. Танҳо кӯдакони шаҳр ба боғчаҳои бачагона дастрасӣ доранд. Дар деҳот шумораи кӯдакистонҳо кам мебошад.

Инчунин, мутахассисони соҳаи томактабӣ намерасанд ва аксари мураббиён соҳибмаълумот нестанд.

**Украина**

Дар баробари таҳсилоти миёна дар Украина таҳсилоти касбӣ-техникӣ низ маъмул аст. Хонандагон метавонанд баъди хатми синфи 9 ба коллеҷ, литсей ё омӯзишгоҳҳо дохил шуда, соҳибкасб гарданд. Баъди хатми ин зина донишомӯзон соҳиби шаҳодатнома ё диплом мешаванд. Таҳсилоти касбӣ-техникӣ барои омода намудани наврасону ҷавонон ба соҳаҳои махсус-барномасозӣ, электротехника, муҳосибӣ, хӯрокпазӣ, дизайн ва монанди инҳо мусоидат менамояд.

*Таҳияи Ирода ТИЛАБОВА,*
*«Омӯзгор»*

**Дар шаҳри Душанбе ҷаласаи Шурои байниҳукуматии лоиҳаи «CASA-1000» баргузор гардид.**

*Мушк аст сухан, нофаи ӯ хотири доно,*
*Маънӣ бувад он мушк, ки аз нофа бароранд.*
*Носири Хусрав*



ТОЗАНАШР

## «Садои зангӯлаҳо»



Китоби нави нависандаи номвар, барандаи Ҷоизаи адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Марямбонуи Фарғонӣ бо номи «Садои зангӯлаҳо» (Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2025. – 216 с.) ба табъ расид. Дар китоб қиссаи «Хумор», ҳикояҳои «Қиссаи кампири Ширмоҳӣ, вомбарг ва дарди кӯҳнаи ман», «Табаробод», «Санги соҳибном», «Достони ману ишқи лӯлидухтар», «Кош, барфак будаме», «Тухфаи идонаи набераам», «Афсона барои хурдтаракон», «Ҳусни марг», «Хоби андар ангораи субҳдам дидам», «Сафаргуфтаҳои кампири Момогул» ва тарҷумаҳои «Самбӯсаҳои алафӣ», «Довона», «Колумб» гирд оварда шудаанд.

Ин қиссаву ҳикояҳо, ки таҳрикбахши ангезиши хотироти айёми кӯдакию наврасии адиб махсуб меёбанд, саршор аз меҳру муҳаббат, садоқату самимият, покию рафоқатанду ба хонанда таассуроти неку андарзбор мегузоранд ва муҳимтар аз ҳама, ӯро ба фарзанди содиқи халқу Ватан будану шоиста зистан даъват мекунанд.

Забон ва ҳусни баёни нависанда равону шево буда, нигоштаҳои ӯ баргирифта аз ҳаёти воқеиянд ва тасвири лаҳзаҳои ҷолибу ибратбахш хонандаро ба ростиву росткорӣ, некиву накукорӣ, дӯст доштани Ватан, ҳифзи арзишҳои миллӣ, дар руҳияи худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори ватандорӣ тарбия намудани насли наврас ҳидоят мекунанд.

## «Устод Айнӣ, таърих, сиёсат»



Омӯзиши корномаи шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ ба мо имкон медиҳад, ки аз як тараф, нақши онҳо дар раванди давлатдории миллӣ муайян шавад, аз ҷониби дигар, саҳифаи нав дар таърихи илму фарҳанг ва маърифати ҷомеа боз тоза худро ёбад. Яке аз ин гуна шахсиятҳои воқеан, ватандӯсту хештаншинос, ки дар роҳи ҳифзи арзишҳои миллӣ ва бунёди давлати навини тоҷик аз худ қаҳрамонӣ нишон додааст, устод Садриддини Айнӣ мебошад, ки бо таълифи асарҳои илмию таърихӣ ва бадеию публитсистӣ дар баланд бардоштани маърифати ҷомеа, ҳувияти миллӣ ва худшиносиву худогоҳии ҷомеа хидмати шоиста намудааст. Аз ин ҷост, ки имрӯз доир ба фаъолияти эҷодӣ, асарҳои мондагор ва корномаи устод Айнӣ пажуҳишҳои фаровон анҷом дода мешавад. Китоби нави номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири нашрияи «Омӯзгор» Эҳсон Сафарзода «Устод Айнӣ, таърих, сиёсат» (Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2025. – 160 с.) ба муҳимтарин паҳлуи фаъолияти эҷодии нависандаи номвар – публитсистикаи сиёсӣ бахшида шудааст. Дар китоб асарҳои «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро», ки намунаи аввалини асарҳои таърихию публитсистӣ, ки дар ташаккули ҳувияти миллии тоҷикон нақши босазо гузоштаанд, ба таври ҷудогона ва дар муқоиса мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф бо далоили илмӣ аҳаммияти сиёсии рисолаҳои таърихии Садриддин Айнӣ ва таъсири онҳоро дар худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Китоб фарогири се мақолаи пурмуҳтавои илмӣ – «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва натиҷагирӣ», «Ҳақиқати таърихӣ дар «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Нақши публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ дар бедории фикрӣ ва ҳувияти миллӣ (дар заминаи омӯзишу таҳқиқи «Таърихи инқилоби Бухоро», хулоса ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст.

Китоби мазкур барои муҳаққиқони соҳаи журналистика, таърихнигорон, сиёсатшиносон, ҷомеашиносон ва доираи васеи хонандагон муфид мебошад.

## «Этикаи касбии журналист»



Дар ҷаҳони муосир нақши воситаҳои ахбори омма барҷаста буда, роҳҳои гуногуни расонидани иттилоот ба вуҷуд омадааст, ки агар аз як тараф, масъулиятро ҳангоми расондани ахбор бештар гардонад, аз ҷониби дигар, риоя намудани меъёрҳои ахлоқии фаъолияти рӯзноманигорон дар меҳвар қарор мегирад. Ба ин маънӣ, вазифаҳои зиёдеро дар назди муҳаққиқон ва устодону омӯзгорони факултету шуъбаҳои журналистика мегузорад. Бинобар ин, имрӯз дар факултету шуъбаҳои журналистикаи мактабҳои олии кишвар «Этикаи касбии журналист» фанни алоҳида дарс дода мешавад ва ҳамчун мавзуи таҳқиқӣ дар ин самт чандин рисолаи илмӣ ҳимоя шудааст. Вобаста ба масъалаи мазкур китоби номзади илми филология, устоди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Мутриба Бобоҷонова «Этикаи касбии журналист» (Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2024. – 180 с.) ба табъ расид, ки аввалин дастури таълимӣ-методӣ ба шумор меравад. Дастури таълимии зикршуда бо таҳлилу баррасии маводу маводи ВАО асосҳои фаъолияти этикаи касби журналистро инъикос мекунад. Дастури таълимӣ-методӣ таърихи ташаккул ва рушди этикаи касбӣ, принсипҳои байналхалқии этикаи касби журналист, меъёрҳои этикаи касбии журналист дар замони Шуравӣ, меъёрҳои ахлоқи фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон, Шурои ВАО ва моҳияти фаъолияти он, мақомоти давлатӣ ва ВАО: ҳамкорӣ ва масъалаҳои риояи этикаи касбӣ ва эътирофи эҳтимоли беғунохӣ, маданияти касбӣ ва бегаразӣ дар фаъолияти журналистӣ, инъикоси ҳаёти кӯдакон дар ВАО ва махсусиятҳои риояи этикаи касбӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Дастури мазкур барои донишҷӯёну магистрантон ва унвонҷӯёни омӯзгорони факултету шуъбаҳои журналистикаи мактабҳои олӣ судманд ва саривақтӣ мебошад.

## «Асосҳои веб-дизайн ва эҷоди сомона»



Бо рушди технологияи навин шаклу намо ва фаъолияти матбуот ҳам аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво ва ҳам ороиш тағйир ёфтааст. Зеро бо шаклу шеваи ҷолиб ороиш додани рӯзномаву маҷалла ва сомонаҳо таҷозо мекунад, ки рӯзноманигорон аз технологияи компютерӣ, барномасозӣ ва дигар анвои фаъолияти журналистӣ ба таври фарогир бархурдор бошад. Имрӯз дар факултету шуъбаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар хусуси веб-дизайн ва эҷоди сомона фанни алоҳида ҷорӣ шудааст, ки таълифу таҳияи дастуру китобҳо дар ин самт қадами устувор дар роҳи донистани барномасозӣ дар соҳаи журналистика ба ҳисоб меравад. Китоби нави номзадҳои илми филология Мутриба Бобоҷонова ва Эҳсон Сафарзода «Асосҳои веб-дизайн ва эҷоди сомона» (Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2025. – 136 с.) ба ин мавзуъ бахшида шудааст.

Дастури таълимӣ-методии «Асосҳои веб-дизайн ва эҷоди сомона» фарогири мавзуъҳои мубрами барномаҳои компютерӣ дар фаъолияти эҷоди журналистӣ буда, омӯзиши он ба донишҷӯён, магистрантон ва аспирантоне, ки тахассусашон бевосита ба медиа, технологияи муосир, дониш ва малакаи веб-дизайн ва графикаи компютерӣ алоқаманд аст, муфид мебошад. Китоби мавриди назар аз 16 мавзуи дарсӣ иборат буда, ҳар як мавзуъ ба таври фарогиру ҳамаҷониба барои истифодаи самараноки технология дар раванди фаъолияти рӯзноманигорон мусоидат мекунад.

Дастури таълимӣ барои доираи васеи устодону донишҷӯён, алоқамандони соҳаҳои журналистика ва технологияи иттилоотиву барномасозӣ аз аҳаммияти вижа бархурдор мебошад.

*Н. ОХУНЗОДА,*
*«Омӯзгор»*

## ЭЪТИБОР НАДОРАНД

Шаҳодатномаи гумшудаи А №245297, ки онро соли 1995 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №24-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Ғафоров Абдуаҳад Абдусамадович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТА №0888006 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2019 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №29-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Идигули Ҳомид додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи А №112956, ки онро соли 1991 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10-и ноҳияи Айнӣ ба Раҳимов Ғолибҷон Эгамович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУХ №0000237, ки онро соли 2022 МТХ Мактаби муосири байналмилалӣ ба Сайдахмадова Самина Мусожоновна додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №0525101, ки онро соли 2018 гимназияи хусусии «Тоҷикистон» ба Ҳамдамзода Саидшоҳ Абдусамад додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №0540942, ки онро соли 2018 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №24-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Кабиров Бежан Хуршедович додааст, эътибор надорад.

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

## Филворди «Саёҳатчиёни машҳур»

Хонандагони азиз! Дар ин нақша исми 14 (чордаҳ) саёҳатчии машҳури олам нуҳуфтааст. Барои ёрӣ ба шумо исми 2 (ду) нафари онҳоро ишора намудем: Колумб ва Магелан. Номи 12 (дувоздаҳ) нафари дигарро ёбед.

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Б | Н | А | Н | Р | Е | С | П | И |
| Е | С | О | Н | М | В | Е | И | Р |
| Л | Е | Р | Г | А | О | М | П | Г |
| Л | Б | И | Н | К | Н | Ё | О | У |
| И | К | Ч | У | П | С | Е | Л | М |
| Н | У | Ч | С | Е | Н | В | О | Б |
| С | К | И | Д | Н | У | М | Т | О |
| Г | А | У | З | Е | Н | А | Д | Л |
| К | О | Л | У | М | Б | М | А | Г |
| Т | Д | И | М | Ш | Н | А | Л | Е |

*Мураттиб Сайдалӣ ЁҚУБОВ, омӯзгори географияи МТМУ №50, шаҳри Ҳисор*

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.
ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД
ОМӮЗГОР
НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА 225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Абдулло РАҲМОНЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Насриддин ОХУНЗОДА (ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотами ҲОМИД 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА (муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА
Хуршеда АЗИЗОВА (шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Сухроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61 (масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА (ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 42722 нусха

Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора Ш. Раҷабзод